**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 343.7(575.3)
**ТКБ:** 67.99(2Т)8
**А-**13

**АБДУСАЛОМЗОД НЕКРУЗ АБДУСАЛОМ**

# РОҲЗАНӢ: МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТӢ ВА БАНДУБАСТИ ОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор
**ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

**МУНДАРИЧА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ....................3-4**
**МУҚАДДИМА..........................................................................................5-19**
**БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ РОҲЗАНӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ОН...................................................................20-51**
1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ (1917-2025)...........................................................20-35
1.2. Ҷавобгарии барои роҳзанӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ.........................................................................................................35-51
**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ РОҲЗАНӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...........................................................................................52-125**
2.1. Масоили муайян намудани объекти роҳзанӣ.......................................52-78
2.2. Тарафи объективии роҳзанӣ..............................................................78-103
2.3. Аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ.........................................103-117
2.4. Субъекти роҳзанӣ...............................................................................117-125
**БОБИ 3. БАНДУБАСТИ РОҲЗАНӢ ДАР НАЗАРИЯИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ, АМАЛИЯИ ТАФТИШОТӢ ВА СУДӢ..............................126-191**
3.1. Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ.................................126-144
3.2. Аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ.................144-176
3.3. Ҷудо намудани роҳзанӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд...................176-191
**ХУЛОСА..............................................................................................192-195**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ................................................................................................195-198**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)...................................................199-223**
**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.................................................................................................................224**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**

**АМО ҶТ – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

**ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

**КҶ – Кодекси ҷиноятӣ**

**КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КМ ҶТ – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҶШФСР – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия**

**ҶМШС Тоҷикистон –Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон**

**КҶ ҶШС Ӯзбекистон –Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон**

**КҶ ҶШС Тоҷикистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон**

**КИМУ– Кумитаи иҷроияи марказии умумироссиягӣ**

**КИМ – Кумитаи иҷроияи марказӣ**

**КМҶ ИДМ – Кодекси Моделии ҷиноятии ИДМ**

**КҶ ФР – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия**

**КҶ Қазоқистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон**

**КҶ Қирғизистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон**

**КҶ Ӯзбекистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**КҶ Украина – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина**

**КҶ Беларус – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус**

**КҶ Озарбойҷон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон**

**КҶ Арманистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон**

**КҶ Туркманистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон**

**КҶ Молдова – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова**

**КҶ Литва – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва**

**КҶ Эстония – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония**

**КҶ Фаронса – Кодекси ҷиноятии Фаронса**

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ШКХ – Шурои комиссариати халқӣ**

**ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ**

**ФР – Федератсияи Россия**

**ғ. – ғайра**

**с. – сол**

**с. – саҳифа**

**С. – саҳифа**

**қ. – қисм**

**б. – банд**

**м. – модда**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷумҳурии Тоҷикистон «пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ – бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ... бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст» [227].

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз намуданд: «...рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Яъне таъмин намудани амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [12].

Дар айни замон, мутобиқи м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [1].

Дар баробари ин, «давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1] (қ.2 м.12 Конститутсияи ҶТ). Дар амалӣ намудани ин вазифа нақши асосиро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебозанд. Аз ин рӯ, такмили фаъолияти онҳо бояд ҳамчун як қадами воқеӣ ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон арзёбӣ гардад. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои содир гардидани роҳзанӣ  (м.249 КҶ ҶТ) аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Барои ин ҷиноят истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатии инсон хавфнок аст ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ хос буда, онро ба яке аз шаклҳои аз ҳама хавфноки таҷовузҳои ҷиноятӣ ба моликият табдил медиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб таҳқиқи моҳияти роҳзанӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмил додани қонунгузории амалкунанда оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани он муҳим ва зарур мебошад.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мондааст. Сарфи назар аз он ки мақомоти дахлдор чораҳои гуногун, аз ҷумла тасдиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ бо тағйиру иловаҳои ҷиддӣ барои пешгирии ҷинояткорӣ амалӣ менамоянд, сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар ҳамоно афзоиш ёфта истодааст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, агар соли 2023 дар кишвар 21319 ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2024 ин нишондод қариб ҳазор адад афзуда, ба 24 ҳазору 118 ҷиноят расидааст.

Аз рӯйи намуди ҷиноятҳо бештар ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла дуздӣ ва қаллобӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар садри рӯйхати ҷиноятҳо қарор доранд. Шумораи роҳзаниҳои бақайдгирифташуда низ ба таври назаррас афзудааст. Масалан, агар соли 2019 ҳамагӣ 29 ҳолати роҳзанӣ сабт шуда бошад, пас соли 2020–33, 2021–38, 2022–38, 2023–19,2024–33, шаш моҳи аввали соли 2025–57 ҳолати содиршавии роҳзанӣ ба қайд гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аллакай теъдоди зиёди корҳои илмие вуҷуд дорад, ки ба масъалаҳои тафсири аломатҳои алоҳидаи объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти роҳзанӣ, ки ҳангоми бандубасти он ба вуҷуд меоянд, бахшида шудаанд. Масалан, масъалаҳои тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзаниро дар асарҳои худ олимон, аз ҷумла М.И. Бажанов, А.В. Бойсов, А.Г. Безверхов, Л.Д. Гаухман, В.П. Емелянов, М.М. Исаев, Г.Л. Кригер, С.М. Кочои, Н.И. Лопашенко П.С. Матишевский,

В.В. Малсев Л.Г. Хулапова, В.В. Хилюта, ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Бо вуҷуди ин, дар назария ва амалияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳои баҳсталабе боқӣ мондаанд, ки таҳқиқоти қаблӣ дар мавриди онҳо ҷавобҳои ягона надодаанд ва доир ба онҳо баҳсу мунозираҳои фаъол идома доранд. Аз ҷумла, дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ аксар вақт саволҳои баҳсталаб оид ба ҷудо кардани роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ба он монанд, пеш аз ҳама аз ғоратгарӣ ва тамаъҷӯӣ ба миён меоянд. Инчунин, масъалаҳое низ мавҷуданд, ки бо татбиқи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷинояти роҳзанӣ вобастаанд ва ба омӯзиши амиқи илмӣ ниёз доранд.

Муайян кардани чунин ҳолатҳо дар қонунгузорӣ ва дигар аломатҳое, ки дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии роҳзаниро нишон медиҳанд, ба таври гуногун арзёбӣ мегарданд. Аз ин сабаб, масъалаи таъмини ягонагии тафсир ва асосноккунии онҳо ба миён меоянд.

Масалан, дар мавриди моҳияти тарафи объективии ҷинояти роҳзанӣ, пеш аз ҳама дар хусуси мафҳуми муҳим ба монанди «ҳуҷум», назари ягона вуҷуд надорад. Ҳамчунин, масъалаи бандубасти ҳуҷуми роҳзанонае, ки дар рафти он ба саломатӣ зарари вазнин расонида шуда, он аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, низ ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Ба ақидаи муаллифи рисолаи илмӣ, масъалаҳои дар боло зикршуда зарурати таҳлили иловагии ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо роҳзаниро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ ба муқобили моликият нишон медиҳанд. Ин таҳлил талаб мекунад, ки як қатор мафҳумҳои ҳуқуқӣ мушаххас ва дақиқ гардонида шуда, хусусиятҳои бандубасти ҷинояти роҳзанӣ ва фарқияти он аз дигар ҷиноятҳои шабеҳ амиқтар дарк карда шаванд. Маҳз ин омилҳо барои интихоби мавзуи мазкури тадқиқоти диссертатсионӣ замина гузошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро таъкид менамоянд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ, аз ҷумла ғоратгарӣ то ин ё он дараҷа дар асарҳои олимони зерин инъикоси худро пайдо намудааст,ба монанди УА. Азиззода [182, с. 413], С.Э. Бахриддинзода [156, с. 98-102], Н.А. Кудратов [201, с. 28], Қ.Х. Мирзоев [205, с. 229] Р.Х Раҳимзода [210, с. 72], М.Ҷ. Раҳмонзода [212, с. 182], К.Д. Раҷабов [209, с. 175], Ш.Н. Саидзода [214, с. 181], А.И. Сафарзода [216, с. 396], К.Х. Солиев [114, с. 275], Ш.Л. Холиқзода [176, с. 559-560], Т.Ш. Шарипов [178, с. 557-559], Р.И. Шарипов [225, с. 21].

Аз олимони хориҷӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони зерин ба монанди М.К. Алиев [183, с. 221], А.А. Арзуманян [184, с. 175], И.Г. Барсукова [186, с. 25], Д.В. Барченков [187, с. 187], В.М. Вюнов [192, с. 213], В.Ю. Казанков [199, с. 198] мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар маҷмуъ, муаллифони зикршуда ҷанбаҳои гуногуни ҷинояти роҳзаниро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки то кунун таҳқиқоти амиқу ҳамаҷониба оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ, хусусиятҳои бандубасти он, тафовути роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ба он наздик ва роҳҳои беҳтар намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ анҷом наёфтаанд. Аз ин рӯ, зарурати гузаронидани таҳқиқоти муфассал дар ин самт боқӣ мемонад.

Танҳо дар рисолаи докторӣ ва баъзе асарҳову мақолаҳои Қ.Х. Мирзоев, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, К.Д. Раҷабов, А.И. Сафарзода, Р.И. Шарипов, масъалаҳои марбут ба объекти хелии ғоратгарӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ карор дода шудааст.

Новобаста аз саҳми назарраси олимон дар таҳқиқи назариявии масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, то имрӯз масъалаҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ва хусусиятҳои бандубасти он ба омӯзиши

ҳамаҷониба ва амиқ эҳтиёҷ доранд. Дар шароити кунунӣ аҳаммияти таҳқиқоти муфассали ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар робита ба роҳзанӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Махсусан, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз нисбати мафҳуми «тасарруф», инчунин мавқеи ҷинояти роҳзанӣ дар сохтори Қисми махсуси КҶ ҶТ нуқтаи назари ягона ва устувор ба назар намерасад.

Бо назардошти ин ҳолатҳо, масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ ва амалии имрӯза ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021–2025)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот ба таври маҷмуӣ ва низомнок баррасӣ намудани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, инчунин таҳия ва пешниҳоди таклифу тавсияҳои мушаххас ҷиҳати такмили ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии моликият дар Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи мақсади гузошташуда вазифаҳои асосии зерин муайян карда шудаанд:

– омӯхтани марҳилаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ;

– гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти роҳзанӣ бо ҳадафи муайян намудани имкониятҳои истифодаи таҷрибаи мусбати онҳо;

– амалӣ намудани тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии таркиби роҳзанӣ (аломатҳои объективӣ ва субъективии он);

– таҳлили аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таркиби

роҳзанӣ, дар заминаи асосноксозии онҳо;

– таҳқиқ намудани масъалаҳои баҳсталаби ҷудо намудани роҳзанӣ аз таркибҳои ҷиноятии ба он наздик;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба қонуниятҳои пайдоиш ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, меъёрҳои муайянкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ва меъёрҳои дигари КҶ ҶТ дар робита бо ҷинояти мазкур, ҳамчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба роҳзанӣ ва таҷрибаи судии мамлакат оид ба баррасии парвандаҳои роҳзанӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал, низомнок ва амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар доираи ин таҳқиқот, марҳилаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1917 то 2025 вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳлил карда шудаанд. Ҳамзамон, барои ғанӣ гардонидани муҳтавои таҳқиқот ва муқоисаи масъалаҳои гуногуни роҳзанӣ аз адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ ва таҷрибаи қонунгузории баъза аз давлатҳои хориҷӣ низ истифода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси пажӯҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳангоми омода кардани таҳқиқот як қатор манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирӣ қарор

дода шуданд.

Ҳангоми омодасозии тадқиқоти мазкур муаллиф ба асарҳои илмии як қатор олимони ватанию хориҷӣ такя намудааст. Аз ҷумла, аз осори олимони ватанӣ: У.А. Азиззода, С.Э. Баҳриддинзода, Н.А. Қудратов, Қ.Х. Мирзоев, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, К.Д. Раҷабов, Ш.Н. Саидзода, К.Ҳ. Солиев, А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов, Р.И. Шарипов, инчунин аз таҳқиқоти олимони хориҷӣ, ба монанди М.К. Алиев, А.А. Арзуманян, Д.В. Барченков, И.Г.Барсукова, В.М. Вюнов, В.Ю. Казанков ва дигарон истифода кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти назарияи маърифат ва назарияи умумии ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои илмии зерин истифода гардиданд: диалектикӣ – имкон дод, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ тавассути омӯзиши амиқи категорияҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳам дар ҳолати нисбатан статикӣ ва ҳамзамон дар ҳолати рушду инкишоф баррасӣ карда шавад; таърихию ҳуқуқӣ – барои муайян кардани решаҳои таърихӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ истифода шуд; системавӣ– сохторӣ – барои муайян намудани мавқеи таркибҳои ҷиноятҳои дахлдор дар системаи меъёрҳо ва категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гардид; догматикӣ – ҳангоми таҳлили меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои роҳзанӣ муқаррар мекунанд, истифода шуд; муқоисавӣ–ҳуқуқӣ – ҳангоми муқоисаи меъёрҳои омӯхташавандаи КҶ ҶТ бо якдигар ва бо меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар истифода гардид.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии диссертатсияро маводҳои амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷинояти роҳзанӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот маълумоти омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба

давраи солҳои 2020–2024 марбут мебошанд, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шуд. Дар ин замина зиёда аз 100 парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба роҳзанӣ тибқи моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва натиҷагирӣ карда шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки ин  диссертатсия нахустин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки таркиби роҳзаниро дар доираи КҶ ҶТ баррасӣ мекунад. Дар асоси таҳлили муфассали таркиби ҷинояти роҳзанӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ ва судҳо оид ба парвандаҳои ин категория, муаллиф хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои нав ва дорои хусусияти консептуалӣ коркард намудааст. Дар раванди таҳқиқот муқоисаи меъёрҳои қонуни ҷиноятии пешинаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти амалкунандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар бахши роҳзанӣ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, бори аввал:

– таърихи ташаккулёбии меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар ҳудуди ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

– баҳси илмӣ вобаста ба аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти роҳзанӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва таносуби онҳо бо қонунгузории  ҶТ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳил ва натиҷагирӣ гардианд;

– бо истифода аз таҳлили муқоисавии қонуни амалкунандаи ҶТ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ бо қонунгузории пешини миллӣ, қонунгузории кунунии давлатҳои хориҷӣ ва амалияи тафтишотию судии муосири ҶТ  аломатҳои таркиби роҳзанӣ, муайян шуда, ихтилофоти муайяне дар ин самт ошкор карда шуданд.

– аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи роҳзанӣ бо асосноксозии дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии онҳо таҳлил гардида, аҳаммияти онҳо дар бандубасти ин ҷиноят муайян карда шудааст;

–  масъалаҳои бандубасти роҳзанӣ дар робита бо дигар таркиби

ҷиноятҳои монанд, ба монанди таъмаҷӯӣ, бандитизм, ғоратгарӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои фарққунандаи роҳзанӣ аз таркиби ин ҷиноятҳо муайян карда шуд;

– хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас барои такмил додани таркиби ҷиноятӣ м.249 КҶ ҶТ пешниҳод гардидааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти анҷомёфта имкон медиҳанд, ки нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод ва асоснок карда шаванд:

1. Дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ чунин ҷиноятҳо, ба монанди duздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, дар аксари ҳолатҳо бидуни муайян кардани таркиби ҷудогонаи онҳо танҳо дар декретҳо ва қарорҳои ҳукумат зикр мешуданд. Таърифи роҳзанӣ бори аввал дар Дастурамали муфаттишони халқӣ, ки соли 1920 қабул шуда буд, дода шудааст.

Таҳлили таърихи рушди меъёрҳо оид ба роҳзаниро метавон ба чор давра ҷудо намуд: давари аввал аз соли 1917 – 1922, давраи дуюм 1922–1935, даври сеюм 1935–1961, давраи чорум 1961–1998.

2. Оғоз намудани боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз таркиби роҳзанӣ асосноктар ба назар мерасад, зеро ин ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси КҶ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон бештар мувофиқ мебошад.

а) Роҳзанӣ, пеш аз ҳама, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи моликият таҷовуз мекунад. Чунин муносибатҳо байни соҳиби молу мулк ё соҳиби қонунии он ва шахсони сеюм ба вуҷуд меоянд. Онҳо ба татбиқи ҳуқуқи моликият, инчунин ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории молу мулк дахл доранд. Ба сифати объекти асосии иловагӣ ҳангоми роҳзанӣ ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсият баромад менамоянд.

б) Дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, агар мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ

ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад.

в) Роҳзанӣ дорои таркиби расмӣ мебошад. Истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок гарчанде аломати ҳатмии таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо он аломати оқибат набуда, балки усули содир намудани кирдор ҳангоми роҳзанӣ мебошад. Бинобар ин, ҳамчун таркиби моддӣ шинохтани роҳзанӣ беасос шуморида мешавад.

г) Ҳолатҳое ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят эътироф карда мешаванд, ки онҳо кирдори содиршударо тавсиф менамоянд ё ҳамзамон ҳам кирдор ва ҳам шахсияти гунаҳгорро ифода мекунанд. Аломатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳгор дахл доранд, набояд ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда баррасӣ шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, ки ретседиви ҷиноят аз ҷумлаи аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят хориҷ карда шавад.

3. Вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятҳои пасошуравӣ пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.249 КҶ ҶТ ибораи «таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ» бо ибораи «таҳдиди **бевосита** истифода шудани чунин зӯроварӣ»иваз карда шавад; пас аз ибораи «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок» ибораи «нисбати **шахси зери ҳуҷум қарордошта» илова карда шавад.**

а) Пешниҳод мешавад, ки дар б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ ибораи "бо маслиҳати пешакӣ" хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо "содиршудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон" мустаҳкам карда шавад. **Зеро хавфнокии оқибатҳои роҳзанӣ, ки** аз ҷониби гурӯҳи шахсон бидуни маслиҳати пешакӣ содир мешавад, аз оқибатҳои роҳзанӣ, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, камтар нест.

б) Муайян намудани ҷавобгарии пурзӯр барои такроран содир намудани ҷиноят, аз ҷумла дар ҳолати роҳзанӣ бешубҳа ба он асос ёфтааст, ки шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, хавфнокии бештари

ҷамъиятӣ доранд, зеро майли устувори онҳоро ба содир намудани ҷиноят нишон медиҳанд. Аммо, бо назардошти он ки асоси пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо асосан ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста аст, на ба худи кирдор, мақсаднок ба назар мерасад, ки ин аломати вазнинкунанда аз м. 249 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

в) Пешниҳод мегардад, ки аломати иловагӣ ба қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ ворид карда шавад – б. «е» қ. 3 м.249 КҶ ҶТ «боиси аз беэҳтиётӣ ба марг расидани ҷабрдида гардидан». Дар айни замон амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ин оқибатҳоро бо роҳи бандубасти маҷмуи ҷиноятҳо баҳо медиҳад. Ба ақидаи мо, оқибатҳои мазкур метавонанд танҳо бо б. «е» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ фаро гирифта шаванд, зеро санксияи қисми мазкури модда имкон медиҳад, ки принсипи адолат ва мутаносибати он ба вазнинии кирдори содиршуда риоя гардад.

г) Дар б «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҳолати мазкур танҳо бо «шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ» маҳдуд карда шудааст. Ҳол он ки дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ чунин ҳолат дар шакли «шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» мустаҳкам шудааст, ки доираи он нисбатан васеътар мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо асосноктар ба ҳисоб мерафт, агар аломати мазкури вазнинкунанда дар қ.3 м.249 КҶ ҶТ дар намуди содир кардани роҳзанӣ «бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» пешбинӣ карда мешуд.

4. Ба назар мерасад, ки қонунгузор ҳангоми таҳия ва баён кардани ин аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ истилоҳи «ба даст овардани молу мулк»-ро беасос истифода намудааст. Зеро ба андешаи мо ибораи мазкур пурра моҳияти роҳзаниро ҳамчун яке аз шаклҳои тасарруф пурра ошкор намесозад. Вобаста ба ин б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ мумкин аст ба тариқи зайл

ифода гардад: «бо мақсади тасарруфи молу мулк ба миқдори калон».

а) Ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо истифодаи силоҳ, балки предметҳои дигари ба сифати силоҳ истифодашаванда низ дар б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

б) Мо бар он назарем, ки мафҳуми «гурӯҳи муташаккил»-ро бояд маҳз дар асоси аломати устуворӣ аз «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» фарқ кард. Устувории гурӯҳ бо як қатор аломатҳо муайян карда мешавад:

1) давомнокӣ ё шиддати фаъолияти ҷиноятӣ, ки дар содир намудани якчанд ҷиноят ё кирдорҳое, ки як ҷинояти ягонаи давомдорро ташкил медиҳанд, ифода меёбад;

2) мутташаккилии иштирокчиёни гурӯҳ (муайянии сохтории гурӯҳ, мавҷудияти роҳбарӣ, низоми алоқа ва идоракунӣ);

3) ҳайати нисбатан муътадили иштирокчиёни гурӯҳ;

4) доимӣ будани шаклҳо ва усулҳои фаъолияти ҷиноятӣ.

в) Моддаи 186 КҶ ҶТ ҷавобгариро нисбати худи факти ташкил намудани гуруҳи мусаллаҳи устувор, роҳбарӣ ба он ё иштирок дар он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои содир намудани дигар ҷиноятҳо пешбинӣ намесозад. Бинобар ин, аз тарафи иштирокчиёни банда содир шудани ҷиноятҳои мушаххас бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Вобаста ба ин пешниҳод месозем, ки ба Қарори Пленуми Судии Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 тавзеҳот бо чунин мазмун ворид карда шавад: «Судҳо **бояд ба инобат гиранд, ки дар м.186 КҶ ҶТ мафҳуми бандитизм ҷой доштани ягон хел мақсади ҳуҷуми аз ҷониби банда анҷомдодашавандаро ҳамчун аломати** ҳатмии таркиби ин ҷиноят муқаррар намесозад. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо судҳо бояд муқаррароти м.20 КҶ ҶТ -ро ба роҳбарӣ гиранд, ки мутобиқи он «ҳангоми содир намудани маҷмӯи ҷиноят шахс барои ҳар ҷинояти содирнамудааш дар асоси модда ё

қисми дахлдори ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд ва заминаи назариявию методологии омӯзиши мушкилоти марбут ба роҳзаниро аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз муносибати комплексӣ такмил медиҳанд. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада барои илм муҳим буда, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои муқовимат бо ҷиноятҳои ба муқобили моликият ба таври васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи диссертатсия метавонанд дар самтҳои зерин истифода шаванд: дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – барои таҳияи минбаъдаи масъалаҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ; дар фаъолияти қонунгузорӣ – зимни такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ; дар фаъолияти амалии ҳуқуқтатбиққунӣ – барои ҳал намудани масъалаҳои бандубаст кардани роҳзанӣ ва фарқгузории он аз дигар таркибҳои наздики ҷиноятӣ. Натиҷаҳои тадқиқот мумкин аст, инчунин дар раванди таълимӣ – зимни таҳияи бобҳои дахлдори китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, инчунин машғулиятҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот аз он бармеояд, ки дар ҷараёни он маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ истифода гардида, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин адабиёти илмӣ-методӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаҳо ва дигар маводи илмии эътирофшуда ҳамаҷониба ва мунсифона мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ низ барои тасдиқи эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада истифода шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар сатҳи баланди навгонии илмии таҳқиқот, масъалагузорӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшаванда, ки дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои илмӣ дар конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ифода ёфтаанд, равшан зоҳир мегардад. Тарзи гузориши масъалаҳо, усули таҳқиқ, сохтор ва сабки навишти диссертатсия низ саҳми мустақили муаллифро ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, хусусиятҳо ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятро дар шароити имрӯза тавсиф кардааст. Илова бар ин, аз ҷониби муаллифи диссертатсия як қатор тавсияҳои назариявию амалӣ баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ пешниҳод карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути маърузаҳо оид ба нуктаҳои асосии рисола дар конференсияҳои илмӣ, ҷаласаҳои кафедра, семинарҳои илмӣ, инчунин дар доираи машғулиятҳои лексионӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардидааст. Рисолаи номзадӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф дар раванди таълими фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода мешаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз

ҷониби муаллиф дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои зерини илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарӣ барои содиршавии роҳзанӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5–уми декабри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Хуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» – маъруза дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии зӯроварӣ ҳангоми роҳзанӣ» (6–уми декабри соли 2024);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва нуҳ  зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 224 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ РОҲЗАНӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ОН

## 1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ

Баъд аз Инқилоби Октябри соли 1917, низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ тағироти куллӣ пайдо кард. Ташаккули давлати нави сотсиалистӣ бо таъсиси системаи нави ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, сабаб гардид. Бо Декрети Шурои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 24 ноябри соли 1917 «Дар бораи суд» муқаррар гардид, ки ҳангоми татбиқи адолати судӣ аз қонунҳои пешин танҳо дар ҳолате истифода бурда шавад, ки: аз ҷониби инқилоб бекор карда нашуда бошанд; ба «шуури инқилобӣ» ва «шуури ҳуқуқӣ», инчунин барномаи ҳизбӣ мухолифат накунанд [106, с. 464].

Дар амал, ин меъёр ба радди пурраи қонунҳои ҷиноятии тоинқилобӣ, аз ҷумла муқарраroти марбут ба роҳзанӣ, ва зарурати ташаккули меъёрҳои нави ҳуқуқӣ оварда расонд.

Дар солҳои аввали баъди инқилоб қонунгузории ягонаи ҷиноятӣ ҳанӯз вуҷуд надошт. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар декретҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҷойгир буданд, ки муваққатан ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ истифода мешуданд.

Сиёсати ҷиноятии он давра хусусияти фавқулода ва сиёсӣ дошт. Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва харобӣ, ҳукумат чораҳои сахти мубориза бо ҷинояткориро муқаррар менамуд. Масалан, бо Декрети КИМУ аз 20 июни соли 1919 «Дар бораи аз тобеияти умумии судӣ гирифтан дар маҳалҳое, ки дар онҳо ҳолати ҷангӣ эълон гардидааст» ба Комиссияи фавқулода (КФУ) ҳуқуқ дода шуд, ки бе мурофиаи судӣ ҷазоҳои шадид, то ҷазои қатлро барои ҷиноятҳои махсусан хавфнок, аз ҷумла тасарруфи моликият бо роҳи шикастани анборҳо ва мағозаҳо, татбиқ намояд [106, с. 464]. Дар

Низомномаи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ (Декрети КИМУ аз 20 ноябри соли 1919) намудҳои гуногуни ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла толонгарӣ, роҳзанӣ ва ғоратгарӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ, сохтакории хизматӣ, тасарруф намудани предметҳои ҳарбӣ номбар мешуданд. Дар баробари ин, баён мегардид, ки тасарруфи моликияти шуравӣ, ба монанди ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ барои сохти сотсиалистии шуравӣ, барои ҳимояи давлати Шуравӣ дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ хавфи бештар доранд [106, с. 464].

Дар ҳамин ҳол, парвандаҳои вобаста ба роҳзанӣ ва бандитизм аз салоҳияти судҳои маҳаллӣ гирифта шуда, ба трибуналҳои инқилобӣ супорида мешуданд, ки ин аз хавфи махсуси ин ҷиноятҳо шаҳодат медод [106, с. 464].

Сарфи назар аз чораҳои таъқибнамоӣ, набудани асоси пурраи ҳуқуқӣ ба хатогиҳои зиёде дар татбиқи қонун оварда мерасонд. Зарурати муайян кардани мафҳуми равшани роҳзанӣ дар қонунгузорӣ ба вуҷуд омад. Соли 1920 Дастурамали муфаттишони халқӣ қабул гардид, ки дар он бори аввал баъд аз инқилоб таърифи расмии роҳзанӣ дода шуд. Тибқи ин дастурамал, роҳзанӣ – ин тасарруфи моликият мебошад, ки воситаи расидан ба он ё содир намудани одамкушӣ ё расонидани ҷароҳат ё дигар осеби ҷисмонӣ, ё таҳдид бо ин ё он оқибатҳои барои ҳаёт ё саломатӣ вазнин баромад намудааст [40, с. 10]. Ин муқаррарот роҳзаниро ҳамчун тасарруфе, ки бо зӯроварии хавфнок ё таҳдиди куштор содир мегардад, ба таври қатъӣ муаррифӣ кард. Ҳамин тариқ, дар ибтидои солҳои 1920-ум дар ҳуқуқи ҷиноятии Шуравӣ мафҳуми роҳзанӣ ташаккул ёфт: тасарруфи ошкорои моликият бо истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хатар эҷод мекунад.

Соли 1922, аввалин қонунгузории ҷиноятии кодификатсионии Шуравӣ қабул гардид. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР 1922, ки аз 1 июни соли 1922 мавриди амал қарор гирифт асоси қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо

ба муқобили  моликиятро гузошт.  Ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар Кодекси мазкур дар боби VI «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» муттаҳид шуда буданд. Роҳзанӣ дар м.184 КҶ ҶШФСР, ки дар боби VI  ҷойгир буд, чунин муайян мешуд: «Роҳзанӣ – ин ошкоро бо мақсади тасарруфи молу мулк, ҳуҷум намудани шахси алоҳида ба шахси дигар ҳисоб мешавад, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ, таҳдиди марг ё маъюб кардан алоқаманд мебошад» [106, с. 464].

Аз ин таърифи қонунии роҳзанӣ чунин хулосаҳо бармеоянд, ки унсурҳои ҳатмии ин ҷиноят иборат буданд аз: предмети роҳзанӣ – молу мулк; усули содир намудани он ҳуҷуми ошкоро, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок буда, алоқаманд мебошад.

Ҳамин тариқ, роҳзанӣ ҳамчун шакли зӯроварии тасарруфи моликият, ки ҳамзамон ба моликият ва шахсият таҳдид мекунад, эътироф карда шуд. КҶ ҶШФСР 1922 сол барои ин ҷиноят ҷазоро ба муҳлати на камтар аз 3 соли маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҷудоии қатъӣ аз ҷомеа, барои ретсидив бошад – то чораи олии ҷазо муқаррар намуда буд.

Қонунгузор, инчунин роҳзанӣ, ки аз ҷониби  гурӯҳи шахсон (бандитизм)  содир шудааст, ба таври алоҳида ҷудо кард. Дар чунин ҳолат содир шудани роҳзанӣ аз тарафи гурӯҳи шахсон (бандитизм) мутобиқи санксияи  м.76 КҶ ҶШФСР (бо чораи олии ҷазо ва мусодираи пурраи молу мулк, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунанда бо паст намудани ҷазо то маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол бо ҷудонигоҳдории қатъӣ  ва мусодираи молу мулк)  ҷазо дода мешавад.

Дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ҷойи махсусро КҶ ҶШС Ӯзбекистон ишғол менамуд, ки бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 16-уми июни соли 1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон амал менамуд [21, с. 54]. Дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар боби 7 «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» дар м.231 муқаррар шуда буд. Роҳзанӣ, яъне ошкоро бо мақсади тасарруф намудани

молу мулк ҳуҷум намудани шахси алоҳида ба ягон нафар, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок алоқаманд мебошад ё таҳдиди истифодаи он муайян мешуд. Санксияи қ.1 м. 231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ солро муқаррар месохт.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ қонунгузор такроран содир шудани роҳзанӣ (қ.2 м.231 КҶ) -ро муқаррар намуда барои ин ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол пешбинӣ мегардид. Дар қ.3 м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон ҳамчун аломати махсусан вазнинкунандаи роҳзанӣ бо истифодаи силоҳ содир шудани он ё боиси марг ё зарари вазнини ҷисмонӣ ба ҷабрдида гардидан муқаррар шудааст (қ.3 м.231 КҶ), ки чунин ҳолатҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол ва ҳангоми ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда бошад, бо паррондан ҷазо дода мешуд.

Дар муқоиса бо КҶ ҶШФСР 1922, КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар мафҳуми роҳзанӣ бевосита муайян намуд, ки зӯроварӣ ҳангоми роҳзанӣ бояд барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок бошад.

Оғози солҳои 1930 бо шадидтар гардидани сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи ҷиноятҳои марбут ба моликият тавсиф мегардад, ки он бевосита ба тағйироти сиёсиву иқтисодӣ вобаста буд. Дар ин давра қонунҳои алоҳидае қабул шуданд, ки барои пурзӯр намудани ҷавобгарӣ нисбати тасарруф, пеш аз ҳама барои тасарруфи молу мулки давлатӣ бо дилхоҳ усул равона шуда буданд.

Ин тамоюл дар Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 7 августи соли 1932 «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооперативҳо ва таҳкими моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» [106, с. 464], инъикос ёфт.

Бо ин санад моликияти сотсиалистӣ ҳамчун «асоси муқаддас ва дахлнопазири сохти шуравӣ» эълон гардида, шахсони ба моликияти ҷамъиятӣ таҷовузкунанда ҳамчун душмани халқ шуморида шуда, нисбати

онҳо чораҳои фавқулода сахт – то ҳукми қатл бо мусодираи молу мулк муқаррар гардид.

Бар хилофи кодексҳои ҷиноятӣ, ки ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро аз рӯи усули содиршавӣ ҷудо мекарданд (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ғайра), қарори 7 августи соли 1932 мафҳуми умумии «тасарруфи моликияти сотсиалистӣ»-ро бе муайян кардани аломатҳои мушаххаси он муқаррар намуд.

Дар асл, таҳти таъсири ин қонун ҳама шаклҳои тасарруфи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ қарор мегирифтанд – пинҳонӣ ё ошкоро, бо истифодаи зӯроварӣ ё бидуни он. Ҳамин тариқ, агар объекти ҷиноят моликияти сотсиалистӣ буд, пас фарқи байни роҳзанӣ, ғоратгарӣ ё дуздӣ дигар аҳаммият надошт – ҳама гуна нияти ғайриқонунии соҳиб шудан ба чунин моликият ҳамчун ҷинояти махсусан вазнин ҳисобида мешуд.

Дар чунин ҳолат рақобати байни қонун аз 7 августи 1932 сол ва меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои намудҳои мушаххаси тасарруф муқаррар менамуданд, ба вуҷуд омад.

Дар натиҷа, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ба масъалаи муҳиме рӯ ба рӯ шуданд: агар касе моликияти давлатиро, масалан, тавассути роҳзанӣ тасарруф кунад, чунин кирдор бояд тибқи Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун роҳзанӣ ё тибқи қонуни нав ҳамчун тасарруфи моликияти сотсиалистӣ баррасӣ шавад?

Назария ва таҷрибаи судии он давра якчанд меъёрҳоро ҷудо намуданд, ки дар асоси онҳо фарқгузории дахлдор анҷом дода мешуд. Фарқгузорӣ асосан аз андозаи тасарруф вобастагӣ дошт, яъне агар миқдори моликияти тасарруфшуда махсусан калон бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд вобаста ба қонуни 1932 фаро мерасид. Илова бар ин, сатҳи муташаккилии тасарруф ва мунтазамии содиршавии он ба назар гирифта мешуд [187, с. 23].

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС № 58 аз соли 1937 чунин муқаррар гардид, ки агар тасарруфи моликияти сотсиалистӣ бо бандитизм,

роҳзанӣ ё куштор алоқаманд бошад, он бояд тибқи қонуни 7 августи 1932 бандубаст карда шавад [138, с. 249].

Ҳамин тариқ, дар ин давра низоми дугонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои моликиятӣ ташаккул ёфт: роҳзанӣ бо мақсади тасарруф намудани моликияти шахсии шаҳрвандон, ки тибқи КҶ ҶШФСР 1926 (КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1928) ба танзим даровaрда мешуд ва роҳзанӣ, ки ба моликияти сотсиалистӣ таҷовуз менамуд. Ҷавобгарӣ барои содир намудани роҳзанӣ нисбати моликияти сотсиалистӣ аз рӯйи қонун аз 7 августи 1932 фаро мерасид.

Дар айни замон, санксияҳо барои ин ду намуди роҳзанӣ фарқияти ҷиддӣ доштанд: агар роҳзанӣ нисбат ба моликияти шахсӣ содир мешуд, ҳадди ниҳоии ҷазо (бе назардошти ҳолатҳои махсусан вазнин) то 5 соли маҳрум сохтан аз озодӣ буд (қ.1 м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон) ва агар агар роҳзанӣ нисбат ба моликияти сотсиалистӣ содир мешуд, қонун дар бисёр ҳолатҳо ҷазои қатлро муқаррар мекард.

Ин нобаробарӣ бевосита аз сиёсати ҳифзи афзалиятнокии моликияти сотсиалистӣ баромада, дараҷаи гуногуни муҳофизатро барои моликияти давлатӣ ва моликияти шахсӣ ба вуҷуд овард.

Бо қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи соли 1935 нахустин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул гардида, аз 15 июни ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Ҳамзамон, татбиқи Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар қаламрави ҷумҳурӣ қатъ шуд [222, с. 178]. Ин санад қадами аввалини ташкили низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ба ҳисоб меравад ва бо такя ба қонунҳои умумииттифоқӣ, ҳамзамон бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоиву ҳуқуқии Тоҷикистон таҳия гардида буд [78, с. 122].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 низ роҳзанӣ дар боби «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» (боби 8-я) ҷойгир мегашт. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар м.202 КҶ муқаррар мешуд, ки дар он роҳзанӣ чунин муайян мегардид:

роҳзанӣ, яъне ошкоро бо мақсади тасарруф намудани молу мулк ҳуҷум намудан якҷоя бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок. Дар фарқият аз м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон КҶ соли 1935 таҳдиди истифодаи зӯровариро дар таркиби роҳзанӣ пешбинӣ наменамуд. Ғайр аз ин, дар м. 202 КҶ ҶШС Тоҷикистон дигар ишорае ба «ҳамлаи шахси алоҳида» нишон дода намешуд, ки ин маҳдудияти содир кардани ҷинояти мазкурро танҳо аз ҷониби шахси алоҳида аз байн мебурд. Зеро дар қонунгузориҳои қаблӣ ба роҳзанӣ ҳамлаи шахси алоҳида бо мақсади тасарруфи моликият эътироф мешуд ва агар он аз тарафи гурӯҳи шахсон анҷом дода мешуд ҳамчун бандитизм баҳогузорӣ мегардид.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ қонунгузор такроран ё боиси марг ё расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба ҷабрдидаро фарқ менамуд ( қ.2 м.202 КҶ). КҶ ҶШС Тоҷикистон дар фарқият аз м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон таркиби роҳзании мусаллаҳонаро (қ.3 м.202 КҶ ҶШС Тоҷикистон) ба таври алоҳида ҷудо менамуд.

Агар таркиби асосии роҳзанӣ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар мунамуд, пас роҳзании мусаллаҳона бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол, ҳангоми ҳолатҳои вазнинкунанда бошад бо ҷазои қатл ҷазо дода мешуд.

Дар адабиёти ҳуқуқии ҳамон давра мазмуни зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ба таври гуногун тазеҳ дода мешуд. Ба андешаи баъзе аз олимон дар қонун сухан дар бораи зӯроварии ҷисмонӣ мерафт, ки боиси расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ гардидааст [47, с. 20]. Аз тарафи дигар баён мешуд, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будани зарар аз тарафи суд вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси парванда дар асоси хулосаи экпертизаи судӣ- тиббӣ ҳал карда мешавад [113, с. 148].

Новобаста аз он ки дар матни м. 202 КҶ ҶШС Тоҷикистон таҳдиди куштор ё расонидани зарари вазнин ҳамчун усули содир кардани роҳзанӣ бевосита зикр нашуда буд, дар назарияи ҳуқуқ чунин мешумурданд, ки

зӯроварии рухӣ низ ба мафҳуми роҳзанӣ, дар баробари зӯроварии ҷисмонӣ, дохил мешавад. Тавре ки М. М. Исаев шарҳ медиҳад,

«Ҳангоми роҳзанӣ гунаҳкор метавонад таҳдиди куштор ё расонидани ҷароҳати вазнинро истифода барад ва муҳим нест, ки ӯ воқеан қодир аст ин таҳдидро татбиқ кунад ё не. Ҳатто агар силоҳе, ки ӯ истифода мебарад, бетир ё сохта, ки шакли силоҳро дорад ин чандон аҳаммият надорад, асос дар он аст, ки ҷабрдида бовар намояд, ки ҳангоми ҳуҷум ба ӯ марг ё зарар таҳдид менамояд» [47, с. 20].

Масъалаи дигари баҳсталаб ин буд, ки оё ҳамлаи роҳзанӣ ҳисобида мешавад, агар ҷабрдида худи ҳодисаи ҳамларо дарк накунад?

Ба ҳолати беҳушӣ овардани ҷабрдида бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ӯ-ро на таҷрибаи судӣ ва на назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин давра ба сифати усули содир намудани роҳзанӣ баррасӣ намекарданд. Вобаста ба ин масъала А. А. Пионтковский баён менамуд, ки ҳолатҳои овардани ҷабрдида ба ҳолати беҳушӣ наметавонанд ҳамчун роҳзанӣ баррасӣ шаванд, зеро дар ин маврид ҳодисаи тасарруфи ошкоро вуҷуд надорад. Ин гуна ҳолатҳоро бояд ҳамчун тасарруфи пинҳонӣ (дуздӣ) дар якҷоягӣ бо расонидани зарари ҷисмонӣ баррасӣ намуд, аммо на ҳамчун роҳзанӣ [89, с. 125].

Ҳамин тариқ, фарқияти байни роҳзанӣ ва дуздӣ аз рӯи аломати ошкоро/пинҳонӣ будани ҳамла муайян карда мешуд: агар ҷабрдида ҳамларо дарк кунад ва зӯроварӣ нисбаташ истифода шавад, пас ҷиноят роҳзанӣ ҳисобида мешуд; агар ҷабрдида ҳолати ҳамларо эҳсос накунад (масалан, дар хоб ё беҳуш бошад), пас ҷиноят дуздӣ ҳисоб мешуд.

Тарзи муқаррар намудани таркиби ҷинояти роҳзанӣ ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр ба воситаи ҳуҷум, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок мебошад, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ то соли 1947 вуҷуд дошт.

Дар солҳои пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар дубора тағйир ёфт. Пас аз ҷанг, дар кишвар афзоиши ҷинояткорӣ, хусусан ҳамлаҳои мусаллаҳона ва бандитизм, ба назар мерасид. Ин ҳолат мақомотро водор сохт, ки чораҳои ҷиноятиро барои ҳифзи моликияти боз ҳам сахттар намоянд.

Дар ин давраҳо ду Указй Президиуми Совети Олии ИҶШС қабул гардиданд, ки моҳиятан амали меъёрҳои дахлдори КҶ-ро бекор намуданд, яъне Фармон аз 4 июли соли 1947 «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон» ва «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ».

Указй Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон» [4, с. 471], мафҳуми роҳзаниро васеъ намуд, чунки дар Указй мазкур роҳзанӣ ҳамчун ҳуҷум намудан бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр, ки бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ алоқаманд мебошад, муайян мешуд, яъне ҳама гуна тасарруф, ки бо истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида алоқаманд буд, роҳзанӣ эътироф мегашт. Ҳуҷум, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда алоқаманд мебошад ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ таркиби роҳзании оддиро ташкил медоданд. Ошкоро ё пинҳонӣ тасарруф намудани моликияти шахсии шаҳрвандон ҳамчун дуздӣ муайян карда шуда буд. Чунин таркиби ҷиноят ба монанди ғоратгариро Фармони мазкур муқаррар наменамуд. Зеро мафҳуми дуздӣ ҳам ниҳонӣ ва ҳам ошкоро тасарруф намуданро бидуни истифодаи зӯроварӣ дар бар мегирифт. Намудҳои дигари ҳуҷум, ки бо зӯроварӣ алоқаманд буда, мақсади онҳо тасарруфи молу мулки шахсӣ бошад, онҳо ба роҳзанӣ мансуб дониста мешуданд [112, с. 365].

Зери мафҳуми зӯроварӣ дар таркиби асосии роҳзанӣ истифодаи ҳама чуна таъсиррасонии ҷисмонӣ, ки барои маҷбуран тобеъ сохтани ҷабрдида , бартараф намудани имконияти муқобилият нишон додан ӯ равона шудаанд,

фаҳмида мешуданд. Чунин ҳаракатҳо мумкин буд аз зарба задан, лату кӯб кардан, бастан, бастани даҳон, маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғайра иборат бошанд, ки чунин ҳаракатҳо мутобиқи КҶ ҶШС Тоҷикистон 1935 ҳамчун ғоратгарии зӯроварона бандубаст мегардиданд.

Дар б.2 қ.2 Фармони мазкур ҳуҷум, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди ба марг расонидан ё расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ алоқаманд мебошад ё роҳзание, ки аз ҷониби гурӯҳ ё такроран содир мешавад, аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ба ҳисоб мерафтанд.

Фармони мазкур бевосита чунин меъёреро муқаррар менамуд, ки мутобиқи он барои « хабар надодан ба мақомоти ҳокимият дар бораи роҳзании баръало тайёршудаистода ё содиршуда» ҷавобгарӣ ба вуҷуд меомад. Ин ҷиноят бар зидди адолати судӣ ба мақсади пешгирии роҳзанӣ равона шуда, шаҳрвандонро уҳдадор менамуд, ки дар бораи роҳзанон ба мақомот хабар диҳанд, дар акси ҳол таҳти ҷазо қарор мегирифтанд.

Хусусияти дигари муҳим он буд, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ то 12 сол поён оварда шуд, ки ин аз пурзӯр гардидани сиёсати давлат дар мубориза бо ҷиноятқорӣ, ба хусус аз тарафи ноболиғон шаҳодат медод.

Мутобиқи Фармони мазкур бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон, аз ҷумла барои роҳзанӣ, ҷазоҳои вазнин муқаррар мешуд. Роҳзании оддӣ бо ҷойгир намудан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз 10 то 15 сол бо мусодираи молу мулк; роҳзанӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда бо ҷойгир намудан дар лагерҳои ислоҳӣ- меҳнатӣ ба муҳлати аз 15 то 20 сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешуд [106, с. 430].

Бояд дар назар дошт, ки соли 1947 дар ИҶШС ҷазои қатл расман бекор карда шуд [106, с. 430], (аз соли 1947 то 1950), бинобар ин, барои роҳзанӣ низ

бо сабаби бекор шудани ҷазои қатл муҳлатҳои зиёди ҷойгир намудан дар лагерҳои ислоҳӣ- меҳнатӣ муқаррар шуда буд.

Бо мақсади таҳкими ҳимояи ҳуқуқии моликияти сотсиалистӣ, 4 июли соли 1947 фармони махсус таҳти унвони «Дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» қабул карда шуд. Ин санад ҷазоҳои сахттарро барои тамоми шаклҳои тасарруфи моликияти давлатӣ муқаррар намуда, мавқеи давлатро дар масъалаи ҳифзи моликияти ҷамъиятӣ ба таври равшан ифода менамуд. Ҳарчанд дар фармон истилоҳи «роҳзанӣ» мустақиман зикр нашудааст, моддаи аввали он ба намудҳои асосии тасарруфи ғайриқонунии моликияти давлатӣ, аз ҷумла дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва дигар усулҳои тасарруф ишора мекард. Истифодаи истилоҳи «дигар шаклҳои тасарруф» имкон медод, ки ҳолатҳои тасарруфи моликияти сотсиалистӣ тавассути роҳзанӣ низ ба доираи татбиқи ин фармон дохил шаванд. Ин санадҳо, аз ҷумла **Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 6 майи соли 1952** шаҳодат медиҳад, ки дар он тавзеҳоти зерин ҷой дошт: агар тасарруфи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ тавассути ҳамлаи роҳзанӣ анҷом дода шуда бошад, он бояд тибқи м.м.2 ё 4 Фармон аз 4 июли соли 1947 бандубаст карда шавад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки агар ҳуҷум аз ҷониби гурӯҳи мусаллаҳ анҷом дода шуда, бо куштори шахсони моликияти давлатӣ ё ҷамъиятиро муҳофизаткунанда ҳамроҳ бошад, пас чунин кирдор ҳамчун роҳзанӣ ва ҳам ҳамчун бандитизм тибқи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда мешаванд [187, с. 26].

Фармонҳо аз 4 июли соли 1947 ба мураккабшавии муваққатии низоми ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла таркиби роҳзанӣ оварда расонд. Зеро муқарраротҳои дар Фармонҳои мазкур ҷойдошта бо КҶ ҶШС Тоҷикистон мувофиқат намекарданд. Масалан, ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида дар Фармонҳои мазкур зикр нашуда буд, гарчанде ки он дар матни кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонд.

Дар маҷмуъ, тавре ки баён мешавад, фармонҳои соли 1947 системаи ҷавобгарии ҷиноятиро, бахусус нисбати тасарруф, аз ҷумла роҳзанӣ, то андозае печида сохтанд [187, с. 26].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 қабул гардида, аз 1 декабри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Ин санади қонунгузорӣ ба таври мустақим «аз принсипҳо ва меъёрҳои умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул шуда буданд, бармеомад ва онҳоро дар шароити Тоҷикистон татбиқ намуд» [182, с. 297].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 сегонаи классикии ҷиноятҳои молумукиро барқарор кард: дуздӣ, ғоратгарӣ (бе зӯрӣ ё бо истифодаи зӯрӣ) ва роҳзанӣ. Ҳамзамон, он фарқияти ҷавобгариро барои ҷиноятҳои молумулкӣ вобаста ба шакли моликият – сотсиалистӣ (давлатӣ ё коллективӣ) ё шахсӣ ба таври қатъӣ муқаррар кард. Дар робита ба ин, дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ду боби алоҳида ҷудо карда шуданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ба муқобили моликият пешбинӣ мекарданд: Боби II – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ» ва Боби V – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон».

Чунин мавқеъ тасодуфӣ набуда, ба асоси он ғояи зарурияти ҳифзи бештари моликияти сотсиалистӣ гузошта шуда буд [205, с. 29-30].

Ҳамзамон, дар боби II Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961, дар фарқият аз муқаррароти Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ», барои таҷовуз ба ҳар гуна моликияти сотсиалистӣ, новобаста аз он ки он давлатӣ, коллективӣ ё ҷамъиятӣ мебошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ якхела муқаррар карда мешуд.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон роҳзанӣ ҳамчун ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруф намудани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо кор фармудани зӯрии

барои ҳаёт ва саломатии шахси дучори ҳуҷумгардида хавфнок ё бо таҳдиди кор фармудани чунин зӯрӣ (роҳзанӣ) (м. 91 ) ва роҳзанӣ ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруф намудани молу мулки шахсии гражданҳо бо кор фармудани зӯрии барои ҳаёт ва тандурустии шахси дучори ҳуҷумгардида хавфнок ё бо таҳдиди кор фармудани чунин зӯрӣ (роҳзанӣ) (м. 156) муқаррар мешуд. Роҳзанӣ бо мақсади тасарруф намудани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати аз се то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он, тасарруф намудани молу мулки гражданинҳо бо роҳи роҳзанӣ ба муддати аз се то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

Дар КҶ соли 1961 дар фарқият аз қонунҳои қаблӣ аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ мушаххастар муайян шуда буданд. Аломати вазнинкунандаи роҳзании молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ чунин ифода мегардиданд: худи ҳамин ҳаракатҳо, агар бо тасарруф кардани молу мулки миқдораш калони давлатӣ ё ҷамъиятӣ равона шуда бошанд, ё аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё бо расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ё аз тарафи ретсидивисти махсусан хавфнок ё аз тарафи шахсе содир шуда бошад, ки пеш аз ин бо мақсади тасарруф кардани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё молу мулки шахсии гражданҳо ё бандитизм содир шуда бошад (қ.2 м.91 КҶ ҶШС Тоҷикистон). Дар фарқият аз м.91 КҶ аломатҳои вазнинкунандаи роҳзании молу мули гражданинҳо дар ду қисм мустаҳакам мешуданд: роҳзанӣ кардани гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё шахсе, ки пештар бо мақсади тасарруф кардани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё молу мулки шахсии гражданҳо роҳзанӣ ё бандитизм содир карда бошад (қ.2 м.156 КҶ); роҳзание, ки ба шахси ҷабрдида зарари вазнини ҷисмонӣ расонида шудааст ё ки роҳзанӣ кардани ретсидивисти махсусан хавфнок (қ.3 м.156 КҶ ҶШС Тоҷикистон).

Минбаъд низ дар мавриди танзими диспозитсияи ҷинояти роҳзанӣ қонунгузор ба тағйироти куллӣ даст назада, танҳо бо Указиі Президиуми

Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982 тағйироти назаррас ворид гардиданд. Мувофиқи ин санад, ба моддаи 91 Кодекси ҷиноятӣ (роҳзанӣ бо мақсади тасарруфи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ) ҳолати вазнинкунанда – роҳзанӣ бо даромадан ба бино ё дигар хазина (қ. 2) илова шуд. Ҳамзамон, ба моддаи 156 қисми 3 низ «бо даромадан ба истиқоматгоҳ» ҳамчун шакли вазнинтар дохил гардид [2, с. 119].

30 ноябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни махсус таҳти унвони «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин бар зидди ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқи молу мулк ва пояҳои иқтисодию сиёсӣ» қабул гардид [3, с. 154]. Ин қонун ба Кодекси ҷиноятии соли 1961, аз ҷумла ба м.м. 91 ва 156 тағйирот ворид намуда, ҷазоҳо барои роҳзанӣ сахттар карда шуданд. Мувофиқи он, барои таркиби асосии роҳзанӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 то 12 сол бо мусодираи молу мулк муқаррар гардид, дар ҳолатҳои вазнинкунанда бошад – 12 то 15 сол ё ҷазои олӣ (қатл) бо мусодираи молу мулк.

Бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 17 феврали соли 1996 Кодекси моделии ҷиноятӣ қабул гардид [10], ки ҳамчун санади қонунгузории тавсиявӣ хизмат мекард. Дар ин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар якҷоягӣ бо дигар шаклҳои тасарруфи ғайриқонунии молу мулк, новобаста аз шакли моликият, дар як модда муқаррар шуда буд.

Дар м. 247 Кодекси моделии ҷиноятӣ ҳамчун роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, муқаррар мегашт. Дар қ. 2 моддаи мазкур ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ пешбинӣ намудани ҳолатҳои зерин тавсия дода мешуд: қисми 2 роҳзание, ки: а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; б) бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд; в) бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил содир шудааст; г) бо истифодаи силоҳ, ё

дигар предметҳои ба сифати силоҳ истифодашаванда; қисми 3 ҳаракатҳои дар қисмҳои 2, 3 моддаи мазкур пешбинишуда, ки: а) бо мақсади ба микдори калон ба даст овардани молу мулк; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; в) бо истифода аз шароити офати ҷамъиятӣ; г) бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шуда бошад

Минбаъд меъёри мазкури Кодекси моделии ҷиноятӣ, бо баъзе аз тағйиротҳо дар КҶ ҶТ соли 1998 ифодаи худро пайдо намуд. Аз ҷумла, дар КҶ ҶТ соли 1998 доираи аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ ба таври нисбатан васеъ пешбинӣ шуда, ба ғайр аз аломатҳои вазнинкунандаи дар Кодекси моделии ҷиноятӣ тавсияшаванда, инчунин содир шудани роҳзанӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок, дар ҳолати рецидиви махсусан хавфнок, бо мақсади ба миқдори махсусан калон ба даст овардани молу мулк муқаррар карда шудаанд.

**Ҳамин тавр, таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:**

1. Дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ чунин ҷиноятҳо, ба монанди дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, дар аксари ҳолатҳо бидуни муайян кардани таркиби ҷудогонаи онҳо танҳо дар декретҳо ва қарорҳои ҳукумат зикр мешуданд.

Таърифи роҳзанӣ бори аввал дар Дастурамали муфаттишони халқӣ, ки соли 1920 қабул шуда буд, дода мешуд. Тибқи ин дастурамал, роҳзанӣ – ин тасарруфи моликият мебошад, ки воситаи расидан ба он ё содир намудани одамкушӣ ё расонидани ҷароҳат ё дигар осеби ҷисмонӣ, ё таҳдид бо ин ё он оқибатҳои барои ҳаёт ё саломатӣ вазнин баромад намудааст. Ин муқаррарот роҳзаниро ҳамчун тасаррufe, ки бо зӯроварии хавфнок ё таҳдиди куштор содир мегардад, ба таври қатъӣ муаррифӣ кард.

2. Дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми роҳзанӣ ва таркиби он бори аввал дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 муқаррар шуд, ки мутобиқи он: «Роҳзанӣ – ин ошкоро бо мақсади тасарруфи молу мулк, ҳуҷум намудани

шахси алоҳида ба шахси дигар ҳисоб мешавад, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ, таҳдиди марг ё маъюб кардан алоқаманд мебошад».

3. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 роҳзанӣ чунин муайян мегардид: роҳзанӣ, яъне ошкоро бо мақсади тасарруф намудани молу мулк ҳуҷум намудан якҷоя бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок (м.202 КҶ). Дар фарқият аз м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон КҶ соли 1935 таҳдиди истифодаи зӯровариро дар таркиби роҳзанӣ пешбинӣ наменамуд. Ғайр аз ин, дар м. 202 КҶ ҶШС Тоҷикистон дигар ишорае ба «ҳамлаи шахси алоҳида» нишон дода намешуд, ки ин маҳдудияти содир кардани ҷинояти мазкурро танҳо аз ҷониби шахси алоҳида аз байн мебурд. Зеро дар қонунгузориҳои қаблӣ ба роҳзанӣ ҳамлаи шахси алоҳида бо мақсади тасарруфи моликият эътироф мешуд ва агар он аз тарафи гурӯҳи шахсон анҷом дода мешуд, ҳамчун бандитизм баҳогузорӣ мегардид.

4. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 фарқияти ҷавобгариро барои ҷиноятҳои молумулкӣ вобаста ба шакли моликият – сотсиалистӣ (давлатӣ ё коллективӣ) ё шахсӣ ба таври қатъӣ муқаррар кард. Дар робита ба ин, дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ду боби алоҳида ҷудо карда шуданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ба муқобили моликият пешбинӣ мекарданд: Боби II – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ» ва Боби V – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон».

5. Таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба роҳзаниро метавон ба чор давра чудо намуд; давари аввал аз соли 1917 – 1922, давраи дуюм 1922-1935, даври сеюм 1935-1961, давраи чорум 1961-1998.

### 1.2. Ҷавобгарии барои роҳзанӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ

Дар давлатҳои пасошуравӣ қонунгузории ҷиноятӣ таркиби роҳзаниро тақрибан бо КҶ ҶТ монанд ба танзим даровардааст.

Дар КҶ ФР [20], дар қ.1 м.162 «роҳзанӣ ҳамчун ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шуда» [20] муайян шудааст. Қонунгузории ФР барои чунин ҷиноят ҷазоро дар намуди корҳои маҷбурӣ ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ то ҳашт сол бо ҷарима ё бидуни он муқаррар намудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, таърифи қонунгузории роҳзанӣ, ки дар қ.1 м.162 КҶ ФР дода шуда, аз таърифи дар қ.1 м.249 КҶ ҶТ муайяншуда ягон фарқияти ҷиддӣ надорад.

Танҳо фарқият дар он аст, ки ҳуҷум дар КҶ ҶТ роҳзанӣ ҳамчун «ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр» муқаррар шудааст, дар ҳоле ки дар КҶ ФР он ҳамчун «ҳуҷум бо мақсадҳои тасарруфи молу мулки ғайр» ифода ёфтааст.

Дар ин маврид савол ба миён меояд: «Кадом аз ин таърифҳо мақсади ҳуҷумро дурусттар инъикос мекунад?» Ба андешаи мо, истифодаи калимаи «мақсад» дар шакли ягона дурусттар мебошад, зеро ҳангоми содир кардани роҳзанӣ тамоми кирдорҳои гунаҳгор ба сӯи ноил шудан ба як мақсад равона мешаванд – ситонидани молу мулки ғайр. Дар ҳамин ҳол, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида танҳо воситаи расидан ба ин мақсади ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар КҶ ФР ба монанди қ.1 м.249 КҶ ҶТ ишора мавҷуд нест, ки зӯроварӣ бояд танҳо нисбати шахси зери ҳуҷум қароргирифта ё аз ӯ молу мулк тасарруфшаванда истифода шавад. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки зӯроварӣ метавонад на танҳо нисбат ба ҷабрдида, балки нисбат ба шахсони дигар низ равона карда шавад.

И.Я. Козаченко вобаста ба ин иброз медорад, ки зӯроварӣ метавонад нисбат ба шахсе, ки молу мулки ғайр дар ихтиёр ё таҳти ҳифзи ӯ қарор дошт, татбиқ гардад. Ҳамчунин, он метавонад ба шахсони наздики ӯ (фарзандон, падару модар, ҳамсар, бародар, хоҳар ва ғ.), ки дар вақти

ҳодиса ҳузур доштанд, равона шавад. Илова бар ин, ба гуфтаи олим, зӯроварӣ метавонад нисбат ба шаҳрвандони бегона низ истифода гардад, агар онҳо ба ҷиноят монеъ мешуданд ё, ба андешаи гунаҳгор, метавонистанд монеъ шаванд, ки ӯ молу мулкро соҳиб гардад [92, с. 379].

Доираи ҳолатҳои бандубастшаванда мутобиқи м.162 КҶ ФР нисбатан маҳдудтар буда ба чунин сифат содир намудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, инчунин бо истифодаи силоҳ ё предметҳои ба сифати силоҳ истифодашаванда (қ.2 м.162 КҶ ФР), бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар анборхона ё ба миқдори калон (қ.3 м.162 КҶ ФР), аз ҷониби гуруҳи муташаккил, ба миқдори махсусан калон, бо расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида (қ.4 м.162 КҶ ФР) баромад менамоянд.

КҶ Украина, ки 5 апрели соли 2001 қабул шуда, 1 сентябри соли 2001 ба қувваи қонунӣ даромадааст, мафҳуми тасарруфро мисли КҶ ҶТ муайян намесозад, гарчанде дар кодекси мазкур ҳангоми муайян сохтани аломатҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ибораи «тасарруф» истифода шудааст. Аломати тасарруф танҳо дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.185) ва ғоратгарӣ (м.186) истифода шудааст. Ҳангоми тавсифи таркиби дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла роҳзанӣ, қонунгузор ба аломати «ба даст овардан» (завладение) ишора намудааст. Дар м.187 КҶ Украина таркиби ҷинояти «роҳзанӣ ҳамчун ҳуҷум бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ё саломатии шахси зери ҳуҷум қароргиранда ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд буда» муайян шудааст [22]. Яъне ҳуҷум бояд ба муқобили маҳз шахси ҷабрдида равона шуда бошад.

Хусусиятҳои фарққунандаи аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ дар КҶ Украина, аз он иборат мебошад, ки агар дар м.249 КҶ ҶТ ба сифати аломати вазнинкунанда такроран содир намудани роҳзанӣ пешбинӣ гардад, пас қ.2 м.187 КҶ Украина ба сифати чунин аломат роҳзанӣ аз ҷониби шахсе, ки қаблан роҳзанӣ ё бандитизм содир намудааст, пешбинӣ

месозад. Ғайр аз ин, дар КҶ Украина чунин аломатҳои вазнинкунанда, ба монанди дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда содир намудани роҳзанӣ муқаррар нашудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии **Белорус** таркиби ҷинояти роҳзанӣ дар боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳкам шуда, он ба сифати яке аз шаклҳои тасарруф муайян шудааст. Дар фарқият аз КҶ Украина КҶ Ҷумҳурии Белорус мафҳуми тасарруфро эзоҳ ба боби 24 мустаҳкам намудааст. Мутобиқи эзоҳи мазкур зери мафҳуми тасарруф дар боби мазкур «бо мақсади ғаразнок қасдан, ғайриқонунӣ, ройгон ба даст овардани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, таъмаҷӯӣ, қаллобӣ, суйистифода аз ваколатҳои хизматӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё тағйир додани иттилооти компютерӣ» [17] фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, қонунгузории Белорус назар ба қонуни ҷиноятии дигар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла ҶТ доираи нисбатан васеи шаклҳои тасарруфро, ба монанди суйистифода аз ваколатҳои хизматӣ, тағйир додани иттилооти компютерӣ муқаррар менамояд.

Ин ҷо, ба андешаи мо, дар таърифи тасарруф ба таври алоҳида нишон додани аломати қасдан содир шудани он зарурат надорад, зеро аз беэҳтиётӣ содир намудани тасарруф ғайриимкон аст.

Таркиби роҳзанӣ дар м.207 КҶ Белорус чунин муайян шудааст: «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бо мақсади бевосита ба даст овардани молу мулк (роҳзанӣ)» [16].

Ҳамин тариқ, хусусияти фарқкунандаи таркиби ин ҷиноят дар фарқият аз м.249 КҶ ҶТ аз он иборат мебошад, ки қонунгузор гарчанде роҳзаниро ҳамчун яке аз шаклҳои тасарруф эътироф намояд ҳам, вале бевосита дар диспозитсияи м.207 КҶ Белорус ба аломати тасарруф ишора накардааст. Ғайр аз ин, қонунгузории Белорус ба сифати аломати ҳатмии таркиби

роҳзанӣ «ҳуҷум намудан»-ро нишон надодааст, яъне ҳуҷум аломати ҳатмии таркиби ин ҷиноят ба ҳисоб намеравад.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ содир намудани он бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, такроран ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё бо мақсади ба даст овардани молу мулк ба миқдори калон (қ.2 м.207 КҶ Белорус); ба сифати аломатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудани роҳзанӣ аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё бо мақсади ба даст овардани молу мулк ба миқдори махсусан калон (қ.3 м.207 КҶ Белорус) муқаррар шудааст.

Таърифи роҳзанӣ, ки дар м.192 КҶ **Ҷумҳурии Қазоқистон** дода шудааст, тақрибан бо таркиби ҷинояти м.249 КҶ ҶТ монанд мебошад. Танҳо дар диспозитсияи м.192 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон қонунгузор ҳангоми муайян намудани аломати роҳзанӣ ба «таҳдиди **бевосита** истифода шудани чунин зӯроварӣ» ишора месозад. Ғайр аз ин, қонунгузор мушаххас нишон медиҳад, ки ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нисбати **шахси зери ҳуҷум қарордошта** равона шудааст.

Қонунгузории Қазоқистон ва ҶТ номгуйи қариб монанди аломатҳои вазнинкунандаи роҳзаниро муқаррар месозанд, ки ҷой доштани онҳо боиси пурзӯр шудани ҷавобгарӣ мегардад.

Фарқияти дигар дар муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад. Масалан, м.192 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида шудааст, пешбинӣ намудааст.

Танҳо қонунгузории Қазоқистон ҳолати **марги ҷабрдида аз беэҳтиётӣ** (чун оқибати расонидани зарари вазнин ба саломатӣ)-ро дар **чорчӯби роҳзанӣ** пешбинӣ мекунад.

Дар дигар кишварҳо, агар ҳангоми роҳзанӣ зарари вазнин расонида шуда, он аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида шуда бошад, чунин кирдор аз

руйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда мешавад. Тибқи қонунгузории Қазоқистон бошад, «расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳангоми роҳзанӣ ё расонидани зарари вазнин, ки бо беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида шудааст, пурра бо **қ. 2 ё қ. 3 м. 192 КҶ Қазоқистон** фаро гирифта мешавад, бинобар ин бандубасти иловагии кирдор тибқи моддаи 106 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) талаб карда намешавад» [11].

Хусусияти фарққунандаи **КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон** [19], аз он иборат мебошад, ки тасарруфи молу мулки ғайр ва ҷиноятҳои бо тасарруфи молу мулки ғайр алоқамандnaбударо дар бобҳои алоҳида муттаҳид намудааст. Боби X. КҶ Ӯзбекистон «Тасарруфи молу мулки ғайр» ном дошта он аз муқаррар намудани таркиби ҷинояти роҳзанӣ (м.164 КҶ) оғоз мегардад, ки ин ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси КҶ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон бештар мувофиқ мебошад. Зеро роҳзанӣ нисбат ба дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокӣ дорад. Қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон мафҳуми тасарруфро дар сатҳи Кодекс муқаррар накардааст. Мафҳуми роҳзанӣ, ки дар қ.1 м.164 КҶ Ӯзбекистон дода шудааст, ба пуррагӣ бо мафҳуми роҳзанӣ, ки дар қ.1 м.249 КҶ ҶТ муайян шудааст, мувофиқат менамояд. Фарқияти асосӣ дар баҳо додан ба дараҷаи хавфнокии ҳолатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад. Масалан, чунин аломати вазнинкунанда содир намудани роҳзанӣ бо истифода аз силоҳ на дар қ.4 балки дар қ.2 м.164 КҶ Ӯзбекистон, такроран дар қ.3 моддаи мазкур муқаррар шудаанд, яъне мутобиқи м.164 КҶ Ӯзбекистон такроран содир намудани роҳзанӣ нисбат ба бо истифодаи силоҳ содир шудани он вазнинтар ҷазо дода мешавад.

**КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон** таркиби роҳзаниро дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳкам намудааст. Мафҳуми роҳзанӣ, ки дар м.207 КҶ Қирғизистон муқаррар шудааст, аз қ.1 м.249 КҶ ҶТ ягон хусусияти фарққунанда надорад. Аммо дар фарқият аз КҶ ҶТ чунин аломати ҷиноят, аз ҷумла аломати роҳзанӣ, ба монади таҳдиди истифодаи зӯроварии барои

ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бевосита дар сатҳи қонунгузорӣ дода шудааст, ки мутобиқи он «таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок – ин таҳдиди куштор, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, сироят кардан бо бемориҳои табобатнашавандаи сироятии барои ҳаёти инсон хавфнок, инчунин таҳдиди таҷовуз ба номус ё амалӣ намудани ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ба ҳисоб меравад».

Вобаста ба аломатҳои вазнинкунанда м.207 КҶ Қирғизистон дар фарқият аз б «г» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ( роҳзанӣ «бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ») аломати «аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ»-ро мустаҳкам намудааст. Ғайр аз ин, ба монанди давлатҳои дигари пасошуравӣ (ФР, Украина, Ҷумҳурии Қазоқистон) ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо истифодаи силоҳ, балки предметҳои дигари ба сифати силоҳ истифодашаванда низ муқаррар шудааст.

**Дар КҶ Арманистон** [14] низ ба монанди КҶ Ӯзбекистон, тасарруф ва дигар ҷиноятҳо ба муқоболи моликият дар бобҳои алоҳида пешбинӣ гардидааст. Боби 30 «Тасарруф» номгузорӣ шуда, аз таркиби ҷинояти роҳзанӣ (м.252 КҶ) оғоз мегардад. Таркиби роҳзанӣ дар қ.1 м.252 КҶ Арманистон чунин муайян шудааст: «роҳзанӣ – тасарруфи бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содиршуда..». Ҳамин тавр, дар КҶ Арманистон якум, аломати ҳуҷум истифода намешавад, дуюм, қонунгузории Арманистон аз таркиби ғоратгарӣ аломати зӯровариро хориҷ намуда, ҳама ҳолатҳои истифода шудани зӯровариро новобаста аз ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будан ё набудани он дар таркиби роҳзанӣ муттаҳид намудааст. Яъне зӯроварӣ ҳамчун аломати роҳзанӣ ҳам зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ва ҳам хавфнок набударо дар бар мегирад. Ғоратгарӣ бошад, танҳо ба таври ошкоро тасарруф намудани молу мулк эътироф мешавад.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ ҳолатҳое муқаррар карда шудаанд, ки дар м.249 КҶ ҶТ ҷой надоранд: роҳзанӣ нисбати зани

ҳомиладор; нисбати шахси дар ҳолати оғизӣ қарордошта; бо бераҳмии махсус, бо истифодаи воситаҳои техникӣ, таҷҳизот, предмети дигар ё воситаҳои махсус мутобиқгардонидашуда ё бо несту нобуд кардан, зарар расонидан ё бартараф намудани таҷҳизот, системаҳо, иншоот ё дигар воситаҳои барои ҳифз ва нигоҳдории молу мулк пешбинишуда; тасарруф намудани предметҳои арзиши махсуси таърихӣ, фарҳангӣ ё бадеӣ дошта.

Баъзе аз аломатҳои зикршуда дар КҶ ҶТ ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо дар м.62 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд (нисбати зани ҳомиладор; нисбати шахси дар ҳолати оғизӣ қарордошта), тасарруф намудани предметҳои арзиши махсуси таърихӣ, фарҳангӣ ё бадеӣ дошта бошад, ба сифати таркиби мустақили ҷиноят дар м.251 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Мафҳуми роҳзанӣ, ки дар м.188 КҶ Молдова [18], дода шудааст, ба мафҳумҳои ҷиноятӣ мазкур, ки дар КҶ Қазоқистон ва Украина муайян шудааст, монанд мебошад, яъне ҳуҷум намудан бо мақсади тасарруфи молу мулки шахси дигар, ки бо зӯроварии бароӣ ҳаёт ва саломатии шахси зери ҳуҷум қарордошта хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд мебошад. КҶ Молдова низ мафҳуми тасарруфро дар сатҳи қонунгузорӣ муайян накардааст.

КҶ **Ҷумҳурии Молдова** чунин аломатҳои вазнинкунандаи роҳзаниро, ба монанди содир кардани он зери ниқоб ё шахсе, ки либос иваз кардааст, аз ҷумла либоси ҷинси дигарро ба бар намуда, (б. с қ.2 м. 188), бо мақсади тасарруфи арзишҳои мероси фарҳангӣ, археологӣ, ёдгориҳо ё аз минтақаҳои дорои иқтидори археологӣ (қ. 2-1 м. 188), дар давраи офатҳои табиӣ (б. а қ.3 м. 188), бо бераҳмии махсус (б. d қ.3 м.188) муқаррар мекунад.

Аз ҳамаи кишварҳои фазои пасошӯравӣ бояд **КҶ Латвия** [13], ҷудо карда шавад, ки дар он таркиби роҳзанӣ вуҷуд надорад, балки танҳо таркиби ғоратгарӣ мавҷуд аст (м. 176). Дар моддаи мазкур таркиби ғоратгарӣ чунин муайян шудааст: тасарруфи молу мулки манқули ғайр, агар

он бо зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ алоқаманд бошад, яъне қонунгузории Латвия истифода шудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё хавфнок набударо ҳамчун аломати фарқгузорӣ намудани таркиби ғоратгарӣ ва роҳзанӣ ҷудо накарда дар умум истифода шудани ҳама гуна зӯроварӣ ё таҳдиди онро ҳангоми тасарруф ба сифати ғоратгарӣ муайян намудааст.

**Хусусияти зӯроварии ҳуҷуми роҳзанӣ дар қонунгузории дигар кишварҳои хориҷӣ низ қайд карда мешавад.**

**Бояд қайд кард, ки дар мавриди тартиб додани** меъёр оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ ба қонунгузори ҶТ наздик қонунгузории Олмон аст, ки роҳзанӣ (Raub) - ро ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноят ҷудо мекунад. Дар ҳуқуқи англосаксонӣ чунин мафҳум вуҷуд надорад: наздиктарин ба он истилоҳи «robbery» ба ҳисоб меравад.

КҶ Олмон [23] меъёрҳорро дар бораи роҳзанӣ (ғоратгарӣ) дар фасли XX, ки ба роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ бахшида шудааст, мустаҳкам намудааст. Таркиби оддии роҳзанӣ дар § 249 StGB муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он зери роҳзанӣ маънои «гирифтани ашъёи манқули дигаронро бо мақсади азонихудкардан ё ба шахси дигар додани он фаҳмида мешавад, ки бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ алоқаманд аст, ки барои чунин кирдор ҷазо дар намуди на камтар аз як сол аз озодӣ маҳрум сохтан аз озодӣ» дар ҳолатҳои дигар – аз 6 моҳ то 5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст. Таркиби роҳзанӣ аломатҳои дуздӣ ва зӯроварӣ бо аломатҳои вазнинкунандаро муттаҳид намуд, ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият дахл дорад. Аммо, дар фарқият аз қонунгузории ҶТ, ҷиноят аз лаҳзаи ситонидани молу мулки ғайр хотимаёфта ҳисоб меёбад.

Агар дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ меъёри асосии фарқгузории роҳзанӣ ва ғоратгарӣ дараҷаи зӯроварии истифодашуда бошад (яъне зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ва хавфнок набуда), пас тибқи Кодекси ҷиноятии Олмон ҳам ғоратгарӣ ва ҳам роҳзанӣ ба як гурӯҳ шомил карда шудаанд, ки таҳти мафҳуми умумии «роҳзанӣ» муттаҳид шудаанд.

Нишонаи асосии фарқкунандаи ин гурӯҳ истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс ё таҳдиди хавфи воқеӣ барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида ба ҳисоб меравад.

Ба мафҳуми роҳзанӣ инчунин ҷиноятии «дуздии ғоратгарона» (§ 252) наздик аст. Мувофиқи он, агар иҷрокунандаи дуздӣ ҳангоми содир намудани ҷиноят дастгир шавад ва ӯ нисбат ба шахси дигар зӯроварӣ истифода кунад ё таҳдиди воқеии марбут ба ҳаёт ва саломатиро ба миён оварад, бо мақсади нигоҳ доштани ашёи дуздидашуда, пас ӯ ҳамчун шахсе, ки роҳзанӣ содир кардааст, ҷазо дода мешавад.

Ба мафҳуми роҳзанӣ ҳамчунин наздик аст «ҳамлаи ғоратгарона ба ронанда» (§ 316а). Дар ин ҳолат гунаҳгор бо мақсади содир намудани роҳзанӣ, дуздии ғоратгарона ё таъмаҷӯйи кушиши таҷовуз ба ҳаёт, саломатӣ ё озодии ронандаи воситаи нақлиёт ё мусофири ҳамроҳаш ҳамла мекунад, бо истифода аз шароити махсуси ҳаракати нақлиётӣ амалӣ месозад.

Аз рӯи ҷазо, Кодекси ҷиноятии Олмон ҳамаи ин ҷиноятҳоро комилан ба роҳзанӣ баробар медонад [96, с. 216].

Таркибҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ иборатанд аз: содир намудани чунин кирдор бо истифодаи силоҳ ё дигар олоти хавфнок; доштани силоҳ ё воситаи дигари бартараф кардани муқовимати ҷабрдида, ки дар ихтиёри ҷинояткор қарор дорад; мавҷудияти силоҳи оташфишон барои бартараф кардани муқовимат ё бо таҳдиди куштан. Ду ҳолати охирин тибқи § 250 StGB ҳамчун таркиби махсусан вазнинкунанда эътироф мегарданд [110, с. 123].

Оқибатҳои нисбатан вазнин ҳангоми роҳзанӣ дар ҳолате ба миён меоянд, ки кирдор боиси марги ҷабрдида гардад (§ 251 StGB). Марг метавонад ҳам дар натиҷаи бепарвоӣ ва ҳам дар натиҷаи шакли қасдонаи гуноҳ ба амал ояд. Чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз даҳ сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ умрбод ҷазо дода мешавад.

Ҳамзамон, дар ҳуқуқи Олмон роҳзанӣ аз дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ фарқ карда мешавад, зеро ҳангоми роҳзанӣ зӯроварӣ барои азхудкунии ашё истифода мегардад, дар ҳоле ки ҳангоми дуздӣ он барои нигоҳ доштани ашёи дуздидашуда ба кор бурда мешавад ва дар ин ҳолат зӯроварӣ танҳо ҳамчун восита амал мекунад.

Дар бисёр давлатҳои дорои ҳуқуқи континенталӣ роҳзанӣ ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноят ҷудо карда намешавад. Чунончи, Кодекси ҷиноятии Италия ғоратгариро дар зумраи ҷиноятҳои зӯроварӣ ба муқобили моликият зикр менамояд (м. 628 – *Rapina*). Ин ҷиноят ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил гардида, таҷовуз ба дороии ҳуқуқӣ – моликиятро дар назар дорад, яъне молу мулке, ки ҳамчун дороии функсионалӣ барои нигоҳдорӣ, рушд ва мустақилияти шахсияти инсонӣ хизмат мекунад ва ҳифзи он дар сатҳи конститутсионӣ таъмин мегардад.

Ғоратгарӣ дар ҳуқуқи Италия ба ду шакл муайян мешавад:

1) ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; 2) дар ҳолате ки зӯроварӣ барои нигоҳ доштани молу мулк ё пинҳон намудани ҷиноят ба амал оварда мешавад.

Барои содир намудани ғоратгарӣ ҷазоҳои зерин пешбинӣ шудаанд: таркиби оддӣ – маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то даҳ сол бо ҷарима ба андозаи аз панҷ ҳазор то бист ҳазор евро; таркиби вазнинкунанда, аз ҷумла вақте ғоратгарӣ бо истифодаи силоҳ, аз тарафи даста (банда), гӯруҳи шахсон, ба ҳолати оҷизи овардани ҷабрдида содир мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш то бист сол ва ҷарима аз 2.000 то 4.000 евро ҷазо дода мешавад

Ҳамин тавр, ҷиноят ҳамчун таҷовузи мураккаб ба моликият, арзёбӣ мегардад, ки дорои унсури таҷовуз ба шахсият низ мебошад [229].

Кодекси ҷиноятии Фаронса дар асл таркиби роҳзаниро ҷудо намекунад. Дар он танҳо намудҳои махсуси дуздӣ пешбинӣ шудаанд, ки бо истифодаи зӯроварӣ содир мегарданд. Ба чунин ҳолатҳо дохил мешаванд: дуздӣ, ки

боиси талафоти пурраи қобилияти корӣ барои зиёда аз ҳашт рӯз мегардад; дуздӣ, ки оқибатҳои вазнин ба саломатии ҷабрдида ба бор меорад, аз ҷумла маъюбӣ, бемории музмин ё марг; дуздӣ бо истифодаи шиканҷа ва бераҳмии махсус; дуздӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо зӯроварӣ содир шудааст; дуздӣ бо истифодаи силоҳ.

КҶ Фаронса ҳолатҳои татбиқи зӯровариро муфассал муайян кардааст. Дар он номгӯйи мушаххас ҷой дорад: кирдорҳои зӯроварона метавонанд пеш аз тасарруф, ҳангоми тасарруф ё баъд аз он анҷом дода шаванд.

Дараҷаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида ба се зергурӯҳ ҷудо карда шудааст: зӯроварӣ, ки боиси аз даст додани қобилияти меҳнатӣ нагаштааст; зӯроварие, ки боиси аз даст додани пурраи қобилияти меҳнатӣ ба муҳлати зиёда аз 8 рӯз гардидааст; зӯроварие, ки боиси маъюбӣ ё бемории музмин шудааст.

Ин гуна тақсимбандии зӯроварӣ ҳудуди нозуки байни роҳзанӣ ва ғоратгариро нишон медиҳад (дар муқоиса бо қонунгузории ҶТ).

Дар қонунгузории Фаронса натиҷаҳои эҳтимолии роҳзанӣ низ муфассал тавсиф шудаанд, ки имкон медиҳанд роҳзанӣ бо истифодаи зӯроварӣ ҳамчун ҷиноят бо таркиби моддӣ арзёбӣ гардад. Ба чунин натиҷаҳо ҳатто кирдорҳои марбут ба  вайронкунӣ, осеб расонидан ва нобуд кардани молу мулк дохил мешаванд.

Ҷойи содир шудани роҳзанӣ низ дар қонунгузории Фаронса васеъ ва мушаххас нишон дода шудааст (бар хилофи қонунгузории ватанӣ): автомобилҳо; нақлиёти ҷамъиятӣ; ҷойҳое, ки барои истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ хизмат мерасонанд (масалан, истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ); манзил; утоқҳое, ки барои нигоҳдории маблағҳо, дигар арзишҳои моддӣ ва қоғазҳои қиматбаҳо истифода мешаванд.

Ба ин гуна утоқҳо шахси гунаҳгор метавонад ҳам бо роҳи шикастани монеа ва ҳам бе он (масалан, бо роҳи фиреб) ворид гардад.

Дар ҳуқуқи Фаронса ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо нисбат ба шахсони воқеӣ, балки ҳам нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ муқаррар мегардад, агар ҷиноят ба манфиати онҳо аз ҷониби роҳбар ё намояндаи ваколатдори ташкилот содир шуда бошад [61, с. 59].

Роҳзанӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷопон ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноят пешбинӣ шудааст. Дар тарҷумаҳо аксар вақт барои ишора ба ин таркиб истилоҳи «ғоратгарӣ» истифода мешавад.

Аломати фарққунандаи роҳзанӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷопон на танҳо гирифтани молу мулк тавассути истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он аст. Ба он ҳамчунин ба даст овардани фоидаи ғайриқонунии молу мулк барои худ ё дигар шахсон дохил мешавад (м. 236).

Қонунгузории Ҷопон ҷавобгариро барои тайёрӣ ба роҳзанӣ низ алоҳида муқаррар кардааст (м. 237). Илова бар ин, агар шахс пас аз тасарруфи молу мулк зӯроварӣ содир кунад, ин амал низ ҳамчун роҳзанӣ арзёбӣ мешавад. Ин ҳолат дар қонун бо номи «ғоратгарӣ барои пинҳон кардани ҷиноят» зикр шудааст (м. 238). Дуздӣ дар ҳолати оҷизии ҷабрдида низ дар қонун ба роҳзанӣ баробар карда шудааст (м. 239).

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷопон моддаҳои алоҳида барои ҳолатҳои махсус пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, агар ҳангоми роҳзанӣ ҷабрдида ба марг расонида шавад ё ба саломатии ӯ зарари ҷисмонӣ ворид гардад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад (м. 240). Ҳамчунин, таҷовуз ба номуси зан, ки қурбонии роҳзанӣ мебошад, ҳамчун таркиби алоҳида пешбинӣ шудааст (м. 241).

Қонунгузории ҷиноятии Британиёи Кабир таркиби роҳзаниро ҷудо накардааст. Ба ҷойи он дар қонунгузории ин давлат истилоҳи «robbery» истифода мегардад, ки дар тарҷумаи тоҷикӣ ба маънои «ғоратгарӣ» омадааст.

Ҷавобгарӣ барои «robbery» мутобиқи моддаи 8 (1) **Theft Act 1968** (Қонуни дуздӣ) пешбинӣ шудааст. Тибқи ин модда, «robbery» дуздӣ

мебошад, ки бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ анҷом дода мешавад.

Шарти муҳим ин аст, ки зӯроварӣ бояд дар лаҳзаи содиршавии ҷиноят ё бевосита пеш аз он истифода гардад. Ҳуқуқи преседентии Британиё чунин мавқеъро муайян кардааст: ҳатто агар шахс силоҳ ё предмети дигареро, ки ҳамчун силоҳ истифода мешавад, ба кор барад, ин ҳолат худ аз худ таркиби нишондодашудаоро ташкил намекунад, агар ӯ ҳуқуқи қонунии талаб кардани молу мулкро дошта бошад.

Намунаи возеҳ парвандаи **Robinson [1977] Crim LR 173 (CA)** мебошад. Дар он айбдоршаванда бо мақсади талаб кардани қарз аз зани ҷабрдида кордро истифода бурда, ӯро таҳти тарс қарор додааст.

Дар чунин ҳолат, ҳангоми арзёбии кирдор, нақши асосӣ масъалаи истифодаи қувва мебозад. Ҳамин тавр, бояд муайян карда шавад, ки оё истифодаи зӯроварӣ барои он ки кирдор ҳамчун ғоратгарӣ баҳо дода шавад, кофӣ мебошад ё не.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии ИМА мафҳуми «robbery» аз ҷиҳати мазмун ба таркиби ҷиноятии роҳзанӣ дар қонунгузории мо наздик аст. Вале онро бо «burglary» – яъне воридшавӣ ба бино ё иншоот бо нияти содир кардани дуздӣ ё ҷинояти дигар – омехта кардан дуруст нест.

Хусусияти хоси низоми ҳуқуқии ИМА дар он аст, ки ҳар як иёлот қонунгузории ҷиноятии худро дорад ва таркиби ҷиноятҳо дар қонунҳои иёлотӣ алоҳида пешбинӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, дар мавриди ҷинояти «robbery» аломатҳои асосӣ қариб дар ҳамаи иёлотҳо яксонанд: дуздӣ аз шахс (гирифтани молу мулк бевосита аз инсон), истифода ё таҳдиди истифодаи қувва бар зидди шахс. Ҳамин тавр, «robbery» дар ИМА ҳамчун дуздие маънидод мешавад, ки ҳамеша бо зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида иртибот дорад.

Масалан, Кодекси ҷиноятии иёлати Ню-Йорк таърифи муфассали роҳзаниро дар бар мегирад. Дар он зикр шудааст:

«Роҳзанӣ – ин тасарруфи молу мулк бо роҳи зӯроварӣ мебошад. Шахс молу мулкро бо роҳи зӯроварӣ тасарруф мекунад ва ғоратгарӣ содир менамояд, агар дар раванди содир кардани дуздӣ ӯ нисбат ба шахси дигар зӯроварӣ истифода кунад ё таҳдид намояд, ки фавран қувваи ҷисмонӣ ба кор мебарад, бо мақсади: пешгирӣ ё бартараф намудани муқобилият ба ситонидани молу мулк ё нигоҳ доштани он баъд аз ситонидан, ё маҷбур кардани соҳиби чунин молу мулк ё шахси дигар ба додани он молу мулк ё иҷозат ба анҷоми дигар амалҳо, ки ба содиршавии дуздӣ мусоидат менамоянд» [118, с. 101].

Дар қонунгузории бисёре аз иёлотҳо таркиби вазнинкунандаи ҷиноят мавҷуд аст. Ин ҳолатҳо, пеш аз ҳама, ба вазъияте дахл доранд, ки ҷабрдида дар вақти дуздӣ ҳузур дошта бошад ё ҷинояткор ҳангоми ҳамла аз силоҳи маргбор истифода кунад. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Техас расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, таҳдиди марг ё дигар зарари ҷисмонӣ тибқи §29.03 ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда муайян шудаанд. Дар қонунгузории ҷиноятии Калифорния бошад, ҷиноят вобаста ба дараҷаҳо ҷудо карда мешавад: дараҷаи аввал – вақте ки амал дар нақлиёти ҷамъиятӣ, манзил, қаиқ ё қисмати муайяни бино содир мегардад; дараҷаи дуюм – ҳангоми истифодаи таҳдид бо зӯроварӣ (§212).

Масъалаи истифодаи қувва дар таркиби ҷинояти ғоратгарӣ, ҳамон тавре ки дар ҳуқуқи Бритониё низ мавқеи калидӣ дорад, дар низоми ҳуқуқии Иёлоти Муттаҳида низ ба унсури муайянкунанда табдил ёфтааст. Далели равшани ин мавқеъ дар қарори Додгоҳи Олии Флорида ифода ёфтааст, ки дар парвандаи Robinson v. State, 692 So. 2d 883, 886 (1997**)** ба таври возеҳ таъкид намудааст: барои он ки таркиби ғоратгарӣ мукаммал дониста шавад, зарур аст, то муқовимати ҷабрдида аз ҷониби ҷинояткор тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ бартараф карда шавад [231]. Ин равиш нишон медиҳад, ки унсури зӯроварӣ на танҳо ҳамчун воситаи

такмилдиҳандаи амал, балки ҳамчун аломати зарурии таркиби ҷиноят арзёбӣ мегардад.

Дар қонунгузории иёлотҳои гуногун ғоратгарӣ ба таври умумӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин (felony) мансуб дониста мешавад. Хусусияти хоси чунин ҷиноятҳо он аст, ки ҷазо барои онҳо ҳамеша дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳии давлатӣ бо мӯҳлати зиёда аз як сол пешбинӣ мегардад. Илова бар ин, ҳангоми содир гардидани ҷиноят бо таркиби вазнинкунандаи ҷиноят, қонунгузор ҷазоҳои назаррас ва шадидтарро муқаррар мекунад.

Масалан, тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии Техас, агар ҷиноят дар шакли оддӣ содир шуда бошад, маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад аз ду то бист солро дар бар гирад. Аммо дар ҳолатҳое, ки кирдор дорои таркиби вазнинкунандаи ҷиноят аст ё ба дараҷаи аввал мансуб дониста мешавад, миқёси ҷазо ба маротиб сахттар гардида, метавонад аз панҷ то наваду нуҳ сол идома ёбад ва дар ҳолатҳои махсус ҳатто боиси якумра маҳрум сохтан аз озодӣ гардад. Ин мавқеъ баёнгари он аст, ки ҳуқуқи ҷиноятии иёлотҳо дар мавриди ғоратгарӣ на танҳо ҳузури унсури зӯровариро калидӣ мешуморад, балки вобаста ба мавҷудияти ҳолатҳои вазнинкунанда, миқёси ҷавобгариро ба таври назаррас тақвият мебахшад [150, с. 45].

**Ҳамин тавар, хусусиятҳои таркиби роҳзаниро дар қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ таҳлил намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:**

1. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дар аксари ҳолатҳо ба қонунгузории ҶТ дар самти муқаррар намудани таркиби роҳзанӣ монанд буда (ба истиснои Латвия), таркиби алоҳидаи роҳзанӣ ва ғоратгариро дар муқоиса бо аксари давлатҳои хориҷӣ ҷудо мекунад.

2. Ҷудо намудани таркиби роҳзанӣ реша дар анъанаи ҳуқуқии давраи шуравӣ дорад. Ин ҳолат аз он вобаста аст, ки дар қонунгузории бисёр кишварҳои ҷаҳон миёни ҷиноятҳои монанд, аз қабили ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ, сарҳади возеҳ ва устувор мавҷуд нест. Дар

натиҷа, чунин норавшании мафҳумӣ дар амалия ба мушкилоти ҷиддӣ оварда мерасонад, хусусан ҳангоми муайян намудани дараҷа ва хусусияти зӯроварие, ки дар ҷараёни содир кардани ҷиноят истифода шудааст.

3. Вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятҳои пасошуравӣ пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.249 КҶ ҶТ ибораи «таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ» бо ибораи «таҳдиди **бевосита** истифода шудани чунин зӯроварӣ» (КҶ Қазоқистон) иваз карда шавад; пас аз ибораи «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок» ибораи «нисбати **шахси зери ҳуҷум қарордошта»** (КҶ Қазоқистон, Украина, Молдова) илова карда шавад.

4. Оғоз намудани боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз таркиби роҳзанӣ асосноктар ба назар мерасад, зеро ин ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси КҶ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон бештар мувофиқ мебошад.

5. Ба монанди давлатҳои дигари пасошуравӣ (ФР, Украина, Ҷумҳурии Қазоқистон) ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо истифодаи силоҳ, балки предметҳои дигари ба сифати силоҳ истифодашаванда низ дар б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

6. Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки на ҳама аз ин давлатҳо бевосита таркиби роҳзаниро фарқ мекунанд. Дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла Олмон, Италия ва Ҷопон, мафҳуми ғоратгарӣ истифода мешавад, ки аз нигоҳи сохтор ба таркиби роҳзанӣ хеле наздик аст. Қонунгузории Фаронса бошад, таркиби дуздии бо зӯроварӣ содиршударо ҷудо кардааст. Дар навбати худ, дар ИМА ва Британиёи Кабир низ шакли махсуси таркиберо ҷудо месозанд, ки бештар ба таркиби дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ иртибот дорад.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ РОҲЗАНӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Масоили муайян намудани объекти роҳзанӣ

Муқоисаи нишондиҳандаҳои оморӣ собит месозад, ки сатҳи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли болоравӣ дорад. Аз ҷумла, соли 2020 – 23 460 ҷиноят, соли 2021 –24 118 ҳолат, яъне тақрибан ҳазор ҷиноят бештар ба қайд гирифта шудааст [228]. Ин тағйирот далели афзоиши умумии вазъи ҷинояткорӣ мебошад. Ба ҳамин монанд, вазъи содиршавии роҳзанӣ низ нигаронкунанда арзёбӣ мегардад, зеро нишондиҳандаҳои оморӣ собит месозанд, ки шумораи чунин кирдорҳо сол ба сол зиёд шуда истодааст.

Масалан, агар соли 2019 ҳамагӣ 29 ҳолати роҳзанӣ сабт шуда бошад, пас соли 2020-33, 2021-38, 2022-38, 2023-19,2024-33, шаш моҳи аввали соли 2025- 57 ҳолати содиршавии роҳзанӣ ба қайд гирифта шудааст.

Яке аз намудҳои хавфноки ҷиноятҳо ба муқобили моликият роҳзанӣ мебошад. Дар таҷрибаи судӣ ва тафтишотӣ ҳолатҳои нодурусти бандубасти роҳзанӣ дида мешаванд. Одатан чунин ҳолатҳо ба фаҳмиши нодурусти аломаҳои таркиби ин ҷиноят вобаста мебошанд. Қонунгузорӣ муайян мекунад, ки объекти ҷиноятҳои боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои моликиятӣ аст. Ин нишона ягона аломати умумии ҳамаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ҳисобида мешавад. Аммо дигар унсурҳои таркиби ҷиноят дар ҳар ҳолат бо хусусиятҳои фарққунанда тавсиф мешаванд. Бинобар ин, новобаста аз он ки объект умумӣ мебошад, аломатҳои дигари таркиб барои ҳар як намуди алоҳидаи ҷиноят хусусиятҳои хоси худро дорад.

Се гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро фарқ намудан мумкин аст:

1. Тасарруфи молу мулки ғайр. Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои пешбининамудаи м.м. 244 (Дуздӣ), 245 (Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ), 246 (Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда), 247 (Қаллобӣ), 248 (Ғоратгарӣ), 249 (Роҳзанӣ) ва м.250 КҶ ҶТ (Тамаъҷуӣ) дохил мешаванд.

2. Дигар намудҳои ғайриқонунӣ ба даст овардан ё истифодаи молу мулки ғайр. Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зерин мансуб мебошанд: ғайриқонунӣ карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м.252 КҶ ҶТ), расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м.253 КҶ ҶТ), вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ (м.253[1] КҶ ҶТ).

3. Ҷиноятҳои марбут ба нест нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк, ки ин гурӯҳ кирдорҳои дар м.255 КҶ ҶТ (Қасдан нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк) ва м.256 КҶ ҶТ (Аз беэҳтиётӣ несту нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк) мансуб дониста мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи роҳзанӣ дар низоми шаклҳои тасарруфи молу мулки ғайр то ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Дар ин замина, ақидаи ягона миёни муҳаққиқон вуҷуд надорад. Масалан, А.Г. Хлебушкин, ҳангоми баррасии шаклҳои тасарруф, изҳор менамояд, ки «роҳзанӣ наметавонад ҳамчун шакли мустақили тасарруф арзёбӣ гардад. Зеро он танҳо таҷовуз бо мақсади тасарруф мебошад» [33, с. 217].

Назари дигарро Н.А. Лопашенко пешниҳод кардааст, ки онро метавон баҳсталаб арзёбӣ намуд. Ба таъкиди ӯ, «таҷовуз бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо таъсири муайяни ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ба ҷабрдида алоқаманд аст, ба тасарруф баробар нест. Баръакс, тасарруф аз доираи роҳзанӣ берун меистад. Аз ин рӯ, ягон асос барои он вуҷуд надорад, ки таҷовузи роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруф арзёбӣ гардад» [71, с. 76].

С.М. Кочои ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро ба: 1) ҷиноятҳои ғаразноки бо тасарруф алоқаманд (м.м. 244-248, 251 КҶ ҶТ); 2) ҷиноятҳои

ғаразноки бо тасарруф алоқаманд набуда ва 3) ҷиноятҳои беғаразро ҷудо намуда, роҳзаниро ба гурӯҳи ҷиноятҳои дуюм, яъне бо тасарруф алоқаманд набуда мансуб донистааст. Зеро ба андешаи ин олим сохтори қонунгузории роҳзанӣ имкон намедиҳад, ки онро ба тасарруф дохил намоем [56, с. 6]. А.П. Севрюков назарияеро ҷонибдорӣ мекунад, ки роҳзанӣ, ҳарчанд ҳамаи унсурҳои классикии тасарруфро (мисли қаллобӣ ё азонихудкунӣ) фаро намегирад, аз ҷиҳати самтгирии умумӣ ва бархе хусусиятҳои хос, қобили қабул аст ҳамчун шакли тасарруф арзёбӣ шавад [107, с. 55].

Пеш аз ҳама, барои дарк намудани моҳияти роҳзанӣ ва роҳ надодан ба иштибоҳ дар раванди бандубасти ин ҷиноят муайян намудани объекти таҷовузи роҳзанӣ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳияти роҳзанӣ дар он аст, ки ҷинояткор мехоҳад, молу мулки ғайрро тавассути истифодаи зӯроварӣ ба ҷабрдида, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, ба даст орад [155, с. 72].

Ба андешаи Б. С. Никифоров, моҳияти роҳзанӣ дар алоқамандии он бо зӯроварӣ ифода меёбад [85, с. 13]. Ин ҷиноят на танҳо ҳуқуқи моликиятро поймол месозад, балки ҳамзамон ба арзишҳои олӣ – ҳаёт ва саломатии инсон низ таҳдид мекунад. Дар ин замина, моликият объекти асосии таҷовуз буда, ҳуқуқ ба ҳаёту саломатӣ – объекти иловагӣ мебошад. Ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил намудани роҳзанӣ аҳаммияти ҳифзи шахсиятро паст намекунад. Аз лиҳози вазнинӣ бошад, роҳзанӣ ҷинояти хавфнок эътироф шуда, аз лаҳзаи ҳуҷум ба охир мерасад, новобаста аз он ки молумулк ба даст омадааст ё на [26, с. 459].

Қонунгузор роҳзаниро ҳамчун «ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок аст ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» [5], муайян мекунад. Аз ин бармеояд, ки аломатҳои роҳзанӣ инҳоянд:

– ҳуҷум;

– истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ таҳдид мекунад ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ;

– мақсади ҳуҷум - тасарруфи молу мулки ғайр.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «ҳуҷум» бевосита муайян нашудааст, ки ин боиси зарурати муроҷиати мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба тафсирҳои назариявӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ягонагии назар оид ба моҳияти ҳуҷум вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, В. А. Владимиров онро дар доираи таркиби ҷинояти роҳзанӣ ҳамчун ҳаракати фаъол ва ғайричашмдошт нисбат ба ҷабрдида, ки хавфи воқеии истифодаи зӯроварии фаврӣ ва бевоситаро эҷод карда, бо мақсади тасарруфи молу мулки сотсиалистӣ амалӣ мегардад, маънидод месозад [28, с. 111].

Г.А. Кригер мавқеи дигарро ишғол мекунад, ки ҳуҷумро ҳамчун таъсири ногаҳонии зӯроварӣ ба ҷабрдида ҳам дар шакли ошкоро, яъне аз ҷониби шахси мавриди ҳуҷум ё шахсони сеюм қарордошта ва ҳам дар таъсири ғайричашмдошт ва бе мушоҳидашаванда ба шахсоне, ки худашон низ аз воқеияти ҳуҷум огоҳ нестанд, маънидод месозад (зарба аз қафо, аз камин тир паррондан ва ғайра) [59, с. 128]. Пленуми Суди Олӣ тавзеҳ медиҳад, ки «дар ҳолате, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида мешавад, ҳаракатҳои содиргардида бояд, чун роҳзанӣ бандубаст карда шавад» [9, с. 84], яъне чунин ҳаракатҳои ҷиноятгорона ҳамчун ҳуҷум муайян карда шудааст.

Аммо чунин мавқеъ аз ҷониби баъзе олимон зерин танқид қарор гирифтааст. Масалан, С.М. Кочои чунин мешуморад, ки: «дар чунин муносибат ба ҳуҷум яке аз аломатҳои муҳимтарини он – ногаҳонӣ будани ҳаракатҳои гунаҳгор ишора карда намешавад. Агар ба бадани ҷабрдида ворид кардани моддаҳои ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдидкунанда пеш аз ҳуҷум

набошад ё худи чунин воридкунӣ унсури зӯроварӣ нисбати ҷабрдида набошад, пас дар чунин ҳолат ҳаракатҳои ғайриқонуниро ҳамчун роҳзанӣ бандубаст кардан мумкин нест» [165, с. 128].

Мавқеи олимонро вобаста ба таносуби мафҳумҳои "ҳуҷум" ва "зӯроварӣ" дар таркиби роҳзанӣ асосан ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Тарафдорони гурӯҳи аввал ҳуҷум ва зӯровариро ҳангоми роҳзанӣ ҳамчун мафҳумҳои нобаробар муайян менамоянд. Масалан, А.А. Гравина, П. С. Яни ҳуҷум ҳангоми роҳзаниро ҳамчун эҷоди хавфи истифодаи зӯроварӣ, ки дар асоси вазъияти мушаххас, новобаста аз он ки ҷабрдида ин далелро дарк кардааст ё не, инчунин нисбати ҷабрдида амалисозии ҳаракатҳое, ки ба муқобили ҳаёт ва саломатии ӯ равона шудааст, баррасӣ месозанд [162, с. 19].

Бо чунин муносибат, Б.В. Волженкин қайд мекунад, ки зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ дар таркиби роҳзанӣ танҳо яке аз унсурҳои ҳуҷум мебошад, ки ҳаракатҳои дигарро дар бар мегирад [29, с. 16]. Мувофиқи мавқеи дуюм, ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ истифодаи зӯроварӣ нисбати шахсе, ҳисоб мешавад, ки молу мулки ӯ мавриди тасарруф қарор гирифтааст. П. С. Матишевский нишон медиҳад, ки «гарчанде ки қонун роҳзаниро тавассути нишон додани ду намуди ҳаракатҳои интихобкардаи гунаҳгор муайян мекунад, аммо моҳияти ҳуҷум ва зӯроварӣ як аст» [75, с. 81-82].

Бояд зикр намуд, ки ҷинояти роҳзанӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда аз дигар шаклҳои тасарруфи молу мулк мебошад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, дар сохтори таркиби ҳуқуқии ҷиноят инъикос меёбад: агар ҷиноятҳои тасарруф тибқи қонунгузории ҷиноятӣ дорои таркиби моддӣ бошанд, роҳзанӣ, баръакс, ҳамчун таркиби расмӣ эътироф мегардад. Ҳангоми муайян намудани лаҳзаи ба охир расидани тасарруф зарур аст таъкид гардад, ки кирдори ҷиноятӣ аз он давра анҷомёфта ҳисобида мешавад, ки шахс имконияти воқеан ихтиёрдорӣ намудани молумулкро пайдо намояд. Ҳалли масъалаи зикршуда аҳаммияти хоса дошта, на танҳо дар сатҳи

назариявӣ, балки аз нигоҳи амалӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро он ба татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва ташаккули амалияи судӣ таъсири мустақим мерасонад.

Роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади ба даст овардани молу мулк, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ё саломатиии ҷабрдида хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд буда хотимаёфта эътироф мешавад. Имконияти содир кардани сӯиқасд дар таркибҳои кӯтоҳкардашуда, аз ҷумла роҳзанӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавзуи баҳс аст.

Ба ақидаи М.М. Исаев, лаҳзаи ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ  суиқасд ба онро ташкил медиҳад,  он танҳо аз лаҳзаи гузаштани молу мулки ҷабрдида ба гунаҳгор хотимаёфта ҳисоб мешавад [46, с. 39]. Мавқеи М.М. Исаевро И.С. Тишкевич низ дастгирӣ намуда  чунин мешуморад, ки «ҳатто бо чунин тарз муайян намудани таркиби роҳзанӣ, як қисми фаъолияти пешакии ҷиноятӣ ба мафҳуми роҳзании хотимаёфта дохил намешавад ва бояд ҳамчун тайёрӣ ё сӯйиқасд ба он баррасӣ карда шавад» [116, с. 207-208]. Ба андешаи мо, эътирофи имконияти ҷой доштани  сӯйиқасд ҳангоми роҳзанӣ беасос аст. Дар ин бора Н.Д. Дурманов боварибахш изҳори назар мекард, ки «сӯйиқасд ба роҳзанӣ ғайриимкон аст, зеро лаҳзаи ҳуҷум ба инсон бо мақсади ба даст овардани молу мулк тавассути истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ аллакай таркиби ҷинояти анҷомефтаро ташкил медиҳад» [36, с. 44].

А.В. Корнев, А. И. Рарог низ ақидаи ба ин монандро ҷонибдорӣ намуда, баён медоранд, ки «ҳангоми содир кардани ҷиноят бо таркиби кутоҳкардашуда, аз ҷумла роҳзанӣ, ки дорои чунин таркиб  аст, худи ҳаракат таркиби хотимаёфтаи ҷиноятро ташкил медиҳад, дар ин ҳолат сӯиқасд ба чунин ҷиноят  ғайриимкон аст» [55, с. 103].

Роҳзанӣ дорои таркиби кӯтоҳкардашуда мебошад. Аммо, ҳангоми баррасии аломатҳои вазнинкунандаи он, ки дар  б»а», қ.3 («ба миқдори калон») ва б «б» қ.4 м.249 КҶ ҶТ («ба миқдори калон») мустаҳакам шудаанд, дар аввал метавон ба хулоса омад, ки таркиби ҷиноят ҳамчун таркиби

моддӣ сохта шудааст ва оқибати барои ҷамъият хавфнок расонидани зарари калон ё махсусан калон ба молик ба ҳисоб меравад.

Масъала дар бораи имконияти ҷой доштани суийқасд ба роҳзаниро баррасӣ намуда, бояд ба тавзеҳоти судӣ рӯй овард. Мутобиқ б. 27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004 №3: «дар ҳолатҳое, ки агар шахси ҳуҷуми роҳзанона содиркарда мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулкро дошту вале амалан онро соҳиб нагардид ё молу мулкро соҳиб гардид, ки арзиши он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор ё ду ҳазор маротиба зиёдтар нест, дар ин маврид ҳаракатҳои вай бояд бо б. «а» қ.3 ё б. «б» қ.4 м.249 КҶ ҶТ чун роҳзанӣ бо мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулк бандубаст карда шавад» [9, с. 85].

Ин ҷо лаҳзаи муҳим он аст, ки миқдори калон ё махсусан калон на ҳамчун оқибати барои ҷамъият хавфнок, балки мақсади содир намудани ҷиноят баромад менамоянд. Вобаста ба ин бояд ҳолатҳои тасдиққунандаи самти қасди гунаҳгор барои содир намудани роҳзанӣ ба миқдори калон ё махсусан калон муқаррар гардад.

Дар натиҷаи баррасии масъала метавон ба хулоса омад, ки сӯиқасд ба роҳзанӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Сабаби чунин хосият дар он ифода меёбад, ки қонунгузор таркиби ҷинояти роҳзаниро ба тавре сохтааст, ки он аз лаҳзаи анҷоми ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ҳамчун ҷинояти анҷомёфта эътироф мегардад, сарфи назар аз он ки гунаҳгор воқеан ба молу мулк даст ёфтааст ё не. Бо вуҷуди ин, марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ, аз ҷумла ҳангоми роҳзанӣ, ҷой дошта метавонад. Тайёрӣ ба чунин ҷиноят кирдорҳоеро дар бар гирифта метавонад, ки ҳанӯз ба иҷрои бевоситаи тарафи объективии ин ҷиноят табдил наёфтаанд, вале барои фароҳам овардани шароити мусоид ба содиршавии он равона гардидаанд. Ба ҳайси чунин кирдорҳо метавон

ташкили гурӯҳи устувори роҳзанон, муҳайё сохтани воситаҳои зарурӣ (аз ҷумла силоҳ), ҷамъоварии маълумоти зарурӣ дар бораи шахсони дорои маблағи зиёди пулӣ ё молу мулки арзишманд, инчунин бартараф намудани монеаҳои эҳтимолӣ, ки метавонанд ба иҷрои ин ҷиноят халал расонанд, номбар намуд.

Дар қонун ба таври дақиқ мустаҳкам нашудани аломатҳои тасарруф бандубасти онро мушкил мегардонад [106, с. 13]. Тавре ки дар боло қайд кардем, аломати ҳатмии тасарруф предмети ҷиноят аст. Агар роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруф баррасӣ карда шавад, пас барои бандубасти кирдор тибқи м. 249 КҶ ҶТ бояд предмети ҷиноятро муайян кард. Дар ин ҳолат, ба сифати предмети роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруф бояд молу мулки ғайр ҳисобида шавад.

Дар робита ба ин, агар ҳуҷум бо истифода аз зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок, бо мақсади ба даст овардани предмети дар моликияти муштараки ҳуҷумкунанда ва ҷабрдида қарор дошта анҷом дода шавад, дар кирдори ҳуҷумкунанда таркиби ҷинояти пешбининамудаи м.249 КҶ ҶТ вуҷуд дошта наметавонист.

Аз рӯи таърифи қонунгузории роҳзанӣ, тасарруфи молу мулки ғайр аз доираи таркиби он берун буда ба хотимаёфта эътироф намудани ҷиноят ягон таъсир намерасонад. Барои он ки тасарруф хотимаёфта эътироф шавад, бояд муқаррар гардад, ки гунаҳгор имконияти воқеии ихтиёрдорӣ намудан ба чунин молу мулк ё истифодабарии онро ба даст оварда бошад. Зери мафҳуми имконияти воқеӣ имконияти бе мамониат истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани молу мулк новобаста аз амалан татбиқ шудани чунин имконият фаҳмида мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло мумкин аст ба хулоса омад, ки роҳзанӣ шакли тасарруф ба ҳисоб намеравад. Тасарруф ба тарафи объективии таркиби мазкур дохил намешавад, чунки роҳзанӣ танҳо бо мақсади тасарруф содир мешавад. Пеш аз ҳама, тарафи объективии роҳзаниро

зӯроварӣ (ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) нисбати ҷабрдида ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, предмети ҷинояти пешбининамудаи м. 249 КҶ ҶТ аломати ҳатмии таркиби ҷиноят ба ҳисоб нарафта, он барои бандубасти ҷинояти мазкур таъсир намерасонад.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 249 барои «роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи molу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» [6], ҷавобгарии ҷиноятӣ мукаррар намудааст. Бо назардошти бандубасти дуруст ва хаматарафаи ҷиноят зарур аст, ки ҳамаи унсурхо ва аломатҳои таркиби ҷиноят дуруст муайян ва мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Чунки м. 11 КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки «асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст» [6]. Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳатто яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят кирдорро хамчун ҷиноят баҳо додан мумкин нест.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан чор унсури таркиби ҷиноят – объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективиро чудо мекунанд ва ҳар яке аз ин унсурҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ маънову мазмун ва муҳтавои худро доро мебошанд. Дар навбати худ ҳамаи унсурхои таркиби ҷиноятро ба аломатхои объективӣ ва субъективӣ ҷудо менамоянд. Ба унсурҳои (элементҳои) объективӣ дохил мешаванд: а) объекти ҷиноят, б) тарафи объективии ҷиноят. Ба унсурҳои (элементҳои) субъективӣ дохил мешаванд: в) субъекти ҷиноят; г) тарафи субъективии ҷиноят.

Яке аз унсурхои таркиби ҷиноят объекти ҷиноят мебошад, ки он имкон медиҳад, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муайян карда шавад ва мазмуну моҳияти иҷтимой-сиёсии он кушода шавад. Объекти ҷиноят мазмуни иҷтимоии ҷиноятро муайян менамояд ва барои бандубасти ҷинояти мушаххас хеле муҳим мебошад [212, с. 66].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештари олимон мавқеро тарафдорӣ

менамоянд, ки мувофиқи он «объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошанд, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок ба онҳо таҷовуз мекунад ва дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба онҳо зарари ҷиддӣ расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд» [144, с. 427].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ моҳияти объекти ҷиноят тавассути муайн намудани объекти умумӣ, объекти хелӣ, объекти намудӣ ва объекти бевосита ошкор карда мешавад [133, с. 105]. КҶ ҶТ соли 1998 низ вобаста ба чунин таснифот ба бобҳо, фаслҳо ва моддаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст,ки ин моҳияти мафҳуми мазкурро дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда инъикос месозад.

Объекти умумӣ – маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо қонуни ҷиноятӣ аз таҷовузҳои барои ҷамъият хавфнок ҳифз мекунанд [45, с. 64].

«Объекти хелии аз муносибатҳои ҷамъиятии якхела иборатбуда дар фасли Қисми махсуси КҶ вобаста аз арзиши объект нишон дода шудааст» [148, с. 58].

«Объекти намудии ҷиноят – ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии як намуд аст, ки аз рӯйи нишонаи он фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба бобҳо ҷудо карда мешаванд» [145, с. 81].

«Объекти бевосита – ин муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки бо меъёрҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳифз карда мешаванд. Аз рӯйи объекти бевосита бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба моддаҳо ҷудо карда мешаванд» [146, с. 125].

Роҳзанӣ дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ҷойгир шудааст. Бинобар он, ба сифати объекти хелии он муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт баромад менамоянд. Вале, вобаста ба объекти хелии ҷиноятҳои дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун баён шудааст. Масалан, «ҳамчун гурӯҳи

муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти муътадили иқтисодиётро ҳамчун системаи том таъмин менамоянд [171, с. 117], муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд» [105, с. 6].

Ба андешаи Н.А. Лопашенко, «объекти хелии ҷиноятҳои зидди моликият пурра бо объекти намудии онҳо мувофиқат менамояд. Ӯ зери мафҳуми объекти хелӣ моликиятро ҳамчун категорияи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ шарҳ дода, онро ба равандҳои ба даст овардани воқеӣ ва ҳуқуқии молу мулк аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ иртибот медиҳад. Дар ин замина, моликият маҷмуи ҳуқуқҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро дар бар гирифта, ҳамчунин ҳуқуқи истисноии интиқоли чунин ваколатҳоро ба дигарон фаро мегирад» [71, с. 12].

Г.Н.Борзенков низ ба сифати объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият маҳз моликиятро эътироф менамоянд [86, с. 464], ки дар чунин ҳолат объекти хелӣ ва намудӣ бо ҳам мувофиқат менамоянд.

Мо бо чунин андешаҳо розӣ буда наметавонем. Зеро андешаҳои зикршуда бо таснифи объект ба умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита, ки дар асоси онҳо қисми махсуси КҶ ҶТ сохта шудааст, мувофиқ намеояд.

Як гурӯҳ олимон ҳангоми муайян намудани объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият чунин меҳисобанд, ки ҷойгиркунии ҷиноятҳои мазкур дар фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» асоснок ба ҳисоб намеравад. Зеро «аксарияти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ба монанди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, таъмаҷӯӣ ангезаи ғаразнокӣ дошта, ба ҳуқуқҳои молу мулкии шаҳрвандон ва ташкилотҳо таҷовуз оварда, дар баробари ин ба иқтисодиёт ҳамчун фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ дар бисёр ҳолатҳо муносибати бевосита надоранд» [213, с. 104-105].

Бинобар ин, Қ.Х. Мирзоев пешниҳод менамояд, ки барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ «ҳангоми сохтани таркиби ҷиноятҳо дар

Қисми махсуси КҶ ҶТ вобаста ба хусусиятҳои махсуси ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ба КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруфи молу мулки ғайр алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад» [205, с. 57].

Объекти дигари ҷиноят ин объекти намудӣ мебошад. «Объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхели онҳо мебошад» [148, с. 58]. Ба сифати объекти намудии ҷинояти роҳзанӣ ба андешаи аксарияти олимон муносибатҳои моликиятӣ баромад менамояд [128, с. 531]. Дар баробари ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи фаҳмиши муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок боқӣ мемонад. Таҳлили муқарраротҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки якчанд мавқеро дар бораи фаҳмиши муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят: муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва категорияи иқтисодӣ- ҳуқуқӣ ҷудо намоем.

Масалан, ба андешаи як гурӯҳ олимон муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмуи муносибаҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, тақсимот, ивазнамоӣ ва истеъмоли неъматҳои моддӣ мебошад [32, с. 18], [126, с. 173-174]. Олимони мазкур чунин меҳисобанд, ки ҷиноятҳои ба муқобили моликият таҷовузкунанда муносибатҳоро вобаста ба тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддӣ халалдор намуда, ба фаъолияти муътадили иқтисодии давлат зарар мерасонанд. Ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятиро на дар мазмуни ҳуқуқӣ, балки танҳо дар мазкмуни иқтисодии он халадор месозанд [128, с. 531].

Гурӯҳи дигари олимон муносибатҳои моликиятиро ба сифати категорияи ҳуқуқӣ мефаҳманд [82, с. 30-31], [136, с. 257]. Масалан, З.А.

Незнамова чунин баён менамояд, ки «объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ баромад намуда, моликият вобаста ба КМ ҳамчун «категорияи ҳуқуқӣ, муносибати ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки байни молики молу мулк ва аъзоёни дигари ҷомеа (ғайри молик) доир ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба ӯ мансуббуда ба вуҷуд меояд» [136, с. 257].

В.В. Малсев низ қайд месозад, ки «объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият «муносибатҳои моликиятӣ, яъне ҳуқуқи молик ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молу мулки худ ба ҳисоб меравад» [74, с. 23].

Чунин мавқеъ ба андешаи мо асоснок ба ҳисоб намеравад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ ба сифати объекти ҷиноят ҷудо аз муносибатҳои ҷамъиятии ба танзимдарорандаи онҳо баромад карда наметавонанд, дар акси ҳол танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мазмуни худро гум месозад.

Гурӯҳи сеюми олимон дар фаҳмиши муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят ҳам аз мазмуни иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқии он бармеоянд. Масалан, О.Ф. Шишов менависад: «Аз он сабаб ки моликият мафҳуми иқтисодӣ–ҳуқуқӣ мебошад, бинобар он соф аз назари иқтисодӣ қабул намудани он бе заминаи ҳуқуқӣ ба як чизи хушку холӣ табдил меёбад. Ҳама гуна таҷовуз ба моликият дар як вақт таҷовуз ба ҳуқуқи моликиятӣ ҳисоб мешавад» [51, с. 4].

Ин ҷо мо бо андешаи он олимоне розӣ ҳастем, ки тасдиқ менамоянд, ки «ҷиноятҳо ба муқобили моликият ҳам тарафҳои воқеии муносибатҳои моликиятӣ (мансуб будани молу мулк ба субъекти муайян) ва ҳам мазмуни ҳуқуқии онро, ки дар ваколатҳои соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин молу мулк ифода мегардад, халалдор месозанд» [25, с. 106], [39, с. 9]. Мавқеи олимони мазкур аз он сабаб қобили қабул мебошад, ки моликиятро танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ бе назардошти бо меъёрҳои

ҳуқуқ ба танзим даровarда шудани онҳо баррасӣ намудан бе маъно ба назар мерасад. Дар ин маврид С.М. Кочои чунин баён медорад, ки ба сифати объекти ҷиноят эътироф намудани моликият танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ сарфи назар намудани далели вайрон намудани ваколатҳои аз руйи қонун ба молик таълуқдоштаро ифода мекард [57, с. 82].

Бояд зикр намуд, ки дар ҳуқуқи моликиятӣ муносибатҳои иқтисодии моликиятӣ низ шакли ҳуқуқӣ доранд. Ҳуқуқи моликиятӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии аз тарафи давлат муқарраршуда мансуб будани ин ё он арзишҳои моддиро ба субъектони муайян мустаҳакам месозанд. Дар меъёрҳои ҳуқуқ ифодаи ҳуқуқии ваколатҳои молик нисбат ба молу мулки ба ӯ таълуқдошта таҷассум мегарданд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни ҳуқуқи моликиятӣ муайян шудааст, ки мутобиқи он: «ба ҳуқуқи моликият ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд.

Ҳуқуқи соҳибӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад.

Ҳуқуқи истифодаи ашё имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи аз ашё ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии ашё мебошад» [5] (м.279 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Роҳзанӣ ҳамчун дигар шаклҳои тасарруф кирдоре ба ҳисоб меравад, ки ҳам ба муносибатҳои иқтисодии моликиятӣ ва ҳам ба салоҳиятҳои молик зарар мерасонад (таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад). Воқеан, роҳзанӣ муносибатҳои мансуб будани молу мулкро ба молик халалдор месозад. Дар натиҷаи содир намудани роҳзанӣ молик соҳибии воқеиро ба ашёи худ аз даст дода, бо ин зарари молу мулкӣ мебинад, зеро ӯ аз имконияти воқеан соҳиб шудан ба ин ё он хусусиятҳои фоиданоки молу

мулк маҳрум мешавад. Молик инчунин имконияти мувофиқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудан ба объекти моликиятро аз даст медиҳад. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ роҳзанӣ мазмуни ҳуқуқии муносибатҳои моликиятӣ – ҳуқуқҳои субъективии моликиятиро халалдор менамояд. Албатта, ҳуқуқи моликиятӣ нисбати ба чунин молу мулк нигоҳ дошта мешавад. Чунки молик ҳуқуқ дорад молу мулки худро аз соҳибии ғайриқонунӣ ва пардохти зарари ба ӯ расонидашударо  талаб намояд. Аммо, чи тавре С.А.Елисеев баён медорад, дар ин маврид оид ба ягон хел аз ҷониби ҷабрдида татбиқ шудани «ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк мувофиқи салоҳдиди худ» сухан рондан мумкин нест [39, с. 25-26]. Ин салоҳиятҳо нисбати молу мулке, ки ғайриқонунӣ аз моликияти молик баромадааст, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, аммо дар асл иҷро карда намешаванд.

Соҳибмулк ҳуқуқ дорад, ки нисбати молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ҳар гуна амалеро анҷом диҳад,  ки ба хилофи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ набуда ва ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигарро халалдор намесозад, аз ҷумла додани молу мулки худ ба моликияти шахсони дигар, ба онҳо додани ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории молу мулк. Дар ҳолати охирин,  дар шахси ғайри молик ҳуқуқҳои ашъёи пайдо мешаванд, ки аз  ҳуқуқи моликият бармеоянд (аз ҷумла, ҳуқуқи пешбурди хоҷагии молу мулк, ҳуқуқи идоракунии оперативии молу мулк). Дар мафҳуми тасарруф нишон додани зарар на танҳо ба соҳибмулк, балки ба соҳиби дигари ин молу мулк асос медиҳад, ки дар доираи объекти асосии роҳзанӣ ду хели муносибатҳо оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк ҷудо карда шаванд:

1) муносибатҳои моликият, ки байни молик ва ғайримолик ба вуҷуд меоянд; 2) муносибатҳои ашёӣ, ки байни соҳиби қонунии молу мулк ва шахсони дигар, ки уҳдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулкии ӯро халалдор насозанд, ба вуҷуд оянда. Аз ин рӯ, дар ҳолати аввал роҳзанӣ салоҳияти соҳибмулкро, дар ҳолати дуюм ҳуқуқҳои маҳдуди ашёии соҳиби қонуниро

вайрон мекунад .

Дар натиҷаи таҳлил, ба хулоса омадан мумкин аст, ки объекти намудии ҷиноятҳои зидди моликиятро муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ ташкил медиҳанд. Моҳияти ин муносибатҳо дар сифаташон ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, ки ҳуқуқҳои асосии соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ аз молу мулкро фаро мегиранд.

Ба таври дигар, объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳо оид ба соҳибӣ, истифода, ихтиёрдории молу мулк мебошад, ки байни молик ё соҳиби қонунии молу мулк ва дигар шахсони барои вайрон накардани ҳуқуқҳои молу мулкии шахсони мазкур уҳдадорбуда ба вуҷуд меоянд, инчунин салоҳияти молик, соҳиби қонунӣ нисбат ба молу мулки ба онҳо мансуб буда баромад менамоянд.

Объекти бевоситаи ҷинояти дар м.249 КҶ ҶТ муқарраршударо муайян намуда истода бояд дар назар дошт, ки роҳзанӣ яке аз шаклҳои тасарруфи молу мулки ғайр ба ҳисоб меравад.

Баъзе олимон андеша доранд, ки объекти бевоситаи тасарруф шакли мушаххаси моликият баромад менамояд [127, с. 150-151], [193, с. 42]. Масалан А.А.Арзуманян чунин мешуморад, ки объекти бевоситаи роҳзанӣ шакли мушаххаси моликият, ки бо мансуб будани молу мулк ба ин ё он шакл муайян мегардад, ҳисоб мешавд [184, с. 34]. Г.Н.Барзенков ва С.А. Елисеев, баръакс чунин андеша доранд, ки ҷудо намудани шакли моликият ба сифати объекти бевоситаи ҷиноят аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ надорад. Бинобар ин, объекти бевосита ҳангоми содир шудани ҷинояти мушаххас мумкин аст дилхоҳ шакли моликият бошад [68, с. 388], [39, с. 9].

Ба андешаи мо низ аз сабаби он ки Конститутсияи ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад (м.12) ва дар ин асос қонуни ҷиноятӣ дилхоҳ моликиятро новобаста аз шакли он баробар ҳифз менамояд, ба сифати объекти бевоситаи роҳзанӣ ҷудо намудани шакли моликият ягон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ надорад. Чунки доираи

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз муайян намудани шакли моликият вобастагӣ надорад [39, с. 9].

В.Ю. Казанков чунин меҳисобад, ки объекти асосии бевоситаи роҳзанӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба молу мулк мебошад, ки ба таври ҳуқуқӣ дар шакли салоҳияти соҳибӣ, истифода, ихтиёрдории ин молу мулк ифода ёфтааст. Дар ин маврид байни объекти намудии роҳзанӣ ва объекти асосии бевоситаи он фарқият дар он  аст, ки моликият ҳамчун объекти намудии роҳзанӣ дар шакли абстарктӣ баррасӣ мешавад. [199, с. 45-46]

Ба андешаи дигар олимон объекти бевоситаи асосӣ дар таркиби роҳзанӣ муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ [183, с. 39], моликият [73, с. 7] ба ҳисоб меравад.

Дигар олимон чунин баён медоранд, ки дар ҷиноятҳо ба муқобили моликият объекти бевосита бо объекти хелӣ рост меояд ва инро бо он асоснок месозанд, ки мазмуни иқтисодии моликият ҳам дар сатҳи намудӣ ва ҳам дар сатҳи объекти бевосита бетағйир мемонад [57, с. 88].

Вобаста ба муайян намудани объекти роҳзанӣ чунин мавқеъ чандон мувофиқат намекунад, чунки таркиби ҷинояти роҳзанӣ расмӣ буда, он аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр хотимаёфта ҳисоб мешавад. Вобаста ба ин зарари молу мулки ҳамчун оқибати тасарруфи молу мулки ғайр дар таркиби ҷинояти роҳзанӣ дар фарқият аз дигар шаклҳои тасарруф ҳангоми бандубаст аҳаммият надорад. Дар баробари ин, дар ҳама ҳолатҳо ҳангоми роҳзанӣ таҷовуз ба мазмуни ҳуқуқии ҳуқуқи моликиятӣ амалӣ мегардад. Ҳуқуқи моликиятӣ мутобиқи м.279 Кодекси мадании ҶТ «ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд» [5], ба ҳисоб меравад. Гунаҳгор ҳуҷуми роҳзанона содир намуда,  амалишавии ҳуқуқҳои мазкурро зери таҳдид мегузорад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло зери мафҳуми объекти бевоситаи роҳзанӣ

бояд муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шаванд, ки байни молик ё соҳиби дигари молу мулк ва шахсони сеюм вобаста ба амалишавии ҳуқуқҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк ба вуҷуд меоянд.

Баъзе аз ҷиноятҳои дар КҶ ҶТ муқарраршуда на танҳо ба як, балки ба якчанд муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз меоваранд. Вобаста ба ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти бевосита аз руйи самти горизонтали ба асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ тасниф карда мешавад. Объекти бевоситаи асосӣ муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешаванд, ки моҳияти иҷтимоии ҷинояти мазкурро ташкил дода бо мақсади ҳифзи охирин меъёри ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгариро барои содир намудани ин ҷиноят пешбинкунанда таъсис дода шудааст [54, с. 248]. Аз ин ҷо объекти бевоситаи асосӣ мазмуни асосии ин ё он ҷиноят, моҳияти зиддииҷтимоии онро инъикос месозад. Аз рӯйи нишонаҳои объекти бевоситаи асосӣ меъёрҳои ҷиноятӣ ба ин ё он боби Қисми махсуси КҶ ҶТ тааллуқ дорад. Вобаста ба ин роҳзанӣ ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил мешавад, на ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ.

Ба сифати объекти бевоситаи иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бо баробари зарар расонидан ба объекти бевоситаи асосӣ, ба он низ зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд. Объекти бевоситаи иловагӣ ҳамеша дар меъёрҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти дуобъекта ё бисёробъекта муқаррар мекунанд, нишон дода мешавад. Объекти бевоситаи иловагӣ дар чунин таркиби ҷиноятҳо ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, мавҷудияти он хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорро баландтар мекунад [145, с. 102].

Роҳзанӣ тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати ҷинояти дуобъекта арзёбӣ мегардад, зеро дар замони содиршавии он таҷовуз ба муносибатҳои моликиятӣ бо ҳамзамон халал расонидан ё таҳдид ба халал расонидан ба

ҳаёт ва саломатии шахс сурат мегирад. Бо дарназардошти он ки роҳзанӣ шакли тасарруфи молу мулки ғайр аст, муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти бевоситаи асосии ҷиноят шинохта мешаванд, дар ҳоле ки ҳаёт ва саломатӣ мақоми объекти бевоситаи иловагиро соҳибанд. Дар амалияи ҳуқуқӣ шахс танҳо дар сурате ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки ба объекти бевоситаи иловагӣ зарар расонида шавад ё он дар зери таҳдиди воқеии расонидани зарар қарор дошта бошад. Дар акси ҳол, таркиби ҷинояти роҳзанӣ ташаккул намеёбад.

Дар баробари ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти бевоситаи роҳзанӣ ба таври гуногун муайян мешавад.

Масалан, ба андешаи Л.Д. Гаухман ва С.В. Максимов ҳангоми истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ба сифати объекти иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки саломатии инсонро таъмин мекунанд, ҳангоми таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба сифати чунин объект муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи амнияти ҳаёт ва саломатии инсон ҳисоб мешаванд [32, с. 98-99]. М.Г. Алиев низ чунин эътироф менамояд, ки дар таркиби роҳзанӣ ба сифати объекти иловагӣ ҳаёт ё саломатӣ ё амнияти шахсият баромад менамояд [183, с. 33].

Ақидае низ ҷой дорад, ки мутобиқи он ҳаётро ба сифати объекти бевоситаи иловагии роҳзанӣ эътироф намудан дуруст нест, зеро маҳрум сохтан аз ҳаётро таркиби роҳзанӣ дар бар намегирад. Ба объекти роҳзанӣ дохил намудани ҳаёти шахс ногузир ба он хулоса оварда метавонад, ки одамкушӣ, аз ҷумла бо мақсади ғаразнок танҳо аломати ҳуҷуми роҳзанонаро ташкил медиҳад, гарчанде аён аст, ки одамкушӣ ҳамчун таҷовузи нисбатан вазнин ба муқобили шахсият наметавонад «қисми таркибии ҷинояти дигари сабуктар бошад» [27, с. 208]. Албатта бо чунин андеша пурра розӣ будан мушкил аст. Зеро қонунгузор таркиби роҳзаниро ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият сохта истода, ба оқибат дар намуди фаро расидани марги ҷабрдида ҳамчун аломати муайянкунандаи

бандубасти ҷинояти мазкур ишора накардааст. Барои хотимаёфта эътироф намудани роҳзанӣ содир намудани ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфнок (ҳуҷум бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр), ки бо таҳдиди ба марг расонидан, расонидани зарар ба саломатӣ содир мешаванд, кифоя мебошад. Таҳдид ин на оқибатҳои воқеии зарарнок, балки ҳолати муайяне мебошад, ки ҳангоми он мумкин аст, оқибатҳои муайяни зарарнок ба вуҷуд оянд [64, с. 81].

Бинобар ин, ба сифати объекти иловагии роҳзанӣ эътироф намудани танҳо саломатии шахс бо мафҳуми қонунгузории роҳзанӣ ва мазмуни аломати «зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок» мувофиқат намекунад.

Ба назари мо, мавқеи он олимон ки ба объекти бевоситаи иловагии роҳзанӣ танҳо саломатӣ ё танҳо ҳаётро мансуб медонанд, баҳснок ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат оқибат дар намудани ба марг расонидан ҳангоми роҳзаниро таркиби мазкури ҷиноят дар бар намегирад ва бандубасти иловагиро аз рӯйи қ.2 м.104 ё қ.3 м.110 КҶ ҶТ талаб месозад. Дар баробари ин, ҷинояти дар м.249 КҶ ҶТ муқарраршуда аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта ҳисоб мешавад ва оқибат дар намуди расонидани зарар ба саломатӣ ё марги ҷабрдида аломати ҳатмии таркиби мазкур ба ҳисоб намеравад. Танҳо ҷой доштани таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок кифоя мебошад. Аз ин сабаб он андешае бештар қобили қабул аст, ки мувофиқи он ба сифати объекти иловагии роҳзанӣ ҳаёт ва саломатӣ баромад менамоянд [59, с. 135].

Ҳамин тавр, ба сифати объекти бевоситаи иловагии роҳзанӣ ҳаёт, саломатӣ, амнияти шахсият баромад менамоянд.

Масъалаи дигари ба объекти роҳзанӣ мансуббуда ин мавқеи таркиби роҳзанӣ дар низоми Қисми махсуси КҶ ба ҳисоб меравад.

Қонунгузор таркиби ҷинояти баррасишавандаро ба ҷиноятҳои ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт таҷовузкунанда мансуб донистааст. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноят масъалаи мазкур баҳснок

мебошад.

Як гурӯҳ олимон чунин мешуморанд, ки объекти хелии роҳзанӣ ҳаёт ва саломатии ҷабрдида ҳисоб мешавад ва бинобар ин таркиби ин ҷиноят аз боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ба боби «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ё саломатӣ» гузаронида шавад [159, с. 108]. Чунин мавқеро А.Н.Игнатев тарафдорӣ намуда, чунин баён медорад, ки объекти асосии роҳзанӣ шахсият баромад мекунад, чунки шахсият арзиши олӣ дар давлати ҳуқуқбунёд ҳисоб мешавад [49, с. 378-379].

Дар ҳақиқат аз рӯйи дараҷаи муҳимии ҳифзи объектҳо ҳаёт ва саломатии инсон афзалият доранд. Аммо, ба андешаи мо, қонунгузор таркиби ин ҷиноятро ба қатори ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз он сабаб дохил намудааст, ки гунаҳгор ҳангоми таҷовуз, пеш аз ҳама, мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайрро дошта, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ танҳо воситаи ноил шудан ба чунин мақсад ба ҳисоб меравӣ.

А.А. Пинаев назарияи дигарро дар бораи объекти роҳзанӣ пешниҳод намуда, бар он аст, ки ҳангоми роҳзанӣ танҳо амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят баромад менамояд. Ба ақидаи ӯ, ҳар гуна ҳамлаи роҳзанӣ фаъолияти муътадили ҳаётии шахсро халалдор сохта, дар ҷомеа фазои нобоварӣ нисбат ба кафолати тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳаёти инсонҳоро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа оромии ҷомеа коста мегардад [88, с. 47-48]. Чунин андеша қобили қабул буда наметавонад, зеро амнияти ҷамъиятӣ на ҳама вақт ҳангоми содир шудани роҳзанӣ халалдор мешавад, бинобар ин он мумкин аст танҳо ба сифати объекти факултативӣ ҳисоб шавад.

Предмети роҳзанӣ. Предмети ҷиноят – «ин ашёи олами моддӣ мебошад, ки доир ба онҳо ва вобаста ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад ва ҷинояткор ба ин ашёҳо таъсир расонида, муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро вайрон менамоянд» [83, с. 122], [117, с. 178-179]. Предмети ҷиноят аломати факултативии объекти ҷиноят ба

ҳисоб меравад. Предмети ҷиноят ин чизҳои олами моддӣ, ашё, қиматдор ва хосияти дидашавандаро доранд, ки вобаста ба онҳо ва доир ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад [124, с. 102]. Предмети ҷиноят ин ифодаи моддии объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Предмети ҷиноят на дар ҳама таркибҳо ҷой дошта метавонад, яъне он танҳо дар он ҷиноятҳое ҷой дошта метавонад, ки объекти он дорои олами моддӣ бошад [145, с. 102].

Ба монанди ҳама гуна предмети ҷиноятҳои дигар предмети роҳзанӣ низ бояд дорои аломатҳои ҷисмонӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бошад [68, с. 410], [221, с. 20-21].

**Аломати ҷисмонии молу мулк** ҳамчун предмети роҳзанӣ дар он ифода меёбад, ки танҳо ашё ва предметҳои воқеии моддӣ метавонанд ба ҳайси объекти мустақими тасарруф баромад намоянд. Молу мулк дар ин маъно бояд дорои параметрҳои мушаххаси физикӣ ва табиӣ бошад (мисли миқдор, вазн, ҳаҷм, андоза ва ғ.). Аз ҳамин ҷиҳат, арзишҳое, ки дорои хусусияти ашёӣ нестанд, аз қабили қувваи барқ, гармидиҳӣ ё моликияти зеҳнӣ (идеяҳо, донишҳо), наметавонанд ба сифати предмети ҷинояти тасарруфи молу мулки ғайр шинохта шаванд, зеро онҳо аз нишонаҳои ашё маҳруманд. Дар баробари ин, натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ, ки шакли объективонаи таҷассуми худро пайдо намудаанд (дар намуди расмҳо, нақшаҳо, дастнависҳо, кинофилмҳо, муҷассамаҳо ва ғайра) ҳамчун ашё мумкин аст предмети роҳзанӣ бошанд.

**Ба сифати аломати муҳими тасарруф хусусияти иқтисодии он баромад мекунад.** Предмети тасарруф танҳо ашёҳое буда метавонанд, ки дорои арзиши иқтисодӣ мебошанд, яъне қобилияти қонеъ сохтани эҳтиёҷоти инсониро бо роҳи арзиши истеъмолӣ ва нафъоварӣ доро мебошанд. Илова бар ин, ин предметҳо бояд дар худ шакли муайяни меҳнати инсонро таҷассум намуда бошанд, ки арзиши моддии онҳоро муайян месозад. Чи тавре З.А. Незнамова иброз менамояд « агар предмети олами моддӣ қобилияти қонеъ намудани ин ё он талаботи инсонро надошта бошад, бо

сабаби нолозимӣ, талабот надоштан предмети таҷовузи ҷиноятӣ буда наметавонад [136, с. 194].

Чизҳое, ки дар истеҳсол ва ба даст овардани онҳо меҳнати инсон татбиқ нашудааст, аз доираи предмети тасарруф хориҷ мебошанд. Ин меъёр барои фарқ кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти молумулкӣ аз ҷиноятҳои экологӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла, ҷангалҳо, дарахтзорҳои бисёрсола, обанборҳои табиӣ ва захираҳои он, ҳайвоноти ваҳшӣ, паррандагон ва дигар объектҳои олами наботот дар ҳолати табиӣ предмети тасарруф шуда наметавонанд, зеро арзиши иқтисодии онҳо ба меҳнати инсон вобаста нест. Аммо, ашёҳои ишорашуда агар бо кумаки меҳнати инсонӣ аз муҳити муқаррарии муқимиашон ҷудо карда шаванд, дар чунин сурат ба предмети тасарруф табдил меёбанд, мисол, дарахтҳои буридашуда, моҳии дошташуда, ҳайвонот ва паррандаҳои кушташуда. Бешубҳа, он манбаҳои табиат, ки бо меҳнати одамон мавриди парвариш ва нигоҳубин қарор мегиранд, предмети тасарруф шуда метавонанд. Аз ҷумла, моҳиҳое, ки дар обҳавзҳои хоҷагидории ташкилот ё бошишгоҳи ҳавзҳои моҳидори парвариш карда мешаванд; ҳайвоноте, ки дар боғ ва фермаҳхо нигоҳ дошта мешаванд; ниҳолҳо дар парваришгоҳҳову дар боғхои муассисаҳо, ғалла дар саҳро, растаниҳои ороишӣ ва дарахтҳое, ки дар шаҳру минтақаҳои аҳолинишин ва боғҳои истироҳатӣ парвариш карда мешаванд [145, с. 96].

Арзиши мол хусусияти иқтисодии онро нишон медиҳад ва бо баҳои пулӣ – нарх ифода меёбад. Нарх нишонаи асосии тасарруфи моликияти ғайр буда, муайян кардани он барои гурӯҳбандӣ ва баҳо додани дурусти ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад.

Бо дарназардошти мақоми пул ҳамчун эквиваленти умумии арзишҳои молӣ, он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати предмети мустақими тасарруф эътироф мегардад. Соҳиб шудан ба пул баробари тасарруфи арзишҳои моддӣ мебошад, зеро пул худ ивазкунандаи пурраи арзиши мол буда, талафоти он ҳамчун зиёни воқеии ҷабрдида арзёбӣ мегардад. Ба ҳайси

чунин предмет ҳам воҳидҳои пулии миллии Тоҷикистон (сомонӣ ва дирам) ва ҳам асъори хориҷӣ (доллар, рубли русӣ, суми узбекӣ ва ғ.) шинохта мешаванд. Асъори аз муомилот хориҷшуда танҳо дар ҳолате предмети тасарруф буда метавонад, ки дорои арзиши таърихӣ ё илмӣ бошад. Ғайр аз пул, ба ҳайси предмети тасарруф, аз ҷумла дар ҳолатҳои роҳзанӣ, қоғазҳои қиматнок низ шомил мешаванд. Қоғазҳои қиматнок – ин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки воситаи татбиқ ва амалӣ гардондани ҳуқуқҳои молумулкӣ мебошанд. Ба онҳо саҳмияҳо, облигатсияҳо, вомбаргҳо, чекҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, коғазҳои кафолатшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллӣ, ҳамчунин дафтарчаҳои амонатӣ ва векселҳои тиҷоратӣ дохил мегарданд.Коғазҳои қиматнок метавонанд манзурӣ, ордерӣ ва номӣ бошанд.

Мутобиқи м.152 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: «ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ ба шахси дар он зикршуда тааллуқ дорад. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки манзурӣ ба шахси манзуркунандаи коғази қиматнок тааллуқ дорад. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки ордерӣ ба шахси дар он номбаршуда ва дар сурати бо тартиби пешбининамудаи қ.4 м. 154 ҳамин Кодекс ин ҳуқуқро гузашт кардани он ба шахси ваколатдор тааллуқ дорад» [228]. Вобаста ба ин предмети роҳзанӣ танҳо метавонад қоғази қиматноки манзурӣ бошад. Гарчанде қоғазҳои қиматноки номӣ ва ордерӣ низ ғайриқонунӣ гирифта шаванд, шахси ғайримолик аз онҳо ҳуқуқи молу мулкиро ба даст оварда наметавонад, аз ин рӯ онҳо предмети роҳзанӣ намешаванд. Ҳуҷҷатҳое, ки хусусияти молу мулкӣ надоранд (шиноснома, шаҳодатномаҳо, парвандаҳо ва ғ.) ё арзиши иқтисодӣ надоранд ва танҳо шаҳодатдиҳандаи ҳуқуқанд (эътимоднома, борхат, чекҳои молӣ, талон ва чиптаҳо), низ ба сифати предмети роҳзанӣ эътироф намегарданд.

Дар ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ғайримолумулкӣ аз ҷониби шахси гунаҳгор бо мақсади сохтакорӣ истифода гардида, барои

соҳиб шудан ба арзишҳои молумулкӣ ё воситаҳои пулӣ равона мешаванд, чунин кирдор тибқи моддаҳои 32 ва 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун тайёрӣ ба қаллобӣ бандубаст карда шавад. Дар ҳамин замина, таъкид кардан лозим аст, ки предмети роҳзанӣ наметавонанд ашёҳое бошанд, ки аз муомилоти озоди маданӣ хориҷ шуда, муомилоти онҳо маҳдуд ё пурра манъ гардидааст. Гарчанде ки онҳо хусусияти иқтисодии арзиш ва ифодаи пулии он – нархро доранд, аммо кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки нисбати онҳо содиршуда бештар на муносибатҳои моликиятӣ, балки низоми махсуси ҳуқуқие, ки нисбат ба чизҳои зикршуда муқаррар шудааст, халалдор месозад [26, с. 187]. Ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо мутобиқи моддаҳои боби 21 ва 22 КҶ ҶТ (м.м. 194,199, 202 ва ғайра) ба вуҷуд меояд.

Нишонаи дигари **предмети тасарруф – ин хусусияти юридикии он аст.** Предмети роҳзаниро моликияти ғайр (бегона) ташкил медиҳад, яъне он молу мулке, ки ба соҳибияту ихтиёрдории гунаҳгор дохил намешавад.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба гунаҳгор тааллуқ надоштани молу мулк нишонаи калидии предмети тасарруф мебошад. Яъне молу мулк бояд дар моликияти шахси дигар қарор дошта, ба гунаҳгор он ҳамчун молу мулки ғайр ба ҳисоб равад. Бинобар ин, дар б.9 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004 чунин муайян шудааст, ки: «ҳаракатҳои ғайриқонунние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсадҳои ғаразнок, балки масалан, бо мақсади муваққатан истифода бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷиноятҳои дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгариро ташкил намедиҳанд. Бо назардошти ҳолатҳои кор, чунин ҳаракатҳо, ҳангоми ҷой доштани асосҳо, бояд бо м.334 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд» [9, с. 37].

Барои гунаҳгор ҳуқуқи воқеӣ ва эҳтимолӣ ба молу мулки тасарруфшуда

пайдо намешавад. Бинобар ин, ғайриқонунӣ гирифтани моликияти шахсӣ ё умумӣ ва ё баҳснок тасарруфро ташкил намедихад. Аммо чунин кирдорҳо танҳо дар мавридҳое ҷиноят этироф карда мешаванд, ки агар ҳуқуқи соҳибмулк ба молҳои зикршуда маҳдуд гардида бошад (м. 362 КҶ) ва ё шахс бо роҳҳои ғайриқонунӣ ҳуқуқи воқеӣ ё эхтимолии худро ба молу мулк таъмин кунад (м. 334 КҶ). Дар чунин ҳолатҳо сухан дар бораи ҷиноятҳои муқобили адолати судӣ ва тартиботи идоракунӣ меравад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ, предмети ҷинояти роҳзанӣ ба таври мустақим муайян нашудааст. Қонун танҳо мафҳуми умумии молу мулки ғайрро ҳамчун предмети ҷиноят зикр мекунад. Вале, тибқи муқаррароти моддаи 138 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, молу мулк ба манқул ва ғайриманқул тақсим мешавад

Аммо хусусияти роҳзанӣ аз он иборат аст, ки на ҳама молу мулки дар кодекси маданӣ зикршуда, аз ҷумла молу мулки ғайриманқул, ба сифати предмети он баромад карда метавонанд. Масалан, бо роҳи роҳзанӣ тасарруф намудани хона, боғ, қитъаи замин ва ғайра мумкин нест, зеро барои ихтиёрдорӣ намудан ба чунин молу мулк амалӣ намудани як қатор расмиятҳо зарур аст, ки он вақти муайянро талаб мекунад, ашёҳои мазкурро ҷисман гирифтан ё ситонида бурдан ғайриимкон аст [186, с. 14]. Онҳо мумкин аст танҳо тавассути қаллобӣ (м.247 КҶ ҶТ), таъмаҷуӣ (м.250 КҶ ҶТ), на бо роҳи роҳзанӣ тасарруф шаванд. Ба сифати предмети роҳзанӣ танҳо он молу мулке баромад карда метавонанд, ки хусусиятҳои муайяни ҷисмонӣ дошта бошанд, ки ин ба андоза ва вазни онҳо тааллуқ дорад, ин молу мулке буда метавонад, ки онро гунаҳгор ҳамроҳ бурдан ё интиқол дода метавонад, яъне он бояд молу мулки манқул бошад.

Ҳамин тавр объект ва предмети роҳзаниро таҳлил намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

**Ҳамин тавр, объекти роҳзаниро баррасӣ намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:**

1) Зери объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, бояд муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ доир ба ҳуқуқҳои соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин молу мулк фаҳмида шавад.

2) Объекти бевоситаи роҳзанӣ, бояд муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шаванд, ки байни молик ё соҳиби дигари молу мулк ва шахсони сеюм вобаста ба амалишавии ҳуқуқҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк ба вуҷуд меоянд.

Ба сифати объекти асосии иловагӣ ҳангоми роҳзанӣ ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсият баромад менамоянд.

3) Ҷойгир намудани таркиби роҳзанӣ дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили моликият асоснок мебошад, зеро гунаҳгор ҳангоми таҷовуз, пеш аз ҳама, мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайрро дошта, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ танҳо воситаи ноил шудан ба чунин мақсад ба ҳисоб меравand.

4) Ба сифати предмети роҳзанӣ танҳо он молу мулке баромад карда метавонанд, ки хусусиятҳои муайяни ҷисмонӣ дошта бошанд, ки ин ба андоза ва вазни онҳо таълуқ дорад, ин молу мулке буда метавонад, ки онро гунаҳгор ҳамроҳ бурдан ё интиқол дода метавонад, яъне он бояд молу мулки манқул бошад. Ғайр аз ин, чунин предмет бояд дорои хусусиятҳои муайяни иқтисодӣ – дорои арзишҳои муайяни иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ – молу мулке, ки ба соҳибияту ихтиёрдории гунаҳгор дохил намешавад, дошта бошад.

### 2.2. Тарафи объективии роҳзанӣ

Мутобиқи қ.1 м.249 КҶ ҶТ «роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» [6] ба ҳисоб меравад. Аз муқаррароти мазкури қонуни ҷиноятӣ бармеояд, ки ба сифти аломатҳои асосии тарафаи объективии роҳзанӣ 1) ҳуҷум; 2) истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок; 3) таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ

баромад менамоянд.

Аломати аввали тавсифдиҳанадаи тарафи объективии роҳзанӣ **ҳуҷум бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр** ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин аломат дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ боиси баҳсу мунозираҳо қарор гирифта, мазмун ва моҳияти он ба таври гуногун маънидод карда мешавад.

Масалан, Б.С.Никифоров чунин меҳисобид, ки роҳзанӣ « тасарруфи молу мулкро ифода намекунад, балки ҳуҷум бо мақсади ба даст овардани молу мулк мебошад. Бинобар ин, аз муқарраротри дуруст дар хусуси он ки тасарруфи зӯроваронаи молу мулки шахсӣ роҳзанӣ мебошад, наметавон ба он маъно хулоса намуд, ки роҳзанӣ ин тасарруфи зӯроваронаи молу мулк ба шумор меравад» [85, с. 92]. И.Г.Филановский «ҳуҷум» ва «зӯроварӣ»-ро ҳамчун ҳаракатҳои мустақил ва пайиҳам баррасӣ менамуд. Барои ҳуҷум ногаҳонӣ, шиддатнокӣ ва бештар хусусияти нобаҳангомии ҳаракати ҷинояткор хос мебошад. Роҳзанӣ ба андешаи ӯ аз маҷмуи ду ҳаракати пайиҳами субъекти ҷиноят, яъне ҳуҷумъ ва зӯроварӣ иборат буда, вақти ҷудоӣ байни ин ҳаракатҳо аҳаммият надорад [66, с. 784-785].

А.М. Алиев ва Г.И. Чечел баён менамоянд, ки ҳуҷум ва зӯроварӣ ин қисматҳои ягона буда, маҳз дар маҷмуъ роҳзаниро ташкил медиҳанд [177, с. 81].

В. А. Владимиров изҳор медошт, ки "ҳуҷум ҳам, ба монанди зӯроварӣ, аломати ҳатмии роҳзаниро ташкил дода, дар ягонагии ногусастани онҳо тарафи объективии ҷинояти мазкурро тавсиф мекунанд...». Дар маънии ҳуқуқии ҷиноятӣ, «ҳуҷум ҳаракати таҷовузкорона-ғайриқонунӣ мебошад, ки бо ягон мақсади ҷиноятӣ анҷом дода мешавад ва хавфи воқеӣ ва бевоситаи истифодаи фаврии зӯроварӣ ҳамчун воситаи расидан ба ин мақсадро ба вуҷуд меорад» [28, с. 111]. З.А. Незнамова роҳзаниро «ҳамчун ҷинояти мураккаб баррасӣ мекунад, ки тарафи объективии он аз ду ҳаракат-ҳуҷум ва истифодаи зӯроварӣ иборат мебошад» [135, с. 262]. И.В. Пантюхина ва С.Д. Бражник низ ҳуҷумро «ҳамчун яке аз усулҳои

фарққунандаи роҳзанӣ аз дигар шаклҳои тасарруф баррасӣ намуда, чунин мешуморанд, ки он аз ду марҳилаи пайдарпай иборат аст: эҷоди хавфи воқеии истифодаи зӯроварӣ ва истифодаи бевоситаи зӯроварӣ» [170, с. 76].

В. И. Симонов ва В. Г. Шумихин низ ба он диққат медоданд, ки ҳуҷум ин марҳилаи аввал, лаҳзаи аввали роҳзанӣ аст ва аз ҳаракатҳои бетаъхир, таҷовузкорона ва босуръат, ки ба ҷабрдида равона карда шудааст, иборат аст. Ва истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ марҳилаи дуюми тарафи объективии роҳзанӣ мебошад. Дар айни замон, онҳо қайд карданд, ки ҳуҷум қисман зӯровариро дар бар мегирад, ба таври органикӣ бо он пайваст мебошад, ки ҳар дуи ин қисмҳои тарафи объективӣ як кирдорро ифода намуда бо мақсади ба даст овардани молу мулк муттаҳид шудаанд [111, с. 88]. Аммо новобаста ба ин ҳуҷум ва зӯроварӣ мустақилияти худро нигоҳ дошта пурра ба ҳам мувофиқат намекунанд. Ғайр аз ин муҳим он аст, ки дар ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ, бандитизм аксар вақт амали ҳуҷум аз амали зӯроварӣ ҷудо карда намешавад, аз ин рӯ ба таври хронологӣ муайян кардани онҳо амалан ғайриимкон аст.

Баъзе аз муҳаққиқон мустақиляти аломатҳои ҳуҷум ва зӯровариро қайд намуда, чунин меҳисобанд, ки дар як вақт мавҷуд будани онҳо ҳатмӣ нест. Масалан, Л.Г.Хулапова баён медошт, ки ҳуҷум ва зӯроварӣ метавонанд дар доираи вақт бо ҳам рост оянд (ногаҳонӣ ба ҷабрдида зарба задан), бинобар ин ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ ҳатмӣ набуда, муҳим танҳо муқаррар намудани зӯроварӣ ба ҳисоб меравад [143, с. 13]. Ба ақидаи С. Кочои, «дар таркиби роҳзанӣ ҳуҷум ва истифодаи зӯроварӣ тибқи қонун ҳаракатҳои мустақил, гарчанде ки бо ҳам алоқаманд мебошанд... Ҳуҷум, одатан, бо зӯроварӣ алоқаманд аст, аммо зӯроварӣ бе ҳуҷум низ имконпазир аст» [165, с. 28].

Аз ин чунин бармеояд, ки агар зӯроварӣ ба таври фаврӣ, бидуни ягон ҳаракат пеш аз он амалӣ шавад, пас ҳуҷум ҳамчун аломати роҳзанӣ ҷой надорад. Маҳз ба чунин хулоса Р.Д Шарапов омада баён медорад, ки «ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ аломати доимӣ нест. Он мумкин аст ҷой дошта

бошад ё ҷой надошта бошад» [147, с. 68].

**Ба ақидаи муаллифони дигар,** дар бораи ҳуҷум ҳамчун аломати мустақили роҳзанӣ, ки берун аз зӯроварӣ вуҷуд дорад, сухан гуфтан мумкин нест. Масалан, М.П. Михайлов зери ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ чунин ҳаракатҳои гунаҳгорро мефаҳмид, ки бевосита ба бартараф кардани муқобилияти имконпазир ё воқеии ба даст овардани молу мулки ғайр бо роҳи таъсиррасонии ҷисмонӣ ё руҳӣ равона шудаанд...». [77, с. 125] Г.Л. Кригер, ки дар замони худ тадқиқоти махсусро ба роҳзанӣ бахшида, ба хулосае омадааст, ки "мафҳумҳои ҳуҷум ва зӯроварӣ "якхелаанд ва аз ҷиҳати аҳаммияти ҳуқуқӣ фарқ кардани онҳо амалан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар қонун дар як вақт нишон додани ҳам ҳуҷум ва ҳам зӯроварӣ бо матни номувофиқи қонун маънидод мешавад [60, с. 14].

П.С. Матишевский қайд мекунад: "гарчанде ки қонун роҳзаниро тавассути нишон додани ду намуди ҳаракатҳои интихобкардаи гунаҳгор, ҳуҷум ва зӯроварӣ муайян мекунад, моҳияти онҳо як аст. Ин роҳи дуҷонибаи ба даст овардани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин рӯй, муайян кардани маҳакҳои аниқи ҳуқуқии фарқкунандаи мафҳумҳои "ҳуҷум" ва "зӯроварӣ" чӣ гунае ки баъзе муаллифон кӯшиш мекунанд душвор аст... Ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ бархӯрди шахсии гунаҳгорро бо шахсе, ки молу мулк дар соҳибӣ, ихтиёдорӣ ё таҳти ҳимояи ӯ қарор дорад, ё бо шахсони дигар, ифода мекунад, ки нисбати онҳо зӯроварӣ истифода намуда гунаҳгор кӯшиш менамояд ба мақсади худ ноил шавад. Ҳуҷум бе зӯроварӣ ғайриимкон аст ва аз ин рӯй, мафҳуми "ҳуҷум" "зӯроварӣ" - ро дар назар дорад [75, с. 81-82].

**Муаллифони дигар ҳуҷумро ҳамчун усул ё шакли истифодаи зӯроварӣ тавсиф медиҳанд.** Масалан, В.А. Григорев тасдиқ менамуд, ки ҳуҷум ин на худи таҷовуз, балки усули содир намудани он ба ҳисоб меравад [34, с. 23]. Ба андешаи Т.Д. Устинова на ҳама зӯроварӣ дар шакли ҳуҷум ифода мегардад, балки танҳо он ки бо ҳаракатҳои зуд ва босуръат алоқаманд мебошад [139,

с. 28-29]. Р.Д. Шарапов табиати ҳуқуқии ҳуҷумро ҳамчун яке аз усулҳои зўроварии ҷисмонӣ муайян намуда, ба хулоса меояд, ки мафҳумҳои «ҳуҷум» ва «зўроварӣ» аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ якхела нестанд. Вале дар фарқият аз В.А. Григорев ва Т.Д. Устинова мафҳумҳои «шакл» ва «усул» -ро омезиш дода, чунин меҳисобад, ки дар таркиби роҳзанӣ «ҳуҷум шакл (усул) – и зўроварии ҷисмониро муайян месозад», «зўроварӣ бошад дар ҳаракатҳои босуръати фаъоли гунаҳгор, ки бо истифодаи қувваи ҷисмонӣ ё воситаҳои аз тарафи ӯ истифодашаванда алоқаманданд, ифода мегардад» [147, с. 82-84].

Мавқеи А.М. Ивахненко ва А. П. Севрюков низ ба ин наздик аст. Олимони мазкур мафҳуми «ҳуҷум»-ро ба сифати шакли хоси ҳаракатҳои таҷовузкорона ва зиддиқонунӣ арзёбӣ намудаанд, ки бо мақсадаҳои ҷиноятӣ содир гардида, хавфи воқеӣ ва бевоситаи татбиқи зўроварии фавриро эҷод мекунанд. Ба таъкиди онҳо, ҳуҷум дорои шакли муайян аст ва мазмуни марказии он зўровариро ташкил медиҳад, новобаста аз он ки зўроварӣ воқеан татбиқ ё танҳо таҳдид карда шудааст [198, с. 88], [217, с. 57]. А.П. Севрюков вобаста ба ин ба хулоса меояд, ки «ҳуҷум ин ҷараёни таъсиррасонӣ ба ҷабрдида мебошад, ки дар худ хавфи воқеии истифодаи зўровариро дар рафти ҳама вақти идома ёфтани ҳуҷум таҷассум менамояд. Бинобар ин, ҳуҷум бо зўроварӣ робитаи зич дошта, аммо бо он ҳаммаъно нест. Маҳз бо ҳамин сабаб қонун дар бораи ҳуҷуми бо истифодаи зўроварӣ алоқаманд ҳарф мезанад [217, с. 31-32].

А. П. Агапов изҳор медорад, ки "на ҳамеша ва на ҳама зўроварӣ шакли ҳуҷум дорад. Ҳуҷум қисми асосии таркибии истифода ё имконияти истифодаи зўровариро дар бар мегирад... Ҳуҷум яке аз шаклҳои истифодаи зўроварии ҷисмонӣ мебошад. Шаклҳои дигар низ мавҷуданд, аз ҷумла пинҳонӣ, бо роҳи фиреб ё бо истифода аз боварии ҷабрдида ба ӯ зарари ҷисмонӣ расонидан» [151, с. 4].

**Гурӯҳи дигари олимон дар он ақидаанд,** ки аломати ҳуҷум бояд аз

таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ хориҷ карда шавад. Масалан, П.В. Волошин чунин менависад: «нишон додани ҳуҷум ҳангоми тавсифи таркиби роҳзанӣ ба мақсад мувофиқ намебошад. Ҳуҷум на ҳама вақт аломати ҳатми тарафи объективии таркиби ҷинояти мазкур ба ҳисоб меравад» [191, с. 7]. А.В. Брилиантов ва И.А. Клепиский чунин меҳисобанд, ки «фаҳмиши ҳуҷум ҳамчун истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он дурусттар мебошад» [128, с. 871].

Баробармаъно ҳисоб намудани мафҳумҳои "ҳуҷум" ва "зӯроварӣ" ба андешаи Т.И. Нагаева асоснок дониста намешавад. Агар қонунгузор ин ду мафҳумро баробармаъно медонист, барои ифода намудани ҳамон як зуҳурот ду истилоҳи гуногунро истифода намекард. Тарафи объективии роҳзанӣ дар қонун ҳам тавассути ҳуҷум ва ҳам зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ тавсиф мегардад. Ҳар ду ин аломат ҳатмӣ мебошанд, зеро барои бандубасти кирдор ҳамчун роҳзанӣ зарур аст, ки ҳуҷум ё бо зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди чунин зӯроварӣ бо ҳарду алоқаманд бошад.

Ҳамчун аломатҳои нисбатан мустақили роҳзанӣ ҳуҷум ва зӯроварӣ дорои мазмуни гуногун мебошанд, бинобар ин ҳар яки он аз ҷониби қонунгузор ба меъёр дар бораи роҳзанӣ дохил карда шудааст [207, с. 1-20].

Дар идома муаллиф иброз медорад, ки дар амал чунин ҳолатҳо хеле кам мебошанд ва танҳо дар сурате имконпазир аст, ки таҷовузи ҷиноятӣ (ҳуҷум) бар хилофи иродаи ҳуҷумкунанда қатъ карда шавад (масалан, ҳангоми дахолати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсони сеюм ё ҳангоми бартараф намудани ҳуҷум аз ҷониби худи ҷабрдида). Дар аксари ҳолатҳо ҳуҷум ҳамчун таҷовузи ҷиноятӣ бо марҳилаи ба вуҷуд овардани вазъияти хавфнок хотима намеёбад, балки то расидан ба мақсади ҷиноятӣ идома меёбад ва бо дигар ҳаракатҳои дар қонун зикршуда ҳамроҳ мешавад. Масалан, дар таркиби роҳзанӣ ин ҳаракатҳо бо истифоади зӯроварӣ ва ба даст овардани молу мулк ифода мегардад. Маҳз бо ҳамин сабаб қонунгузор

дар диспозитсияти м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) аломати ҳуҷуми бо истифодаи воқеии зарар алоқаманд ё таҳдиди истифодаи чунин зӯровариро бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр муайян намудааст [207, с. 26].

Ба андешаи мо, мавқеи он олимоне бештар қобили қабул мебошад, ки «ҳуҷум» ва «истифодаи зӯроварӣ» – ро ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно баррасӣ менамоянд. Муаллифоне, ки кӯшиши аз ҳам ҷудо намудани мафҳумҳои «ҳуҷум» ва «истифодаи зӯроварӣ» – ро мекунанд, фарқияти дақиқи ин мафҳумҳоро нишон дода наметавонанд ва ба тbabri асоснок дар чӣ ифода гаштани ҳуҷум бидуни зӯровариро низ шарҳ дода наметавонанд.

Масалан, В.А. Владимиров, ҳуҷумро ҳангоми роҳзанӣ ҳамчун «ҳаракати фаъоли зиддиҳуқуқии қасдона, ки бо мақсади ба даст овардани молу мулк анҷом дода шуда ва хавфи воқеии фавран татбиқ гаштани зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнокро ба вуҷуд оваранда» муайян намуда, танҳо чунин шаклҳои ташкилдиҳандаи ҳуҷумро номбар намудааст (нишон гирифтан аз камин, аз қафо ҳамла кардан бо корд) [27, с. 64].

Мафҳуми ҳуҷум дар таркиби роҳзанӣ на дар қонунгузорӣ ва на дар тавзеҳоти Суди Олии ҶТ муайян нашудааст. Танҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ « Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 мафҳуми ҳуҷум чунин тавзеҳ дода шудааст: «зери мафҳуми ҳуҷум чунин ҳаракатҳое фаҳмида мешавад, ки он барои ноил шудан ба натиҷаҳои ҷиноятӣ бо роҳи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида ва ё бо роҳи ба миён овардани таҳдиди воқеӣ оид ба истифодаи зӯроварӣ равона карда шудааст» (б.9) [9, с. 204].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ  чунин таърифи ҳуҷум аз ҷониби баъзе олимон мавриди танқид қарор дода шудааст. Масалан, С.Кочои чунин меҳисобад, ки дар чунин таърифи ҳуҷум яке аз аломатҳои муҳим – ногаҳонӣ будани ҳаракатҳои гунаҳгор нишон дода нашудааст. Ғайр аз ин истифода шудани зӯроварӣ ба усули ҳуҷум табдил ёфтааст [165, с. 28].

Ба андешаи П.Агапова, чунин таъриф аз ҳад зиёд умумӣ буда, ба

пуррагӣ моҳияти ҳуҷумро ошкор намекунад [151, с. 4].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таърифи ҳуҷум ба таври гуногун муайян шудааст. Баъзан ҳуҷум тавассути мафҳуми зӯроварӣ маънидод карда мешавад. Масалан, Б.В. Яселенко чунин таърифи ҳуҷумро медиҳад: ҳуҷум ҳаракатҳоеро ифода месозад, ки барои ба даст овардани молу мулк бо роҳи истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида равона шудааст ё ба вуҷуд овардани таҳдиди воқеии фавран татбиқ намудани он [129, с. 391]. С.М. Кочои чунин меҳисобад, ки зери мафҳуми ҳуҷум бояд ҳаракатҳое, ки барои ноил шудан ба натиҷаи ҷиноятӣ (тасарруф) бо роҳи ногаҳон истифода намудани зӯроварӣ нисбати ҷабрдида равона шудааст ё ба вуҷуд овардани таҳдиди воқеии фавран татбиқ намудани он фаҳмид шавад [58, с. 312]. З.А.Незнамова ҳуҷумро ҳамчун таъсиррасонии ногаҳонаи беруна ба ҷабрдида муайян мекунад [135, с. 262]. Чи тавре аз таърифҳои зикршуда бармеояд, ҳуҷум бо зӯроварӣ омехта шуда, дар онҳо аломатҳои танҳо ба ҳуҷум, на ин ки ба зӯроварӣ хосбударо амалан ҷудо намудан ғайриимкон аст.

Дар таърифи аз ҷониби А.И. Рарог дода шавандаи ҳуҷум чунин вобастагӣ камтар ба назар мерасад: ҳуҷум таъсиррасонии ошкоро ё пӯшидаи ногаҳониро ба молик, соҳиби дигари молу мулк ё шахси дигар, масалан, посбон ифода мекунад [125, с. 166]. И.Г.Соломоненко ҳуҷумро чунин муайян мекунад: зери мафҳуми ҳуҷум бояд таъсиррасонии таҷовузкоронаи фаъол ва ногаҳонӣ нисбати ҷабрдида фаҳмида шавад, ки хавфи воқеии фавран ва бевосита истифода шудани зӯровари ба шахсияти зери ҳуҷум қароргирандаро бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр ба миён меоварад [122, с. 429].

Ба андешаи мо, таърифи додаи А.И.Рарог бештар қобили қабул мебошад, ки дар он муаллиф ҳангоми додани мафҳуми ҳуҷум қариб пурра аз мафҳуми зӯроварӣ дур шуда, бо ҳамин мустақил будани мафҳуми «ҳуҷум»-ро нишон додааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқотҳои махсус низ ҷой доранд, ки ба моҳияту мазмуни ҳуҷум вобаста ба ҳама таркиби ҷиноятҳои дахлдор маънидод шудааст. Масалан, Т.И. Нагаева чунин таърифи умумӣ ва барои ҳама таркиби ҷиноятҳо таълуқдоштаи мафҳуми ҳуҷумро медиҳад: ҳуҷум ин ҷараёни беиғвои ошкоро ё ниҳонии таъсиррасонии зиддиҳуқуқии зӯроварона нисбати ҷабрдида мебошад, ки бархилофи иродаи ӯ ё ба объектҳои дар қонун нишондодашуда барои ноил шудан ба мақсади ҷиноят равона шудааст [79, с. 168].

Т.И.Нагаев чунин аломатҳои ҳуҷумро ҷудо менамояд: таъсиррасонии таҷовузкорона – зӯроварона ба ҷабрдида ё ба объектҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда; хусусияти иғвогарона надошта; хусусияти ногаҳонӣ доштани ҳуҷум нисбати ҷабрдида; зӯроварии ҷисмонӣ ҳангоми ҳуҷум ҳама вақт бар хилофи иродаи ҷабрдида амалӣ мешавад; ғайриқонунӣ будани ҳуҷум [207, с. 28-32].

Чунин аломати ҳуҷум, ба монади хусусияти иғвогарона надоша, ки онро Т.И. Нагаева ҷудо месозад, ба андешаи мо, ба қатори аломатҳои ҳатмии ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ дохил намудан дуруст нест, новобаста ба он ки дар баъзе ҳолатҳо рафтори ҷабрдидагони алоҳида хусусияти виктимологии баланд доранд.

А.Э.Жалинский чунин аломатҳои ҳуҷумро ҷудо менамояд: таҷовузкорона, ногаҳонӣ [140, с. 481]. Ба андешаи З. М. Челябова ҳуҷум бо рафтори фаъол, ногаҳони будани рафтори таҷовузкоронаи гунаҳгор тавсиф мегардад [223, с. 90].

Ҳуҷум ҳамчун аломати ҳатмии тарафи объективии роҳзанӣ – кирдор бо чунин хусусиятҳо тавсиф мегардад:

1) он таъсиррасонии таҷовузкоронаи берунаро ба ҷабрдида ифода мекунад;

2) он барои ҷабрдида ногаҳонӣ мебошад;

3) он ҳама вақт хусусияти зӯроварона дошта, зӯроварӣ мумкин аст ҳам

ҷисмонӣ ва ҳам руҳӣ бошад;

4) зӯроварӣ дар роҳзанӣ барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок ба ҳисоб меравад. Аломати охирин ҳуҷумро ҳангоми роҳзанӣ аз ҳуҷум ҳангоми ғоратгари бо истифодаи зӯроварӣ фарқ мекунонад.

Шаклҳои ҳуҷум мумкин аст гуногун бошанд: ошкоро, масалан, ҳангоми рӯ ба рӯ паррондан, пинҳонӣ аз ҷабрдида, масалан, ҳангоми бо корд задани шахси хобида.

Ба ҳуҷум Пленуми Суди Олии ҶТ, инчунин усули бо роҳи фиреб таъсиррасонидан ба ҷабрдидаро низ дохил менамояд. Сухан дар бораи истифода шудани моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд ё мадҳушкунанда меравад. Дар б.25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004 №3 чунин омадааст: «дар ҳолате, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида мешавад, ҳаракатҳои содиргардида бояд, чун роҳзанӣ бандубаст карда шавад» [9, с. 42].

Чунин тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун баррасӣ шудааст. Масалан, С.В.Дубченко чунин мавқеро тарафдорӣ намуда, баён медорад, ки «ба ҷисми ҷабрдида дохил кардани моддаҳои заҳролуди гуногун, ки боиси ҳолати оҷизии ӯ мегардад, бояд ҳамчун зӯроварӣ эътироф шавад, зеро моддаҳои мазкур ба ҷисми инсон бархилофи иродаи ӯ таъсири зараровар мерасонанд» [195, с. 17].

Ф.Б.Гребенкин чунин меҳисобад, ки истифодаи воситаҳои нашъадор, сахттаъсир ва дигар моддаҳо барои тасарруф намудани молу мулки ғайр зӯроварии ҷисмонӣ ҳисоб мешавад, чунки дар чунин маврид робитаи ҷисмонӣ бо ҷисми ҷабрдида ҷой дорад, вале, дар чунин ҳолат ҳуҷум нест бинобар ин таркиби роҳзанӣ низ ҷой надорад [194, с. 9].

Агар пеш аз ба бадани ҷабрдида гузаронидани моддаҳои барои ҳаёт ё

саломатӣ хавфнок ҳуҷум ҷой надошта бошад ва агар чунин гузаронидан унсури зӯроварии ба ҷабрдида истифода шаванда ҳисоб нашавад, дар гумон аст, ки дар чунин ҳолат дар бораи мавҷуд будани роҳзанӣ сухан ронд. Бинобар ин, моҳиятан ҳангоми бо роҳи фиреб истифода намудани моддаҳои сахттаъсир ва дигар моддаҳои ба ин монанд бо мақсади тасарруф намудани молу мулк ҳам аломати ҳуҷум ва ҳам аломати зӯроварӣ мавҷуд нест [57, с. 233].

Дар чунин ҳолатҳо дурусттар мебуд, агар кирдор ҳамчун дуздӣ ва қасдан расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида ё ҳаёти ӯ бандубаст карда мешуд [137, с. 261], [189, с. 7-8]. Ба андешаи А.В.Наумов дуруст аст, агар ба ҷабрдида зӯран ба бадани ӯ моддаҳои мазкур барои ба ҳолати оҷизӣ расонидан ва осон намудани содир шудани тасарруф гузаронида шавад. Дар ин ҳолат чунин усул, масалан аз зарба задан ба сари ҷабрдида барои бартараф намудани муқобилияти ӯ фарқ намекунад. Ин ҷо ҳуҷум ҳамчун элементи ҳатмии роҳзанӣ ҷой дорад. Аз тарафи дигар, вақте ки масалан моддаҳои мадҳушкунанда ба бадани ӯ бо роҳи фиреб ворид карда мешаванд (масалан, пинҳонӣ ба нушокии спиртӣ ҳамроҳ кардан), ҳуҷум баръало ҷой надорад. Кирдор бояд ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ё саломатӣ (вобаста ба оқибат) ва дуздӣ бандубаст карда шавад [80, с. 367-368].

А.И.Бойсов қатъият муқобили чунин андешаҳо баромад намуда, баён медорад, ки фиреби дар чунин ҳолат истифодашаванда танҳо воситаи таъсиррасонии химиявиро осонкунанда буда, он ҷинояти зӯроварона ба ҳисоб меравад [26, с. 444-450].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин андешаҳои дигар низ пешниҳод мешаванд. Масалан, И.Ю.Малкова пешниҳод менамояд, ки дар м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) ба сифати аломати асосии роҳзанӣ истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида, ки дар натиҷаи ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ бо роҳи фиреб гузаронидани воситаҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии ӯ хавфнок нестанд, бавуҷуд омада ва ба сифати аломати вазнинкунандаи

таркиби ҷинояти мазкур, муттаносибан гузаронидани моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд ё мадҳушкунанда, ки барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошанд, дохил карда шаванд [204, с. 20].

Дар баробари ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба нигоҳ доштан ё надоштани аломати ҳуҷум дар таркиби роҳзанӣ асосан ду нақтаи назар мавҷуд мебошад. Ба андешаи гуруҳи аввали олимон аломати ҳуҷум бояд аз таркиби ҷинояти мазкур хориҷ карда шавад. Масалан, А.И.Марсев ва В.В. Векленко ба хулоса меоянд, ки «тарафи объективии таркби ҷинояти мазкур аз доираи ҳуҷум берун баромада, аммо ҳама вақт бо истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ҳангоми ба даст овардани молу мулк алоқаманд мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки таркиби роҳзанӣ чунин муайян карда шавад: «Ба даст овардани молу мули ғайр бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он» [168, с. 34-35].

Р.Д. Шарапов, А.И. Бойсов, О.В. Белокуров пешниҳод мекунанд, ки аз мафҳуми қонунгузории роҳзанӣ аломати ҳуҷум хориҷ карда шуда, дар он танҳо аломати истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр нигоҳ дошта шавад.

Дар ҳамин ҳол, Р.Д. Шарапов иброз медорад, ки " нишондод ба зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи он барои тавсифи ҳаракатҳои зӯроварӣ дар таркиби дахлдори ҷиноятҳо кифоя хоҳад буд... [147, с. 84-86]. О.В.Белокуров низ пешниҳод менамояд, ки диспозитсияи қ.1 м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) бо чунин тарз муқаррар шавад: «Роҳзанӣ, яъне истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок, ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр» [157, с. 83].

Ба андешаи гурӯҳи дигари олимон, аз сабаби он ки ҳуҷум дар худ расонидани зарар ба саломатиро дар бар мегирад, бинобар ин пешниҳод мешавад, ки аз диспозитсияи қонуни ҷиноятӣ (қ.1 м.249 КҶ ҶТ) бояд аломати истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он хориҷ карда шавад.

Масалан, В. Ю. Казанкова пешниҳод месозад, ки тарафи объективии роҳзанӣ дар қ.1 м.162 КҶ ФР (қ.1 м.249 КҶ ҶТ) бо чунин тарз ифода карда гардад: «Ҳуҷум бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр...». Ба моддаи мазкур зарур аст, ки эзоҳ ҳамроҳ карда шуда, дар он мазмуни мафҳуми ибораи «ҳуҷум» ошкор карда шавад: «Эзоҳ: зери мафҳуми роҳзанӣ дар моддаи мазкур бояд, ҳаракатҳои барои ҷабрдида ногаҳонии фаъоли қасдонаи зӯроваронаи барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди чунин ҳаракатҳо фаҳмида шаванд» [199, с. 60].

Мавқеи ба ин монандро И. В. Упоров низ ишғол намуда, пешниҳод медорад, ки мафҳуми ҳуҷум дар эзоҳи м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) ба таври зайл мустаҳакам карда шавад: дар зери ҳуҷум дар ин модда бояд ҳаракатҳои зӯроваронаи ғайричашмдошт барои ҷабрдида ва фаъол, қасдан ва кӯтоҳмуддат, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок мебошад ё таҳдиди чунин ҳаракатҳо фаҳмида шаванд [174, с. 252].

**Ҳамин тавр, дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ буд, агар мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта мешуд.** Олимони дигар низ хориҷ намудани мафҳуми ҳуҷумро аз мафҳуми роҳзанӣ пешниҳод менамоянд [218, с. 26], [195, с. 8-9].

Аломати дигари тавсифдиҳандаи тарафи объективии таркиби роҳзанӣ **истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ** ба ҳисоб меравад. КҶ ҶТ муайян насохтааст, ки «зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок» чи ҳисоб мешавад.

Барои фаҳмидани аломати мазкури таркиби роҳзанӣ, зарур аст, ки аввал, мафҳуми зӯроварӣ дар умум муайян карда шавад, яъне ба таври возеҳ ҳаракатҳои зӯроварӣ аз ҳар гуна ҳаракатҳои хусусияти зӯроварӣ надошта ҷудо карда шавад, дуюм, мафҳуми зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок

аст, муайян гардад, яъне меъёри дақиқеро муайян кард, ки зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнокро аз зӯроварие, ки ба ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок нест, ҷудо кунад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми гуногуни зӯроварӣ дода мешавад. Масалан, ба андешаи Р.Д. Шарапов мазмуни аслии «зӯроварӣ» дар он аст, ки тавассути он ҳаракатҳои нафареро нисбати нафари дигар, ки бар хилофи иродаи охирин содир шудааст ифода месозанд [147, с. 57]. Албатта, чунин фаҳмиш моҳияти зӯровариро ошкор намесозад, аломатҳои онро муайян намекунад ва боиси ба таври васеъ маънидод кардани он мегардад. Зӯроварӣ ин категорияи ҳуқуқӣ – иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин Л.В. Сердюк чунин таърифи онро медиҳад: зӯроварӣ ин таъсиррасонии қасдона ва ғайриқонунии шахс ба шахси дигар (ё гурӯҳи шахсон) ба ҳисоб рафта, бархилофи иродаи ҷабрдида амалӣ гардида, қобилияти ба ӯ расонидани осеби органикӣ, физиологӣ ё руҳиро дошта ва озодии ирода ё ҳаракатҳои ӯро маҳдуд месозад [109, с. 58]. Дар таърифи мазкур ба аломатҳои иҷтимоӣ -ҳуқуқии зӯроварӣ ишора мешавад. Зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок аст, мумкин аст ҷисмонӣ ё руҳӣ бошад. Зери зӯроварии ҷисмонӣ намудҳои мазкури таъсиррасонӣ ба шахсияти ҷабрдидаро мефаҳманд:

– таҷовуз ба дахлнопазирии ҷисмонӣ, саломатӣ ё ҳаёт тавассути вайрон кардани тамомияти анатомии бофтаҳои берунии бадан;

– таҷовуз ба ҳаёт ё саломатии инсон тавассути таъсир ба он

узвҳои дохилӣ бе вайрон кардани тамомияти анатомии бофтаҳои берунаи бадан;

– маҳрум ё маҳдуд кардани озодии шахсии инсон [31, с. 13].

Ба андешаи В.Г. Шумихина, зӯроварии ҷисмонӣ вайрон намудани дахлнопазирии ҷисмонии шахсиятро ифода мекунад. Таҷовуз намудан ба дахлнопазирии ҷисмонӣ, яъне даст расондан ба ҷисми шахси дигар, бо зӯроварӣ ба ӯ таъсир расонидан ҳисоб мешавад. Дахлнопазирии ҷисмонӣ категорияе мебошад, ки 1) шароити биологии (ҷисмонии) мавҷудияти

инсонро; 2) шароити мавҷудияти иҷтимоии одамро таъмин месозад [180, с. 420].

Баъзе олимон моҳияти моҳияти зӯроварии ҷисмониро ба таъсири ҷисмонӣ тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ (мушакҳо) ба бадани инсон, ки ба ӯ дарди ҷисмонӣ, зарар ба саломатӣ ё ҳаёт мерасонад, маънидод месозанд [115, с. 34]. Чунин тавсифи зӯроварии ҷисмонӣ албатта маҳдуд мебошад. Чунки ҳолатҳое ҷой дошта метавонанд, ки шахси гунаҳгор барои расонидани зарар ба саломатӣ танҳо қувваи ҷисмонии худро истифода накарда, бо дигар усул амал мекунад, масалан, бо истифодаи саг, зер кардани тугмачае, ки воситаи таркишро ба кор медарорад ва ғайра. Бинобар ин, андешаи В.И. Симонов дар ин маврид дурусттар мебошад. Зеро гарчанде ӯ зӯроварии ҷисмониро ҳамчун истифодаи қувваи мушак ба бадани шахси дигар муайян созад ҳам дар идома баён медорад, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ мумкин аст на танҳо бо роҳи бевосита даст расонидан ба бадани ҷабрдида, балки, инчунин бо таъсиррасонии бавосита низ халдор шудавад (масалан, ба чашм пош додани рег ё хокистар, паррондан аз силоҳи оташфишон) [173, с. 23].

Олимони дигар ҳангоми муайян кардани зӯроварии ҷисмонӣ ба аломатҳои «ба ҷамъият хавфнок» ва «гунаҳгорона» содир шудани он ишора менамоянд. Зӯроварии ҷисмонӣ ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятӣ метавонад ба таври зерин муайян шавад – таъсиррасонии қасдона, барои ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ аз тарафи шахсони дигар ба ҷисми инсон (гурӯҳи шахсон), ки боиси зарар ба саломатӣ ё марг мегардад ё таҳдиди воқеии фаро расидани чунин оқибатҳоро бархилофи иродаи ҷабрдида эҷод мекунад [183, с. 63].

Зӯроварии ҷисмониро метавон ҳамчун таъсиррасонии барои ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ, бошуурона бар хилофи иродаи ҷабрдида ба узвҳо, бофтаҳо ё функсияҳои физиологии шахси дигар муайян кард, ки боиси зарари ҷисмонӣ ё имконияти расонидани чунин зарар мегардад [153, с. 14].

Ҳангоми таъсиррасонии зӯроварона на ҳама вақт ба саломатии ҷабрдида зарар расонида мешавад, яъне на дар ҳама ҳолат оқибати барои ҷамъият хавфнок фаро мерасад, зеро дар олами воқеӣ ҳолатҳое ҷой дошта метавонанд, ки ҳангоми зӯроварӣ танҳо хавфи расонидани зарар ба саломатӣ ё ҳаёти ҷабрдида ба вуқуъ омада, зарар новобаста аз ҳолатҳои шахси фаро мерасад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки зӯроварии ҷисмонӣ маҷмуи ҳар гуна амалҳои дорои хусусияти таъсиррасонӣ ба организми инсонро фаро гирифта, қобили он аст, ки ба саломатӣ зарари дараҷаҳои гуногун расонад ё ҳатто ба марги шахс оварда расонад.

Зӯроварии ҷисмонӣ ҳангоми роҳзанӣ ин ҳаракатҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноке мебошанд, ки дахлнопазирии ҷисмонии шахсро бархилофи иродаи ӯ вайрон намуда, барои бартараф намудани муқобилияти воқеӣ ё имконпазир бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр равона шудааст [172, с. 234].

Мумкин аст чунин аломатҳои зӯровариро ҳангоми роҳзанӣ ҷудо намуд:

1) зӯроварӣ танҳо зӯроварии ҷисмониро дар бар мегирад, чунки зӯроварии руҳӣ (таҳдид) дар қонун (м.249 КҶ ҶТ) ба сифати аломати мустақил муқаррар шудааст;

2) аз рӯйи хусусияти худ он на танҳо барои ҳаёт, балки барои саломатӣ низ хавфнок мебошад;

3) он бо гуноҳи қасдона тавсиф мегардад;

4) он ба монанди таҳдид мақсади ситонидани молу мулки ғайрро дорад.

Ба андешаи бештари олимон зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ин зӯроварие ба ҳисоб меравад, ки боиси расонидани зарари вазнин, зарари миёна ё зарари сабук ба саломатӣ мегардад, ҳамчунин зӯроварие, ки боиси ин оқибатҳо нагардида, аммо дар лаҳзаи истифодаи он хавфи воқеии фаро расидани чунин оқибатҳо ба вуқуъ меоянд [192, с. 47].

Мутобиқи б.23 Қарори Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи

таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004 №3 [9, с. 41] «таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок мебошад, бояд чунин зӯроварие, ки ба расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатии ҷабрдида оварда расонида бошад, ҳамчунин расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси вайроншавии кутоҳмуддати саломатӣ ё гум кардани устувории на он қадар зиёди қобилияти умумии меҳнатӣ гардидааст, фаҳмида мешавад» [8, с. 43].

Ҳамин тавр, зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ҳангоми роҳзанӣ расонидани зарари сабук, миёна ё вазин ба саломатиро дар бар мегирдад. Вале мутобиқи б.23 Қарори зикршуда «агар дар рафти ҳуҷуми роҳзанона ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин, ки аз беҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, расонида шуда бошад, ҳаракатҳои содиргардида бояд барои маҷмуи ҷиноятҳо бо б. «г» қ.3 м.249 ва б.»в» қ.3 м.110 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад» [9, с. 41].

Вобаста ба шиддатнокӣ дар қ.1 м.249 КҶ ҶТ ду намуди зӯроварии ҷисмониро фарқ намудан мумкин аст: зӯроварии барои ҳаёт хавфнок ва зӯроварии барои саломатӣ хавфнок. Зӯроварии барои саломатӣ хавфнок зӯроварие эътироф мешавад, ки боиси расонидани зарари сабук ё миёна ба саломатӣ гардида бошад [187, с. 42-43].

Нисбат ба таркиби асосии роҳзанӣ қ.1 м.162 КҶ ФР (қ.1 м.249 КҶ ҶТ) зӯроварии барои ҳаёт хавфнок зӯроварие ҳисоб мешавад, ки дар лаҳзаи истифодаи он хавфи воқеӣ ба ҳаёти ҷабрдида ба вуҷуд меояд [187, с. 43].

Мувофиқан ба Э.Ф.Побегайло зӯроварии барои ҳаёт хавфнок, пеш аз ҳама, чунин зарари ҷисмонӣ эътироф мешавад, ки дар лаҳзаи расонидан ба ҳаёти ҷабрдида таҳдид мекунад ё ҳангоми ба таври оддӣ идома ёфтан боиси марг мегардад [53, с. 31]. А.Н.Игнатев мафҳуми зӯроварииии хавфнокро ҷамъбаст намуд, дуруст баён менамояд, ки «зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок чунин таъсиррасонӣ ба бадани ҷабрдида ҳисоб мешавад,

ки он боиси ба марг расонидани ҷабрдида мегардад ё гашта метавонист ё расонидани дилхоҳ зарар ба саломатӣ эътироф мешавад» [50, с. 379].

Зӯроварии барои ҳаёт хавфнок масалан, буғӣ кардан (бастани роҳҳои нафас), ба об пахш кардани сари инсон, аз баланди партофтани ҷабрдида, аз воситаи нақлиёт тела кардан ва ғайра ҳисоб шуда метавонад. Истифодаи чунин зӯроварӣ ҳатто дар ҳолатҳое, ки дар натиҷа ба саломатии ҷабрдида ягон зарар нарасида бошад ҳам, ҳамчун роҳзанӣ бандубаст карда мешавад, зеро ҳангоми баҳо додан ба дараҷаи зӯроварӣ на танҳо оқибат дар намудани расонидани зарар ба ҷабрдида, балки шиддатнокӣ, давомнокӣ, усули истифодашуда, олоти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад.

Ҳамин тавр, хусусияти зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок, инчунин дар он ифода мегардад, ки он мумкин аст боиси ба вуҷуд омадани ягон оқибат барои ҳаёт ё саломатӣ нагардад. Чунин ҳолат инъикоси худро дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» тавзеҳ дода шудааст, ки: «бо қ.1 м.249 КҶ ҶТ бояд ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулк, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, ки гарчанде ба саломатии ҷабрдида зарар нарасонида бошаду лекин дар мавриди истифода шудан ба ҳаёту саломатӣ хавфнокии воқеиро ба амал орад, бандубаст карда шавад» [9, с. 41]. (б.23).

Тарафи объективии роҳзанӣ на танҳо зӯроварии ҷисмонӣ, балки таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, яъне **зӯроварии руҳиро** низ дар бар мегирад.

«Таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок дар ифодаи суханҳо, ҳаракатҳо, намоиш додани силоҳ ё дигар предметҳо дарҷ меёбад ки истифодаи онҳо боиси овардани оқибатҳои вазнин ба ҳаёту саломатии ҷабрдида мегардад (масалан таҳдиди куштан, таҳдиди расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ). Таҳдид метавонад,бо сухан, имову ишора ва ҳаракатҳои гуногун амалӣ карда шавад» [145, с. 141].

Барои таҳдидро зӯроварии руҳӣ эътироф намудан зарур аст, якум

гунаҳгор таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнокро анҷом диҳад.

Аломати мазкури таҳдид бевосита дар диспозитсияи қ.1 м.249 КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст. Таҳдиди ба ҷабрдида расонидани зарари дигари бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ алоқаманд набуда аломати роҳзанӣ ҳисоб намешавад. Дуюм, таҳдид бояд воқеӣ бошад, на ин ки фаразӣ.

Аммо, андешаҳои гуногун дар бораи он ки дар кадом ҳолатҳо таҳдид бояд воқеӣ ҳисобида шавад, баён карда шуданд. Ҳамин тариқ, М.П. Михайлов изҳор медошт, ки масъалаи воқеӣ будани таҳдид вобаста ба қабули субъективии ин таҳдид аз ҷониби ҷабрдида  ҳал карда мешавад. Чунин таҳдид бояд воқеӣ эътироф карда шавад, ки ба фикри ҷабрдида воқеан метавонад амалӣ карда шавад. Инчунин, талаб мегардад, ки гунаҳгор дарк кунад, ки ҷабрдида таҳдидро воқеӣ мешуморад. Аз ин рӯ, ҳама гуна таҳдид, аз ҷумла таҳдиди объективан амалинашавандаи зӯроварии ҷисмонӣ, агар он аз ҷониби ҷабрдида ҳамчун  воқеан амалишаванда баҳо дода шавад ва гунаҳгор маҳз ҳаминро ба инобат гирифта бошад, чунин таҳдид воқеӣ ҳисоб мешавад. Барои мавҷуд будани роҳзанӣ ҳатман талаб намешавад, ки таҳдид ба таври объективӣ воқеан амалишаванда бошад [77, с. 133]. Ба андешаи И.Г. Филановский барои баҳо додан ба хусусияти таҳдид муайян намудани қабули таҳдид аз ҷониби ҷабрдида ва нияти ҷинояткор муҳим аст. Таҳдид, аз ҷумла дар шакли номуайян танҳо дар ҳолатҳое ҳамчун усули содир намудани роҳзанӣ баҳо дода мешавад, ки вақте ҷинояткор кӯшиш менамояд, дар ҷабрдида ҷой доштани ҳолати таҳдидро ба ҳаёт ва саломатии ӯ  вонамуд намояд [66, с. 788-789]. Г.Л.Кригер чунин эътироф менамуд, ки  агар таҳдид воқеан  барои ҳаёт ва саломатӣ хавф надошта бошад ва танҳо аз ҷониби ҷабрдида ба чунин сифат қабул гардад, кирдор ҳамчун роҳзанӣ ба шарте баррасӣ мегардад, ки агар гунаҳгор дидаву дониста аз ҷониби ҷабрдида саҳван қабул шудани таҳдидро ҳамчун таҳдиди барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ба

асос гирифта бошад [65, с. 356]. Ҳангоми муайян намудани воқеӣ будани таҳдид бояд критерияи субъективии ҳам ба ҷабрдида ва ҳам ба гунаҳгор тааллуқдошта ба  инобат гирифта шавад. Яъне ҷабрдида бояд таҳдидро ҳамчун воқеӣ қабул намояд, гунаҳгор бошад бояд инро дарк намуда чунин ҳисобад, ки таҳдид барои пахш намудани иродаи ҷабрдида барои муқобилият нишон додан ва маҷбур намудани ӯ барои анҷом додани ҳаракатҳои муайян кофӣ мебошад. Ҳама гуна таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ, аз ҷумла объективан амалӣ нашаванда, воқеӣ ҳисоб мешавад, чунки ҷабрдида онро воқеан амалишаванда ҳисобида инро гунаҳгор ба роҳбарӣ мегирад [215, с. 59].

Андешаи дигарро В. А. Владимиров  баён дошта, чунин мешуморид, ки ҳангоми баҳо додан ба хавфнокии таҳдид муқаррар намудани муносибати субъективии худи шахси ҳуҷумкунанда муҳим мебошад [28, с. 115].

Ҳамин тавр, баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки маҳаки хавфи воқии таҳдид бояд вобаста ба дарки субъективии ҷабрдида, ба андешаи дигар нишондиҳандаи асосии хавфи таҳдид муносибати субъективии шахси ҳуҷумкунанда ба таҳдид, сеюми чунин мешуморанд, ки ҳангоми баҳо додан ба хавфнокии таҳдид бояд дарки субъективии таҳдид ҳам аз ҷониби ҷабрдида ва ҳам муносибати субъективии ҳуҷумкунанда ба таҳдид ба инобат гирифта шавад.

Одатан мазмуни таҳдиди воқеӣ ҳангоми роҳзанӣ хусусияти муайян дорад. Дар ҳолатаҳое, ки таҳдид хусусияти номуайян дошта бошад, мутобиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар мавридҳое, ки тасарруфи молу мулки бо тахдиди истифодаи зӯроварие, ки хусусияти номуайян дорад, алоқаманд аст, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои кор: ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят, шумораи ҳуҷумкунандагон, хусусияти олотҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ кабул кардани таҳдид, содир кардани ягон

намуди ҳаракатҳои намоишкоронаи мушаххас, ки дар бораи нияти истифода намудани зӯроварии ҷисмонии ҳуҷумкунандагон шаҳодат медиҳад ва ғайра, ҳал карда шавад

Агар таҳдид ба ҳаёт ё саломатӣ хавфи воқеӣ надошта бошад ва танҳо аз ҷониби ҷабрдида хато қабул карда шавад, пас ҳаракатҳои гунаҳгор танҳо дар сурате ҳамчун роҳзанӣ баҳо дода мешаванд, ки агар таҳдид бо ёрии воситаҳои ғайриқонунӣ дидаву дониста аз ҷониби гунаҳгор бо мақсади ба вуҷуд овардани тасаввуроти нодуруст дар ҷабрдида истифода шуда бошад» [9, с. 41].

Таҳдид мумкин аст, дар суханон, имову ишора, ҳаракатҳо, инчунин дар худи ҳолати содиршудани ҷиноят ифода гардад.

Сеюм, таҳдид бояд мавҷуд бошад, яъне гунаҳгор бояд бо истифодаи фаврии зӯроварӣ таҳдид намояд. Саркашӣ аз иҷрои талаби гунаҳгор боиси амалӣ намудани таҳдид гашта метавонад.

Бояд зикр намуд, ки барои ба таври гуногун баҳо додан ба маҳакҳои хавфнокии таҳдид, аз ҷумла худи қонунгузор бо ба таври умумӣ нишон додани таҳдид ҳамчун усули содир намудани роҳзанӣ замина гузоштааст. Дар фарқият аз ин дар м.120 КҶ ҶТ қонунгузор ба маҳакҳои (субъективӣ ва объективӣ) воқеӣ будани таҳдид ишора намудааст. Дар м.120 КҶ ҶТ таркиби ҷиноятро ҳамчун «таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, агар барои амалӣ гаштани ин таҳдид асоси тарсу ҳарос мавҷуд бошад» [6], муқаррар намуда, қонунгузор бевосита ба воқеӣ будани таҳдид ишора намудааст. Ҳангоми ҳалли чунин масъала ба назар гирифтани қабули таҳдид аз ҷониб ҷабрдида (маҳаки субъективӣ) ва ҳам усул, шиддатнокии ифода гардидани он, шахсияти гунаҳгор, хусусияти муносибати ӯ бо ҷабрдида ва ғайра (маҳаки объективӣ) бояд ба назар гирифта шавад. Ба назар мерасад, ки чунин шакли мушаххасгардонии таҳдид дар таркиби роҳзанӣ низ зарур мебошад. Ҳангоми баҳо додан ба воқеӣ будани таҳдид бояд на танҳо дарки субъективии он аз ҷониби ҷабрдида, балки муносибати

субъективии худи ҳуҷумкунанда ба таҳдид, инчунин ҳолатҳои объективии ҷиноят (ҷой ва вақти содир шудани он, шумораи ҷинояткорон, шакли ифода шудани таҳдид – ибораҳо, имову ишора, намоиш додани силоҳ ва дигар предметҳо, ки истифодаи онҳо барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок мебошад ва ғайра) ба инобат гирифта шавад.

Барои бандубасти тасарруф ҳамчун роҳзанӣ аз рӯйи аломати истифодаи таҳдиди зӯроварӣ қабули чунин таҳдид аз ҷониби ҷабрдида ва ҳам дарки гунаҳгор оид ба он ки ҷабрдида таҳдидро ҳамчун таҳдиди воқеӣ қабул менамояд зарар аст. Агар ҷабрдида бо ин ё он сабаб таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро дарк карда натавонад, масалан бо сабаби маст будан, хоб будан, беҳуш будан ва ғайра дар бораи чунин таҳдид сухан рондан мумкин нест. Бешубҳа, таҳдид дар таркиби роҳзанӣ ҳамчун қисми таркибии тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб рафта, он воситаи маҷбур намудани ҷабрдида барои ситонидани молу мулк ба шумор меравад.

КҶ ҶТ доираи шахсонеро, ки нисбати онҳо ҳангоми тасарруф дар шакли роҳзанӣ зӯроварӣ истифода мешавад, бевосита номбар накардааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷабрдида ҳангоми зӯроварӣ ба таври васеъ маънидод карда мешавад. Зӯроварӣ ҳангоми роҳзанӣ мумкин аст ба молик ё шахси молу мулк дар ихтиёраш буда ё шахси молу мулкро ҳифзкунанда, инчунин ба шахси дилхоҳ, ки ба андешаи ҷинояткор мумкин аст, ба ҳаракатҳои ҷинояткоронаи ӯ монеъ шавад, истифода гардад [26, с. 479-480]. И.Я. Козаченко чунин меҳисобад, ки зӯроварӣ мумкин аст нисбати шахсе, ки молу мулк дар ихтиёрӣ ӯ қарор дорад, нисбати наздикони чунин шахс (фарзандон, падару модар, ҳамсар, бародар, хоҳар ва ғайра, ки ҳангоми роҳзанӣ ҳузур доранд), нисбати шахсони бегона, ки ба гунаҳгор монеа мешаванд ё ба андешаи гунаҳгор монеа шуда метавонанд, истифода шавад [92, с. 379]. Бо чунин андеша метавон розӣ шуд, чунки дар қонун (м.249 КҶ ҶТ) ягон маҳдудият дар ин бора ҷой надорад.

Андешаи дигар низ ҷой дорад, ки мувофиқи он таҳдид ҳангоми роҳзанӣ ҳамчун воситаи ноил шудан ба оқибати ҷиноят дар ҳолтҳое, ки зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ истифода мешавад, баромад менамояд [190, с. 41], яъне зӯроварӣ ҳангоми роҳзанӣ танҳо нисбати ҷабрида ё наздикони ӯ истифода шуданаш мумкин аст. Албата бо чунин андеша розӣ шудан мушкил аст. Зеро маҳдуд намудани доираи ҷабрдида бо соҳибони молу мулк ва наздикони ӯ моҳияти меъёри ҳуқуқи ҷиноятии муқарраркунандаи ҷавобагарӣ барои роҳзаниро беасос маҳдуд месозад. Ҳангоми роҳзанӣ аҳаммият надорад, ки зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди он ба худи молики молу мулк ё шахсони дигари ба содиршавии ҷиноят монеъашаванда истифода мешавад.

Мутобиқи б.8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №3 «Роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроврии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, тамомшуда ҳисобида мешавад» [9, с. 36] .

Мавқеи хосро дар масъалаи лаҳзаи тамомшудани роҳзанӣ О.Ф. Шишов ишғол намуда баён менамояд, ки роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта эътироф мешавад. Истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди он аз доираи таркиб берун монда, ба лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят таъсир намерасонанд. Ин бо он асоснок мешавад, ки байни ҳуҷум ва зӯроварӣ мумкин аст доираи вақт мавҷуд бошад, гарчанде ҳуҷум ҳамеша пеш аз зӯроварӣ сурат мегирад [51, с. 35].

Ба андешаи мо, қонун барои чунин хулосабарорӣ асос намедиҳад, чунки дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки: «роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст»[6]. Ҳамин тавр, кирдор дар ҳуҷуми бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд тавсиф мегардад. Бар замми ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар

эътироф шудааст, ки зӯроварӣ моҳияти ҳуҷумро ташкил медиҳад ва охирин бе зӯроварӣ ғайриимкон аст. Онҳоро метавон танҳо ба таври сунъӣ аз ҳам ҷудо намуд [73, с. 20].

Бо ҳамин асос андешаи В.В. Векленко дар бораи лаҳзаи хотимаёбии роҳзанӣ қобили қабул буда наметавонад, ки мувофиқи он «лаҳзаи хотимаёбии роҳзанӣ зарур аст, вобаста ҷой доштани ҳуҷум ё истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок муайян карда шавад. Ҳангоми ҳуҷуми роҳзанона ҷиноят аз лаҳзаи ибтидои ҳуҷум хотимаёфта эътироф мешавад. Дар ҳолате ки тасарруф бо ҳуҷум алоқаманд набошад (масалан,вақте ки гунаҳгор зӯровариро барои нигоҳ доштани молу мулки ситонидашуда истифода мебарад), ҷиноят аз лаҳзаи оғози истифодашавии зӯроварии дахлдор хотимаёфта ҳисоб мешавад» [130, с. 167].

Аз рӯйи сохт роҳзанӣ ҳамчун таркиби кӯтоҳкардашуда тартиб дода шуда, он аз лаҳзаи ҳуҷуми бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди чунин зӯроварӣ алоқаманд новобаста аз воқеан ба даст овардан ё наовардани молу мулк хотимаёфта эътироф мешавад [1184, с. 60]. Дар роҳзанӣ ҳама вақт ҳуҷум ҷой дорад; он инчунин дар ҳолатҳое мавҷуд аст, ки дуздӣ ё ғоратгарӣ ба роҳзанӣ мубаддал мешаванд. Дар чунин ҳолат ҳуҷум бо зӯроварӣ ё таҳдиди он омезиш меёбад.

А.Н. Игнатов баён медорад, ки «бо андеша оиди он ки роҳзанӣ ҷинояти дорои таркиби расмӣ ҳаст, розӣ будан мушкил аст. Истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аломати ҳатмии сохтори таркиби роҳзанӣ ҳисоб мешавад» [50, с. 280]. Чунин андеша албатта дуруст аст. Аммо, зӯроварии ҷисмонӣ ва руҳӣ ҳамчун аломатҳои оқибат ба ҳисоб намераванд, инҳо усулҳои содир шудани кирдор мебошанд. Бинобар ин, дар бораи роҳзанӣ ҳамчун дорои таркиби моддӣ сухан рондан беасос шуморида мешавад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан роҳзанӣ ҳамчун ҷиноятӣ дорои таркиби кутоҳкардашуда баррасӣ мегардад [98, с. 194], [134, с. 263].

Аммо оид ба ин масъала дигар нуқтаҳои назар низ мавҷуданд. Масалан, ба ақидаи А. Успенский «дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ сохтори роҳзанӣ бо усули таркиби кӯтоҳкардашуда одатан тавассути манфиатҳои тақвияти ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятии ҷабрдида асоснок карда мешавад. Тавре ки ба назар мерасад, ин беҳтарин тарзи тақвияти ҳимояи шахсият ҳангоми роҳзанӣ ба ҳисоб намеравад. Пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳаракатҳои махсусан хавфнок барои шахсият ҳангоми ҳуҷуми роҳзанӣ самараноктар ба ҳисоб меравад. Масалан, проблемаи асоснок намудани имконияти ихтиёран даст кашидан аз то ба охир расонидани ҷинояти роҳзанӣ вуҷуд дорад. Шахси бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ҳуҷумкунанда ва истифодакунандаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, ё таҳдидкунандаи истифодаи чунин зӯроварӣ бояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳз барои роҳзанӣ дар ҳолатҳое озод карда шавад, ки агар ӯ имконияти то ба охир расонидани ҷиноятро дарк намуда, ихтиёран ва ниҳоӣ аз соҳиб шудан ба моликияти ғайр даст кашида бошад. Аммо, агар роҳзаниро аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта эътироф намоем, пас ҳангоми ҳолатҳои зикргардида ихтиёран даст кашидан ғайриимкон аст» [175, с. 26]. Баъдан, ин муаллиф қайд мекунад, ки аҳаммияти ҳалкунандаро ҳангоми ҳалли масъала оид ба лаҳзаи хотима ёфтани роҳзанӣ на далели расонидани зарари ҷисмонӣ ё руҳӣ ба шахсият, балки далели соҳиб шудан ба молу мулки ғайр ва пайдо шудани имконияти тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани он ташкил медиҳад. Бинобар ин, вақте таҷовузи ғаразнок ҳанӯз ба охир нарасидааст, роҳзаниро хотимаёфта эътироф намудан, маънии сарфи назар кардани моҳияти иҷтимоӣ ва руҳии ин ҷиноятро дорад [175, с. 26].

**Ҳамин тавр, тарафи объективии роҳзаниро таҳлил намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:**

1. Дар таркиби роҳзанӣ «ҳуҷум» ва «истифодаи зӯроварӣ» мафҳумҳои баробармаъно мебошанд. Муаллифоне, ки кӯшиши аз ҳам ҷудо намудани мафҳумҳои мазкурро анҷом додани мешаванд, фарқияти дақиқи ин

мафҳумҳоро нишон дода наметавонанд ва ба таври асоснок дар чи ифода гаштани ҳуҷум бидуни зӯровариро низ шарҳ дода наметавонанд.

Дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ буд, агар мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад;

2. Зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ҳангоми роҳзанӣ расонидани зарари сабук, миёна ё вазин ба саломатиро дар бар мегирдад;

3. Мумкин аст чунин аломатҳои зӯровариро ҳангоми роҳзанӣ ҷудо намуд:

1) зӯроварӣ танҳо зӯроварии ҷисмониро дар бар мегирад, чунки зӯроварии руҳӣ (таҳдид) дар қонун (м.249 КҶ ҶТ) ба сифати аломати мустақил муқаррар шудааст;

2) аз рӯйи хусусияти худ он на танҳо барои ҳаёт, балки барои саломатӣ низ хавфнок мебошад;

3) он бо гуноҳи қасдона тавсиф мегардад;

4) он ба монанди таҳдид мақсади ситонидани молу мулки ғайрро дорад.

4. Таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок дар худ тарсонидани ҷабрдида бо мақсади ситонидани молу мулки ғайрро, ки бо таҳдиди куштор, расонидани зарари сабук, миёна ё вазнин ба саломатиро дар бар мегирад.

5. Роҳзанӣ дорои таркиби расмӣ мебошад. Истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок гарчанде аломати ҳатмии таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ ба ҳисоб равад ҳам, он аломати оқибат набуда, балки усули содир намудани кирдор ҳангоми роҳзанӣ мебошад. Бинобар ин, ҳамчун таркиби моддӣ шинохтани роҳзанӣ беасос шуморида мешавад.

### 2.3. Аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ

Тарафи субъективии роҳзанӣ аз он иборат аст, ки гунаҳгор зӯровариро истифода намуда, молу мулки ҷабрдидаро тасарруф менамояд ва фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ мекунад, яъне ин ҷиноят бо қасди бевосита содир карда мешавад. Дарки кирдори барои ҷамъият хавфноки зикршуда ва пешбинии имконияти фаворасии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ҳангоми татбиқи аломатҳои объективии роҳзанӣ унсури зеҳнии қасдро ташкил медиҳад. Мувофиқи қонун, аломати фарқкунандаи қасди бевосита хоҳиши фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, яъне аломати иродавии он мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ се ҳолат ҷудо карда мешавад, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо сухан дар бораи мавҷудияти қасди бевосита меравад: оқибати ба ҷамъият хавфнок, ки ба сифати аломати ҳатмии таркиб баромад менамояд. Бо фарорасии ин оқибат мақсади шахс амалӣ гардида ва ангезаи ӯ қонеъ мегардад; оқибати барои ҷамъият хавфнок, ки унсури таркиб аст, метавонад барои гунаҳгор на мақсади ниҳоӣ, балки мақсади мобайнӣ бошад, ки ҳамчун воситаи зарурии расидан ба мақсади ниҳоӣ баромад намояд.

Мувофиқан,  на ҳар натиҷаи ногузири ҳаракатҳои гунаҳгор метавонад, воситаи расидан ба мақсади ӯ бошад; оқибати барои ҷамъият хавфнок, ки унсури таркиб аст, метавонад барои гунаҳгор марҳилаи муайяни расидан ба мақсади мушаххас бошад [35, с. 99-100]. Таркиби роҳзанӣ мувофиқи қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ мавҷудияти ду варианти аввалро пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, мақсади ниҳоии роҳзанӣ табдил додани молу мулки ғайр ба манфиати худ мебошад, дар ҳоле ки барои расидан ба ин мақсад зӯроварӣ истифода мешавад, яъне ба саломатӣ зарар мерасонад, гарчанде ки ин оқибати барои ҷамъият хавфнок мақсади ҷинояткор нест.

Роҳзанӣ ҷинояти қасдона ба ҳисоб меравад, ки аз хусусиятҳои дар диспозитсияи он тасвиршуда (таркиби расмӣ) ва ҳам аз муқаррароти м. 27 КҶ ҶТ бармеояд. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ

мухолифати таърифи қонунгузории қасд нисбат ба таркиби расмии ҷиноят қайд карда мешавад. Ҳамин тавр, Н. Иванов, изҳор медорад, ки таърифи қонунгузории қасд ба ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ нигаронида шудааст ва барои исботи мавҷудияти қасд дар ҳаракатҳои шахс, субъекти ҳуқуқтатбиққунанда бояд муайян кунад, ки дар натиҷаи ҳаракатҳои анҷомдодашуда субъект имконияти фаро расидани оқибатҳои хавфнокро пешбинӣ кардааст. Агар ин ҳолатҳо исбот нашуда бошанд, пас барои гунаҳгор кардани шахс барои содир кардани ҷинояти қасдона асоси кофӣ мавҷуд нест. Дар ҳамин ҳол, роҳзанӣ ба ҷиноятҳои дорои расмӣ, ки оқибатҳои он аз доираи таркиб берун аст, дахл дорад. Субъекти ҳуқуқтатбиққунанда бо ёрии таҳрифи таърифи қонунгузорӣ лаҳзаи пешбиниро тамоман нодида гирифта, аз вазъият берун меояд ва лаҳзаи иродавиро аз оқибатҳо ба ҳаракат мегузаронад: субъект хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро дарк мекард ва мехост онро содир намояд. Аз ин рӯ, ҷиноятҳои дорои таркиби расмиро ҳамчун қасдан содиршуда бандубаст намуда, субъекти ҳуқуқтатбиққунанда қонунро ба эътибор нагирифта, на танҳо принсипҳо ва муқаррароти умумии дар худи КҶ ҶТ муқарраршуда, балки принсипи конститутсионии танҳо дар доираи қонун ҷавобгар буданро нодида мегирад [164, с. 18].

Шакли қасд бояд бо тамоми диспозитсияҳои таркиби ҷиноятҳои дар Қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ мавҷудбуда бе истисно мутобиқ карда шавад. Илова бар ин, ба андешаи мо, ҳалли масъалаи мустаҳкамкунии қонунгузории шакли гуноҳ нисбат ба ҳар як намуди таркиби ҷиноят (таркиби расмии ҷиноят ва таркиби моддии ҷиноят) мувофиқи мақсад мебуд. Албатта, ин кори душвор аст ва мо дар ин ҷо ҳалли онро дар назар надорем, ки он аз доираи мавзуи таҳқиқоти мо берун аст, балки онро танҳо бо тартиби гузоштани мушкилот муайян мекунем.

Номуайянии дар боло зикршудаи қонунгузор боиси дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод шудани андешаҳо оид ба он ки ҳангоми роҳзанӣ

шакли мураккаби гуноҳ имконпазир аст, асос гузошт. Ҳамин тавр, А.Х. Юнусов менависад, ки ҳангоми ҳуҷуми роҳзанӣ "муносибати руҳӣ ба расонидани зарар ба шахс метавонад, дар шакли қасди бевосит ё бавосита ва дар баъзе ҳолатҳо беэҳтиётӣ ифода гардад" [226, с. 10]. Бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст.

Хусусияти хоси роҳзанӣ ҳамчун таҷовузи ҷиноятӣ маҳз дар он аст, ки гунаҳгор ҳангоми ҳуҷум, ҳаракатҳои зӯроварии фаъол ва мақсаднокро барои ба даст овардани молу мулки ғайр истифода мебарад. Агар шахс қасд дошта бошад, ки танҳо ба саломатӣ зарар расонад ё молу мулкро на бо истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, балки бо шиддати камтари зӯроварӣ ба даст орад, пас дар ин ҳолат, роҳзанӣ ҳам нахоҳад буд, балки ё расонидани зарар ба саломатӣ ё ғоратгарӣ ҷой хоҳад дошт. Дар роҳзанӣ гунаҳгор мехоҳад, ки ҳам зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро истифода кунад ва ҳамзамон мехоҳад, ки бо ин зӯроварӣ моликияти дигаронро ба даст орад. Маҳз, дар ҳамин хоҳиши дутарафаи содир кардани ҳам ҳаракатҳои ҷиноятӣ ба муқобили шахсият ва ҳам ҷиноят ба муқобили моликият хусусияти тарафи субъективии (бо назардошти шакли гуноҳ) роҳзанӣ ҷойгир аст. Аммо чунин хоҳиши дутарафа маънои ҷой доштани ду шакли гуноҳро надорад, зеро ҳар дуро шахс бо қасди бевосита содир мекунанд.

Агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр шахс аз беэҳтиётӣ зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро истифода барад, ки дар натиҷа ба саломатӣ зарари вазнин мерасонад (масалан, аз зарба ба рӯй ҷабрдида меафтад ва пушти сараш ба санг мезанад ва дар натиҷа ба саломатӣ зарари вазнин мерасонад), пас, дар ин ҳолат масъалаи маҷмуи ҷиноятҳо дар шакли ғоратгарӣ ва аз беэҳтиетӣ расонидани зарар ба саломатӣ ба миён меояд, зеро гунаҳгор чунин мақсад надошт, намехост ба саломатӣ зарари вазнин расонад; вазъият дигар мебуд, агар гунаҳгор қасдан сари ҷабрдидаро ба ин санг зада бошад, ин ҷо сухан дар бораи роҳзанӣ бо

таркиби вазнинкунанда меравад (б. «в» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ). Ин мавқеъ дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дастгирии худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар бораи ин ҷанбаҳо ва эътироз ба шакли омехтаи гуноҳ дар роҳзанӣ, С.М. Кочои қайд мекунад, ки дар қонун ҳеҷ ишорае вуҷуд надорад, ки зӯроварӣ дар роҳзанӣ мумкин аст қасдан содир шуда, расонидани зарар ба шахсият бошад аз беэҳитётӣ содир шавад. Мо чунин мешуморем, ки зарари аз беэҳтиётӣ расонидашуда наметавонад, аз ҷониби таркиби роҳзанӣ фаро гирифта шавад [57, с. 224]. Аммо, ҳам таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ ва ҳам мавқеи комилан бартаридошта дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ хулосаро тасдиқ мекунанд, **ки ҳуҷум ҳангоми** роҳзанӣ танҳо бо қасди бевосита содир карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноят бештари олимон тарафи субъективии роҳзаниро бо гуноҳ дар шакли қасд намуди қасди бевосита тавсиф медиҳанд. Вале ҳангоми ошкор намудани мазмуни қасди бевосита дар таркиби роҳзанӣ баъзан ба иштибоҳ роҳ дода, онро бе назардошти хусусиятҳои ин таркиби ҷиноят тавзеҳ медиҳанд. Масалан, М.К. Алиев мазмуни қасди бевоситаро ҳангоми роҳзанӣ чунин муайян месозад: «лаҳзаи зеҳнии қасди бевоситаро дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва пешбинӣ намудани имконият ё ногузирии фаро расидани оқибатҳои зараровари он ташкил медиҳад.

Шахси гунаҳгор бояд дарк намояд, ки ӯ бо мақсади тасарруфи молу мулки бегона ҳуҷум мекунад ва нисбат ба ҷабрдида зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнокро истифода мебарад ё таҳдиди чунин зӯровариро ба кор мебарад.

Дигар олимон ҳангоми тавсифи тарафи субъективии роҳзанӣ хилофи сохтори қонунгузории ин ҷиноят ба муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои он ишора месозанд. Масалан, М.К.Алиев чунин баён медорад, ки азбаски ба тарафи объективии роҳзанӣ, инчунин робитаи сабабӣ байни кирдори фаъоли шахс ва оқибатҳои зараровари баамаломада дохил мешавад, дарки

шахси гунаҳгор бояд ин робитаро низ фаро гирад» [183, с. 74]. Ҳангоми роҳзанӣ, менависад А.А. Арзуманян, гунаҳгор ба ҷамъият хавфнокии кирдори ғайриқонунии худро дарк менамояд, ногузирии расонидани зарари моддии воқеӣ ва зарари ҷисмониро ба молик пешбинӣ месозад ва хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо мебошад [184, с. 67]. Албатта, бо чунин тавсифи тарафи субъективӣ ҳангоми роҳзанӣ розӣ будан душвор аст, зеро аз рӯйи сохтори худ таркиби роҳзанӣ расмӣ буда, он фаро расидани ягон оқибати мушаххасро пешбинӣ намесозад.

Ба андешаи мо, мазмуни қасди бевоситаро ҳангоми роҳзанӣ В. М. Вюнов бештар мувофиқ муайян намудааст, ки мутобиқи он «ба мазмуни қасди субъекти ҷиноят инҳо дохил мешаванд: дарки он, ки молу мулки бегона тавассути истифодаи зӯроварӣ тасарруф карда мешавад; ин зӯроварӣ воситаи гирифтан ва ё ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон мебошад; зӯроварии истифодашаванда барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок аст; таҳдид аз рӯи хусусияти худ метавонад ҷабрдидаро тарсонад, дар ӯ бовариро ба воқеияти таҳдид ва дар қатъияти гунаҳгор дар мавриди татбиқи он ба вуҷуд оварад, агар гунаҳгор муқовиматеро нисбат ба амали ҷиноятии худ мушоҳида намояд.

Унсури иродавии қасд хоҳиши истифодаи зӯроварӣ (ҷисмонӣ ё рӯҳӣ)-ро барои тасарруфи молу мулки ғайр дар бар мегирад» [192, с. 84].

Дар баробари ин, В. М. Вюнов иброз медорад, ки «азбаски ҳангоми роҳзанӣ зӯроварие, ки барои ба даст овардани молу мулки ғайр истифода шудааст, на ин ки худи мақсад, балки воситаи ноил гардидан ба мақсади асосӣ – ба даст овардани молу мулки ғайр ( ё чи тавре ки дар КҶ ҶТ муқаррар гардидааст – «мақсади тасарруф») маҳсуб меёбад, пас нисбат ба оқибатҳои зӯроварии истифодашуда, на танҳо қасди бевосита, балки қасди бавосита низ имконпазир аст» [192, с. 85]. В.А. Владимиров низ баён медошт, ки «ҳангоми роҳзанӣ «гунаҳгор дарк мекунад, ки зӯроварии истифодашуда ҳамчун воситаи ба даст овардани молу мулк барои ҳаёт ва

саломатии ҷабрдида хавфнок мебошад. Аммо ҳуҷумкунанда қасди бевоситаро барои истифодаи зӯроварӣ дошта, ҳамзамон метавонад, ки хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо, ба монанди зарари вазнин ва ҳатто марг набуда, аммо ба фаро расидани онҳо роҳ диҳад» [27, с. 122].

В.В.Хилюта низ тарафи субъективии тасарруфро баррасӣ намуда, баён медорад, ки дар ҳолате, ки шахс тасарруфи зӯроваронаи молу мулки ғайрро содир менамояд, мумкин аст вай нисбат ба ба даст овардани молу мулки ғайр қасди бевосита дошта бошад, аммо нисбат ба оқибатҳои зӯроварии ба ҷабрдида расонидашуда -қасди бавосита ё беэҳтиётӣ [142, с. 296].

Чунин хулоса оид ба мазмуни қасд дар сурати ҳангоми роҳзанӣ расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида дар м. 249 КҶ ҶТ асоснок буда метавонад (дар б. «г» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ).

Ба андешаи мо, таркиби асосии роҳзанӣ фаро расидани ягон оқибатро дар бар намегирад. Оқибат берун аз тарафи объективии кирдор қарор дорад ва муқаррар намудани муносибати руҳии субъект нисбати он талаб карда намешавад.

Бинобар ин, қасди шахс ҳангоми роҳзанӣ танҳо бо дарк намудани хусусиятҳои кирдор маҳдуд мегардад, яъне гунаҳгор дар содир намудани роҳзанӣ дарк менамояд, ки зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯровариро амалӣ намуда истодааст ва мехоҳад чунин ҳаракатҳоро ба сифати воситаи ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё шахси дигар истифода барад. Ҷой доштани танҳо қасди бевосита ҳангоми содиршавии роҳзанӣ, аз ҷумла бо ҳатмӣ будани мақсади ғаразнок, асоснок мегардад.

Дар мавриди мақсади ҳуҷуми роҳзанӣ, ин мақсад дар диспозитсияи таркиби роҳзанӣ бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр нишон дода шудааст (қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ). Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ комилан дуруст гуфта мешавад, ки ҳама гуна шакли тасарруф, аз ҷумла роҳзанӣ, танҳо бо қасди бевосита содир карда мешавад. Чунин самти қасд тасарруфро аз

ҷиноятҳое, ки дар он гарчанде гунаҳгор молу мулки ғайрро ғайриқонунӣ ва ройгон ба даст меорад, фарқ мекунад, чунки дар ҳолати охирон кӯшиши ӯ на барои ба даст овардани фоида аз ҷиноят, балки барои ноил шудан ба дигар мақсадҳо равона шудааст (масалан, гирифтани маблағ аз рӯи варақаи қалбакии беморхона бо мақсади асонок намудани ба кор набаромадани худ, нигоҳ доштани молу мулки ба ӯ боваркарда супоридашуда аз ҳисоби маоши дар оянда пардохтшаванда). Чунин ҳаракатҳо дар сурати мавҷуд будани аломатҳои зарурӣ метавонанд, таркиби сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶ ҶТ), сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶ ҶТ), худсарӣ (м. 334 КҶ ҶТ) - ро ташкил диҳанд.

Дар тавсифи тарафи субъективии роҳзанӣ бояд қайд кард, ки дар ин шакли тасарруф самти қасд бо ангезаи ғаразнок муайян карда мешавад. Моҳияти ангезаи ғаразнок аз ҷониби қонунгузорӣ муайян карда нашудааст. Дар ин бора андешаҳо гуногунанд. Мо чунин мешуморем, ки ин ҷанба бояд муфассалтар баррасӣ ва мушаххас карда шавад, аз ҷумла таносуби мақсад ва ангеза, бо назардошти он, ки худи қонунгузор нофаҳмиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад, вақте ки масалан, дар моддаҳои алоҳида ибораҳои гуногунро истифода мебарад: «нияти чаразнок» (б. «и» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ), " манфиатҳои ғаразнок" (қ. 1 м. 153-1 КҶ ҶТ), " манфиати шахсӣ " (м. 270 КҶ ҶТ) ва ғайра.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор беасос истилоҳҳои гуногунро барои ифода кардани як мафҳум – «ангезаи ғаразнок» истифода бурдааст.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҳар як ҳаракати инсон, аз ҷумла ҷиноят, бо ангезаҳои муайян вобаста аст ва барои ноил шудан ба ягон мақсад равона карда шудааст.

Дар луғати фалсафӣ ангеза ҳамчун нияти даркшавандае муайян карда мешавад, ки барои қонеъ кардани ягон талаботи инсон равона шудааст [141, с. 294]. Ангеза дар раванди ҳавасмандкунӣ ба вуҷуд меояд, ки дар асоси он талабот ба вуҷуд меояд, мувофиқан дар сарчашмаҳои фаъолияти инсон ин ё

он талабот ҷойгир аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки талаботҳо - шакли робитаи инсон бо олами беруна, манбаи фаъолнокии онҳо мебошанд, онҳо дар рафтори инсон ба вуҷуд меоянд, ба интихоби ангезаҳое таъсир мерасонанд, ки самти рафторро дар ҳар як вазъияти мушаххас муайян мекунанд, талаботҳои инсон " ниятҳои ибтидоии ӯ ба фаъолият мебошанд ва ба туфайли онҳо дар онҳо ӯ ҳамчун мавҷудияти фаъол баромад мекунад "[103, с. 68]. Пас, инсон, ки ягон талаботро қонеъ мекунад, ҳаракатҳои дахлдорро анҷом медиҳад, ки иҷрои онҳоро барои худ бо ангезаҳои муайян шарҳ медиҳад. Эҳтиёҷот, бо дарк, эҳсоси норозигӣ ва гузаштан аз раванди ҳавасмандкунӣ, ангезаро ҳамчун нияти дидаю дониста, қадрдонӣ ва қабулкардаи инсон ҳамчун асоси комил ва асоснокии рафтори худ ба вуҷуд меоранд [102, с. 266].

Дар мавриди роҳзанӣ, талаботҳо ғайрииҷтимоӣ, зиддиҷамъиятӣ мебошанд, аз ин рӯ, аз ин ҷо ангезаҳои содир кардани ин ҷиноят низ бармеоянд. Ангезаи ҷиноят – омили водоркунанда, сарчашмаи фаъолии инсон фаҳмида мешавад [146, с. 259]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифи ба ин монанди ангезаи ҷиноят дода мешавад. "Ангеза" – ин қувваи ҳаракаткунандаи дохилии кирдори ҷиноятӣ аст [97, с. 549]. Ба ақидаи А. И. Рарог, ангезаи ҷиноят ин нияти аз талаботҳо ва манфиатҳои муайян вобастае мебошад, ки дар шахс қарори содир намудани ҷиноятро ба вуҷуд оварда дар он зоҳир мегардад [95, с. 139]. Ҳамин тариқ, ангеза асоси фаъолият, аз ҷумла ангезаи рафтори ҷиноятӣ асоси азми дохилии содир кардани ҷиноят, инчунин пешбарии ангезаҳои бардурӯғ барои худсафедкунӣ ва баҳона дар назди одамони дигар мебошад. Фарқи байни ин падидаҳо дар он аст, ки қабули ният ҳамчун сафедкунии ҷиноят пеш аз содир шудани ҷиноят сурат мегирад ва пешбарии ангезаҳои хусусияти худсафедкунанда ҳам пеш аз содир шудани ҷиноят ва ҳам пас аз он имконпазир аст.

Дар мавриди мақсад ҳамчун хусусияти тарафи субъективии ҷиноят, он

"тасаввуроти инсон оид ба натиҷаи фаъолият ё натиҷаи хаёлӣ (ғоявӣ)» [146, с. 259-260], «ин тасаввурот оиди натиҷаҳои ҷиноятие мебошад, ки субъект барои ноил шудан ба он кӯшиш менамояд» [148, с. 117] мебошад. Дар ин ҳолат, мақсад танҳо дар сурати нишон додани он дар қонун унсури ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят аст. Дар таркиби роҳзанӣ он ба сифати аломати ҳатмӣ нишон дода шудааст. Ҳам ангеза ва ҳам мақсад нишондиҳандаҳои хоҳиши инсон барои ноил шудан ба чизе мебошанд ва ин нишондиҳандаҳо, ба назари мо, бо дараҷаи мушаххас кардани хоҳиши зикршуда фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, "ангеза як нияти дохилӣ аст, ки ҳанӯз ба объекти мушаххасе, ки онро қонеъ карда метавонад, равона карда нашудааст. Мақсад, баръакс, ин вазифаро иҷро мекунад: он нишон медиҳад, ки барои қонеъ кардани ангеза чӣ натиҷа бояд ба даст оварда шавад [63, с. 101]. Дар бораи ин ҷанба, Э. Ф. Побегайло қайд мекунад, ки " байни ангезаи ҷиноят ва мақсади ҷиноят робитаи дохилӣ ва органикӣ вуҷуд дорад. Раванди ҳавасмандкунӣ, яъне ташаккули ангезаи шахс, гузоштани мақсади муайянро дар бар мегирад. Мақсади ҷиноят дар оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ амалӣ мешавад» [97, с. 1061]. Дар адабиёти соҳавӣ инчунин, дуруст қайд карда мешавад, ки ангеза ва мақсад бо ҳам зич алоқаманд, ба ҳам вобасташуда буда, дар айни замон ҷанбаҳои гуногуни раванди иродаро тавсиф мекунанд: агар ангеза ба саволе ҷавоб диҳад, ки чаро шахс ин ё он кирдорро анҷом додааст, пас мақсад самти фаъолиятро муайян мекунад; агар ангеза фаҳмонад, ки чаро шахс ин корро кардааст, на ба таври дигар аз оне, ки ӯ дар ин кор роҳнамоӣ кардааст, пас мақсад мефаҳмонад, ки ӯ ин корро барои чӣ кардааст, бо ҳаракатҳои худ чӣ кор кардааст; агар ангеза сабаби субъективӣ, манбаи психологии ҷиноятро тавсиф кунад, пас мақсад самти ҳаракатҳои гунаҳгорро тавсиф мекунад [42, с. 62].

Ҳамин тариқ, ҳангоми роҳзанӣ дар гунаҳгор пеш аз содир кардани ҷиноят ангезаи ғаразнок ташаккул меебад, ки дар навбати худ мақсади ҷиноятро тасарруфи молу мулки ғайрро муайян мекунад. Ноил шудан ба

мақсад дар гирифтан ё ситонидани ғайриқонунии молу мулки ғайр ва ба манфиати худ ё шахсони сеюм табдил додани он амалӣ карда мешавад, бо вуҷуди ин, мақсади ғаразнок ва ангезаи ғаразнок аксар вақт амалан бо ҳам мувофиқат мекунанд.

А.И. Бойтсов бар ин назар аст, ки мақсади ғаразнок бояд ҳамчун "талош барои ба даст овардани фоидаи моддӣ аз ҳисоби гирифтани молу мулки ғайр, аммо на аз ҳисоби сарфаи беасоси молу мулки худ" фаҳмида шавад [26, с. 287].

Ба андешаи С. М. Кочой, мақсад аслан ғаразнок буда наметавонад ва ғараз ин ба таври истисно соҳаи ҳавасмандгардонӣ аст. Аммо, ба ақидаи ин муаллиф," ангеза аломати ҳатмии ҷиноятҳое нест, ки дар Кодекси ҷиноятии ФР тасарруф номида мешаванд". С.М. Кочои минбаъд менависад: "Албатта, ангезаи ғаразнок барои тасарруфи молу мулки ғайр хос аст, аммо дар асл, ҳангоми содир кардани чунин ҷиноят, гунаҳгор метавонад, бо дигар ангезаҳо, аз ҷумла бо ангезаҳои "хайрхоҳона" (кӯмак ба бенавоён, баргардонидани қарз ва ғайра) роҳнамоӣ кунад [57, с. 114].

Ба андешаи мо, чизи асосӣ дар бандубасти ҳаракатҳои гунаҳгор ҳамчун тасарруф ангезае нест, ки на танҳо ғаразнок бошад, балки мақсадест, ки дорошавии ғайриқонунӣ ва ба даст овардани фоида аз ҳисоби молу мулки ғайр мебошад.

Дар б.15 Қарори Пленуми суди Олии ҶТ аз 26 июни соли 2009 № 21 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ» қайд карда мешавад, ки: «куштор бо нияти ғаразнок бояд ҳамчун куштore банду баст карда шавад, ки бо мақсади ба даст овардани манфиати моддӣ барои гунаҳгор ё шахсони дигар (маблағ, молу мулк ё ҳуқуқи ба даст овардани он, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра) ё халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ (баргардонидани молу мулк, қарз, ҳаққи хизматрасонӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои молумулкӣ, пардохти алимент ва ғайра) содир шуда бошад» [9, с. 101]. Ва гарчанде ки қарори Пленуми Суди Олии ҶТ санади қонунгузорӣ нест, аммо

шарҳи зикршуда аз тафсири маъмулии назариявӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ оварда шудааст, ба таври назаррас фарқ мекунад, зеро он аз ҷониби мақомоти расмии давлатӣ, ки чунин шарҳ медиҳад, дода шудааст.

Чи тавре ки ишора намудем, дар қонун, таърифи ғараз ҳамчун ангеза вуҷуд надорад. Ба назари мо, ин мафҳуми ғараз ҳамчун ангеза бояд барои ҳамаи таркиби ҷиноятҳо якхела бошад, вагарна он норавшан хоҳад буд ва барои субъектони ҳуқуқтатбиқкунанда мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад. Чунин мафҳум, ба андешаи мо, бояд дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шавад, вагарна, тавре ки таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ нишон медиҳад, дар бандубасти кирдорҳои дахлдори ба ҷамъият хавфнок ихтилофҳо ногузиранд.

Пеш аз он ки хулосаҳои худро дар ин масъала баён кунем, номукаммалии тафсири тасарруфро дар эзоҳи 1 ба м. 244 КҶ ҶТ қайд мекунем, ки дар адабиётҳо борҳо ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Чунончи, ибораи калимаҳои "гирифтан ва (ё) ситонидани молумулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон" асоси ғаразро инъикос мекунанд ва аз ин рӯ, зарурати бори дигар ишора намудан ба калимаи "боғараз" ҷой надоранд. Ин дар гуфтаи як қатор муаллифон, аз ҷумла М. Г. Миненок ва Д. М. Миненок тасдиқ карда мешавад, ки ба мазмуни ангезаи ғараз хоҳиши ба даст овардани фоидаи шахсӣ, ки дар хоҳиши доро шудан аз ҳисоби ба тариқи ғайриқонунӣ гирифтани молу мулк ва талош барои таъмини манфиати молумулкӣ аз ҳисоби шахсони дигар ифода меёбад, дохил мешаванд [76, с. 113].

Дар робита ба ин, Б. С. Никифоров қайд кардааст, нисбати роҳзанӣ ҷой доштани аломати ғараз ҳатмӣ ҳисоб намешаванд. Ҷинояти роҳзаниро гунаҳгор метавонад, барои нобуд кардани молу мулки тасарруфгардида содир намояд [169, с. 26]. Дар ин бора А. Х. Юнусов навиштааст, ки масалан, "содир намудани ҷинояти роҳзанӣ бидуни ангезаҳои ғаразнокӣ дар ҳайати гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба шахсони ноболиғ хос аст"

[226, с. 88].

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ғараз бояд танҳо ҳамчун ангеза фаҳмида шавад, на ҳамчун мақсад ва вобаста ба ин дар таърифи қонунгузории тасарруф (эзоҳи 1 ба м. 244 КҶ ҶТ) мақсадро ҳамчун ғараз дар қонун нишон додан лозим нест. Ниҳоят, худи истилоҳи "ангезаи ғаразнок " бояд дар эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ тавзеҳ карда шавад, ки бо он ҷиноятҳои молумулкӣ оғоз мееёбанд, зеро ангезаи ғаразнок пеш аз ҳама барои ҷиноятҳои молумулкӣ хос аст. Ба ақидаи А. И. Рарог, ғаразнокӣ танҳо фоидаи молу мулкиро пешбинӣ мекунад [95, с. 141]. Бо чунин андеша комилан розӣ буда наметавонем, гарчанде ки эътироф накардан мушкил аст, ки маҳз фоидаимолу мулк асоси ғаразро ташкил медиҳад. Дар адабиёт нуқтаи назари сазовори дастгирӣ мавҷуд аст, ки мувофиқи он "таърифи ғаразнокӣ бояд аз доираи мафҳуми қонеъ кардани талаботҳои моддии худ берун равад, бояд фаҳмиши васеътар дошта бошад" [24, с. 165].

Таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо низ бояд ба назар гирифта шавад. Ҳамин тавр, дар КҶ Ҷумҳурии  Белорус нишон дода мешавад, ки "бо ниятҳои ғаразнок ангезаҳое фаҳмида мешаванд, ки бо хоҳиши аз ҷинояти содиршуда барои худ ё наздикон манфиати хусусияти молумулкӣ ё нияти халос кардани худ ё наздикон аз хароҷоти моддӣ тавсиф карда мешаванд " (м. 4 КҶ Ҷумҳурии Беларус) [16]. Аммо чунин тарзи баён як қатор нуқсонҳо дорад, аз ҷумла, қисми дуюми таъриф нолозим аст, зеро он бо мафҳуми "манфиати молу мулкӣ" фаро гирифта мешавад; маҳдуд кардани фоида танҳо бо фоидаи молу мулкӣ нодуруст аст; мантиқи он низ нофаҳмо аст, ки манфиати молу мулкӣ танҳо ба наздикони гунаҳгор (ба ғайр аз худи ӯ) маҳдуд карда мешавад, дар ҳоле ки, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, он ба шахсони дигар тааллуқ дорад (масалан, хоҳиши писанд омадан ба роҳбарон).

Ба андешаи мо, таърифи ангезаи ғаразнок дар ниҳоят метавонад, дар қонуни ҷиноятӣ чунин муқаррар карда шавад: "Таҳти мафҳуми бо ангезаи

ғаразнокӣ бояд хоҳиши ошкори гунаҳгор барои ба даст овардани фоидаи молумулкӣ ва дигар намуди фоидаи шахсӣ дар натиҷаи содир кардани ҷиноят фаҳмида шавад".

**Ҳамин тавр, тарафи субъективии роҳзаниро баррасӣ намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:**

1. Тарафи субъективии роҳзанӣ бо гуноҳ дар шакли қасд, дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

2. Таркиби асосии роҳзанӣ фаро расидани ягон оқибатро дар бар намегирад. Оқибат берун аз тарафи объективии кирдор қарор дорад ва муқаррар намудани муносибати руҳии субъект нисбати он талаб карда намешавад. Бинобар ин, қасди шахс ҳангоми роҳзанӣ танҳо бо дарк намудани хусусиятҳои кирдор маҳдуд мегардад, яъне гунаҳгор дар содир намудани роҳзанӣ дарк менамояд, ки зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯровариро амалӣ намуда истодааст ва мехоҳад чунин ҳаракатҳоро ба сифати воситаи ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё шахси дигар истифода барад. Ҷой доштани танҳо қасди бевосита ҳангоми содиршавии роҳзанӣ аз ҷумла бо ҳатмӣ будани мақсади ғаразнок асоснок мегардад.

3. Ғараз бояд танҳо ҳамчун ангеза фаҳмида шавад, на ҳамчун мақсад ва дар ин робита мо пешниҳодеро дастгирӣ мекунем, ки дар таърифи қонунгузории тасарруф (эзоҳи 1 ба м. 244 КҶ ҶТ) мақсадро ҳамчун ғараз дар қонун нишон додан лозим нест. Ниҳоят, худи истилоҳи "ангезаи ғаразнок " бояд дар эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ тавзеҳ карда шавад, ки бо он ҷиноятҳои молумулкӣ оғоз меёбанд, зеро ангезаи ғаразнок, пеш аз ҳама, барои ҷиноятҳои молумулкӣ хос аст.

4. Пешниҳод мешавад, ки  дар қонуни ҷиноятӣ таърифи ангезаи ғаразнок чунин муқаррар карда шавад: "Таҳти мафҳуми бо ангезаи ғаразнокӣ бояд хоҳиши ошкори гунаҳгор барои ба даст овардани фоидаи молумулкӣ ва дигар намуди фоидаи шахсӣ дар натиҷаи содир кардани

ҷиноят фаҳмида шавад".

**2.4. Субъекти роҳзанӣ**

Барои муайян намудани он ки кӣ метавонад субъекти ҷинояти роҳзанӣ бошад, зарур аст, ки мафҳум ва аломатҳои субъекти умумии ҷиноят кушода шаванд.

Субъекти ҷиноят дар маънои умумӣ – шахсест, ки ҷиноят содир кардааст. Дар маънои фаҳмиши нисбатан маҳдуд – ин шахсест, ки ҳангоми қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир кардани кирдори пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ, қобилияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданро дорад [69, с. 256]. Аз тамоми аломатҳои бешуморе, ки шахсияти ҷинояткорро тавсиф мекунанд, қонун танҳо аломатҳоеро ҷудо кардааст, ки қобилияти шахсро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан нишон медиҳанд.

Таърифи қонунгузории субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ оварда шудааст, ки дар он аломатҳои субъекти умумӣ муайян гардидааст. Дар моддаи мазкур зикр мешавад, ки: «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст» [6]. Аз ин меъёри зикршуда маълум мегардад, ки қонуни ҷиноятӣ барои субъекти ҷиноят эътироф намудани шахс як қатор аломатҳои умумии бо ҳам алоқамандро пешбинӣ намудааст: 1) шахси воқеӣ; 2) мукаллаф будан; 3) шахси ба синни қобилияти бурдани ҷавобгарии ҷиноятӣ расида.

Пеш аз ҳама, субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ, яъне инсон шуда метавонад. Мафҳуми шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муайян нашудааст. Кодекси мадании ҶТ бошад ба мафҳуми шахси воқеӣ – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрвандро дохил намудааст (қ.1 м.17).

Новобаста аз он ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳодҳое оид ба ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ мавҷуданд [81, с. 347-348], [30, с. 5-27], эътирофи шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ба

принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгориро талаб мекунанд, мутобиқат намекунад [38, с. 60]. Зеро дар паси мафҳуми «гунаҳгории коллективӣ»-и шахсони ҳуқуқӣ метавонанд гунаҳгорони воқеии ҷиноят пинҳон бошанд.

Ба андешаи Е.Л. Стрелтсов, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳо шартҳои ҳатмие мебошанд, ки ҳар гуна қарор дар сатҳҳои сиёсати ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ бояд бо онҳо мувофиқат намояд [131, с. 9].

Ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар низоми ба истилоҳ ҳуқуқи англо-амрикоӣ ва дар баъзе кишварҳои дигар (Фаронса, Ҷумҳурии Халқии Чин, Молдова ва ғайра) мавҷуд мебошад. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи мавҷудияти ин институт, тибқи хулосаи муҳаққиқон, аз мушкилоти зиёд ва самаранокии пасти татбиқи он шаҳодат медиҳад. Тавре Б.С. Никифоров ва Ф.М. Решетников қайд мекунанд, нисбати воқеияти чораҳое, ки нисбати корпоратсияҳо татбиқ мегарданд, шубҳаҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Зараре, ки аз ҷаримаи бар корпоратсияҳо гузошташуда ба миён меояд, аксаран ба дӯши саҳмдорони оддӣ вогузор мегардад, ки ба сӯиистифодаи шурои директорон ё кормандони дигари корпоратсия алоқае надоранд ё умуман бо он роҳ ҷуброн мешавад, ки хидматҳои баъд аз пардохти ҷарима пешниҳодшуда ба истеъмолкунандагон бо нархи гаронтар фурӯхта мешаванд [84, с. 54]. Н.Е. Крилова ва Г.В. Серебренникова низ дар ин робита зикр мекунанд, ки пас аз ҷорӣ шудани Кодекси нави ҷиноятии Фаронса танҳо чанд ҳолати ҷалби шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо ба шахсони ҳуқуқӣ танҳо ҷарима таъйин гардидааст ва дар қарорҳои суд маълум нест, ки суд шахсони воқеии содиркунандаи ҷиноятро муайян намудааст ё на [61, с. 130-131].

Як ҳолати муҳими дигар, ки аз ба мақсад мувофиқ набудани эътирофи шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят шаҳодат медиҳад, ин ғайриимкон будани татбиқи намудҳои ҷазоҳои хоси қонуни ҷиноятӣ нисбати онҳо мебошад. Тавре таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, имрӯз чораҳои

ҷавобгарии ҷиноятие, ки нисбати шахсони ҳуқуқӣ истифода мешаванд, аз чораҳои маъмурӣ, молиявӣ ё маданӣ-ҳуқуқӣ ҳеҷ фарқияте надоранд. Аз ин рӯ, зарурати изофабор кардани қонунгузории ҷиноятӣ бо субъектҳои нав ҷой надорад. Шахси ҳуқуқӣ метавонад барои ҷиноятҳои содиркардаи шахсони воқеии ҳайати худ ҷавобгарӣ дошта бошад, аммо ин ҷавобгарӣ на ҷиноятӣ, балки ҷавобгарии моддӣ, маъмурӣ, ахлоқӣ ва ғайра хоҳад буд.

Ба андешаи М.В. Семикин, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок аст, байни ду категория бояд фарқ гузошта шавад: субъекти ҷиноят ва субъекти ҷавобгарӣ барои ҷиноят. Аввалӣ шахси воқеиест, ки мустақиман ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дувумӣ бошад, мафҳуми васеътар буда, на танҳо шахси воқеиро, балки шахсони ҳуқуқиро низ ҳамчун субъектҳои дигар намудҳои ҷавобгарӣ (масалан, моддӣ ва интизомӣ) фаро мегирад. Тавре М.С. Семикин мисол меорад, дар ҳодисаи нақлиётӣ, корманде, ки воситаро идора намудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ мебарад, дар ҳоле ки худи корхонаи нақлиётӣ метавонад ба ҷавобгарии моддӣ кашида шавад ва роҳбарони он – ба ҷавобгарии интизомӣ [108, с. 132-133].

Барои кирдорҳои ҷиноятии ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ бошад, волидон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҷавобгарии моддӣ доранд. Ин механизм дар қонунгузории амалкунанда муддати тӯлонӣ вуҷуд дорад ва зарурати ворид кардани навъҳои нави субъектҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ нест [108, с. 133].

Аломати дигари субъекти ҷиноят ин мукаллаф будан ба ҳисоб меравад. Масъалаи мукаллафии шахсе, ки кирдори ҷиноятиро содир кардааст, барои тавсифи ҳам субъекти ҷиноят ва ҳам худи ҷиноят ва таркиби он дар маҷмӯъ аҳаммияти махсус дорад. Тавре ки В.Г. Павлов таъкид менамояд, мукаллафӣ на танҳо барои муайян кардани субъекти ҷиноят ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки барои тамоми таркиби ҷиноят низ аҳаммияти муҳим дорад, зеро дар сурати набудани ин аломатҳо ё яке аз онҳо субъект низ вуҷуд дошта наметавонад [87, с. 42].

Ба андешаи Қ. Х. Мирзоев «Муккалафӣ на танҳо шарти зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда, балки замина барои муқаррар кардани гунаҳкории ӯ низ ба ҳисоб меравад. Агар масъалаи мазкурро аз назари методологӣ баррасӣ намоем, пас дар асоси таълимот дар бораи озодии ирода мафҳуми мукаллафӣ меистад. Дорои қобилияти фикрронӣ буда, инсон бо руҳияи солим метавонад кирдори худро дуруст баҳогузорӣ намояд, инчунин тарзҳои гуногуни рафторро интихоб кунад, ки ба ангеза, талабот, мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошта мувофиқат менамоянд» [205, с. 90].

Мувофиқи қонуни амалкунанда оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, шахси номукаллаф наметавонад субъекти ҷиноят бошад. Дар ин робита роҳзанӣ аз дигар кирдорҳои ҷиноятӣ фарқ намекунад, бинобар ин баррасии муфассали номукаллафӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят зарур нест.

Синну сол ҳамчун аломати зарурӣ барои эътирофи шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намудааст, ҳамчун субъекти ҷиноят ва ҷалби ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Зери мафҳуми **синну сол** фосилаи муайяни замонӣ фаҳмида мешавад, ки ба марҳилаи мушаххаси ҳаёти инсон мувофиқат мекунад. Ба ҳар синну сол «мазмуни сифатӣ»-и хосе мутобиқ мебошад, ки дар худ хусусиятҳои тиббӣ-биологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳуқуқии шахсро инъикос менамояд [206, с. 17].

Аз ин рӯ, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ низ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Қобилияти шахс барои дарк кардани аҳаммият ва моҳияти воқеии кирдори худ аз лаҳзаи расидан ба сатҳи муайяни камолоти иҷтимоӣ пайдо мегардад. Чунин қобилият бо расидан ба синну соли муайян алоқаманд мебошад.

Синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ оғоз мегардад, мувофиқи қ.1 м. 23 КҶ ҶТ, тибқи қоидаи умумӣ аз лаҳзаи ба синни шонздаҳсолагӣ расидани шахс муқаррар шудааст. Ин синну солро синни умумии

ҷавобгарии ҷиноятӣ меноманд.

Дар қ. 2-и м. 23 КҶ ҶТ муқаррароти дигаре низ ҷой дорад, ки аломатҳои дар м.22 КҶ ҶТ нишондодашударо мушаххас мегардонад.

Яъне дар он номгӯйи ҷиноятҳое оварда шудааст, ки ҷавобгарӣ барои содир кардани онҳо аз 14-солагӣ фаро мерасад. Ба ин шумора қонунгузор ҷинояти роҳзаниро низ шомил намудааст. Қонунгузор ба инобат мегирад, ки шахс аз синни 14-солагӣ қобилияти дарки моҳияти ҷиноят ва идроки оқибатҳои хавфноки он барои ҷомеаро дорад. Аз ин рӯ, пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз ҳамин синну сол ҳамчун як тадбири зарурии ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва давлат маънидод мешавад [119, с. 170].

Сабаби асосии паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои муайян дар он аст, ки хатарнокии ҷамъиятии чунин ҷиноятҳо ба назар равшан буда, барои наврасон осон фаҳмида мешавад. Дар ин робита дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки шахс дар синни чордаҳсолагӣ мазмун ва аҳаммияти танҳо он ҷиноятҳоеро дарк мекунад, ки бо ҳаёти рӯзмарра, муносибатҳои оддии байни одамон, шахс ва ҷомеа зич алоқаманданд. Зарурати худдорӣ аз содир кардани чунин амалҳо аз ҷониби наврасон нисбатан зуд ва ба осонӣ омӯхта мешавад [70, с. 26]. Аз хурдсолӣ ба шахс таълим медиҳанд, ки бидуни иҷозат молу мулки дигаронро нагирад ва ба саломатии шахси дигар зарар нарасонад. Аз ин рӯ, роҳзанӣ ба гурӯҳи кирдорҳои ба осонӣ даркшаванда мансуб аст ва маҳз бо ҳамин сабаб қонунгузор синни пасттари ҷавобгарии ҷиноятиро барои роҳзанӣ – аз чордаҳсолагӣ муқаррар намудааст.

Ҳангоми муайян кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, бешубҳа, сатҳи нисбатан баланди паҳншавии ин ҷиноят дар миёни ноболиғон низ ба назар гирифта шудааст. Як идда муаллифон бар ин назаранд, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро бояд поин бурд. Чунончи, В.Г. Павлов пешниҳод менамояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани роҳзанӣ бояд дар қонуни ҷиноятӣ аз синни 13-солагӣ пешбинӣ карда шавад.

Ин пешниҳодро ӯ бо вазъи мураккаби криминогенӣ дар кишвар, ки солҳои охир ба назар мерасад, инчунин афзоиши ҷинояткорӣ дар миёни ноболиғон ва хусусан наврасон асоснок менамояд. Ба ақидаи ӯ, чунин вазъият аз сатҳи баланди сироятёбии насли наврас ва ҷомеа ба ҷинояткорӣ шаҳодат медиҳад [87, с. 34]. Ин мавқеъ дар назари аввал қобили дастгирист.

Аммо бояд қайд кард, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мавҷудияти сатҳи кофии инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ зарур аст, ки қобилияти дарк намудани хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракати содиршаванда (ё беҳаракатӣ) ва идора кардани кирдорҳои худро муайян мекунад [101, с. 346]. Таҳқиқоти муосир дар соҳаи психологияи синнусолӣ ва педагогӣ таъкид менамоянд, ки танҳо то синни 14-солагӣ дар ноболиғон тафаккури абстрактӣ ба марҳилаи ташаккулёбӣ оғоз менамояд.

Тавре ки Л.М. Прозументов бо далели қотеъ қайд намудааст, ҷонибдорони паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ имконияти дарки масъулияти шахсони 12-13-соларо барои кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок мавриди таҳлили амиқ қарор намедиҳанд. Дар ҳоле ки масъулият ҳамчун шакли иҷтимоии таъсиррасонӣ ба рафтори инсонҳо чунин шакли абстрактие мебошад, ки дар синни барвақти наврасӣ дуруст дарк намегардад [94, с. 24].

Қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз 14-солагӣ, бешак, дуруст ба назар гирифтааст, ки маҳз дар ҳамин синну сол давраи ба ном гузариш дар ҳаёти инсон ба анҷом мерасад ва он бо камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс алоқаманд буда, шахсияти наврас ташаккул меёбад. Маҳз бо расидан ба синни 14-солагӣ рушди иҷтимоии ноболиғ ба он дараҷае мерасад, ки ӯ қобилияти дарк намудани на танҳо мазмун ва хавфнокии ҷамъиятии баъзе ҷиноятҳо, балки моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро низ пайдо мекунад.

Дар амалия гоҳе масъалаи дуруст муайян намудани кирдори наврасони 14-15-солае, ки бо роҳи зӯроварии ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок молу ашёи

дорои арзиши махсуси таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё фарҳангиро тасарруф менамоянд, ба миён меоянд. Ҷинояти тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус (м.251 КҶ ҶТ) ба номгӯи ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо аз синни 14-солагӣ пешбинӣ шудааст, дохил карда нашудааст. Бинобар ин, тасарруфи чунин молу ашёе, ки аз ҷониби наврасони 14-15-сола дар шакли роҳзанӣ содир гардидааст, бояд тибқи м. 249 КҶ ҶТ ҳамчун роҳзанӣ бандубаст карда шавад [192, с. 99].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар давраҳои гуногуни таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва самтҳои сиёсати ҷиноятии давлат аз ҷониби қонунгузор ба таври гуногун муайян гардидааст. Масалан, Декрети ШКХ ҶШФСР аз 14 январи соли 1918 «Дар бораи комиссияҳо барои ноболиғоне» [106, с. 21], синни ҷавобгарии ҷиноятиро аз 17-солагӣ пешбинӣ намуда буд. Аммо Декрети ШКХ ҶШФСР аз 4 марти соли 1920 «Дар бораи парвандаҳои ноболиғоне, ки дар содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок айбдор мешаванд» [106, с. 67], синни ҷавобгарии ҷиноятиро то 14-солагӣ поин овард. КҶ ҶШФСР-и солҳои 1922 [106, с. 118], ва 1926 (дар таҳрири ибтидоӣ) низ синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро аз 14-солагӣ муқаррар карда буданд [106, с. 265].

7 апрели соли 1935 бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи чораҳои мубориза бо ҷинояткории ноболиғон» пешбинӣ гардид, ки «ноболиғоне, ки аз синни 12-солагӣ сар карда дар содир намудани дуздӣ, истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари ҷисмонӣ, маъюбсозӣ, куштор ё сӯиқасд ба куштор гунаҳгор дониста мешаванд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, нисбати онҳо тамоми чораҳои ҷазои ҷиноятӣ татбиқ карда шаванд» [106, с. 382]. Дар қарори мазкур роҳзанӣ бевосита номбар нашудааст, вале ҷавобгарӣ барои истифодаи зӯроварӣ таъкид гардида буд. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои роҳзанӣ ҳамчун тасарруфи бо зӯроварӣ

алоқаманд,ноболиғон метавонанд аз синни 12-солагӣ низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд [90, с. 444].

Албатта, паст намудани синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои муайянро на танҳо бо хусусияти таъқибнамоии фаъолияти ҳокимияти шуравӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бояд алоқаманд намуд. Ҳатто дар таҳқиқоти илмии муосир ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва педагогҳо таъкид мекунанд, ки наврас ҳангоми ба синни 12-13-солагӣ расидан воқеан метавонад рафтору кирдори худро бо огоҳии комил ва ба таври санҷидашуда баҳогузорӣ намуда, дар шароити воқеӣ интихоби тарзи рафтор ва кирдори худро дар як андоза пешбинӣ ва муайян намояд [70, с. 31-33].

Дар мавриди КҶ ҶТ бояд қайд кард, ки муқаррар намудани синну соле, ки аз он ҷавобгарӣ барои содир кардани роҳзанӣ мувофиқи якчанд моддаҳои Қисми махсуси Кодекс фаро мерасад, номувофиқии муайянеро нишон медиҳад. Аз ҷумла, мувофиқи қ.2 м.23 КҶ ҶТ, шахсоне, ки ҷиноятро дар синни аз чордаҳ то шонздаҳсолагӣ содир мекунанд, танҳо барои роҳзание, ки м.199, м.202 ва м.249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Нисбати дигар ҷиноятҳое, ки мумкин аст бо роҳзанӣ алоқаманд бошанд, масалан **м. 194. Тасарруфи маводи радиоактивӣ (б «б» қ.3), м. 202(2) Тасарруфи прекурсорҳо (б «в» қ.3)** ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо аз синни шонздаҳсолагӣ оғоз мегардад. Чунин вазъиятро ба таври мантиқӣ ва мақсаднок арзёбӣ кардан мушкил аст, зеро хавфнокии ҷамъиятии роҳзанӣ асосан на ба он вобаста аст, ки шахси гунаҳгор кадом ашёро тасарруф мекунад ё мехоҳад тасарруф кунад, балки ба усули содир кардани ин ҷиноят – бо истифода аз зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст, вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, муқаррар намудани синну соли гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои амалан якхела ба принсипи криминализатсия, бахусус ба принсипи мутобиқати низомию ҳуқуқӣ мухолифат дорад.

Дар ин робита пешниҳод мешавад, ки қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ тағйир дода шуда, ба чунин номгӯй м.194 ва м.202.2 КҶ ҶТ илова карда шаванд.

**Ҳамин тавр, субъекти роҳзаниро баррасӣ намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:**

1. Ба сифати субъекти роҳзанӣ шахси воқеии мукаллафе баромад карда метавонад, ки ба синни 14- солагӣ расида бошад.

2. Қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз 14-солагӣ, бешак, дуруст ба назар гирифтааст, ки маҳз дар ҳамин синну сол давраи ба ном гузариш дар ҳаёти инсон ба анҷом мерасад, ки бо камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс алоқаманд буда, шахсияти наврас ташаккул меёбад. Маҳз бо расидан ба синни 14-солагӣ рушди иҷтимоии ноболиғ ба он дараҷае мерасад, ки ӯ қобилияти дарк намудани на танҳо мазмун ва хавфнокии ҷамъиятии баъзе ҷиноятҳо, балки моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро низ пайдо мекунад.

3. Нисбати дигар ҷиноятҳое, ки мумкин аст бо роҳзанӣ алоқаманд бошанд, масалан **м. 194. Тасарруфи маводи радиоактивӣ (б «б» қ.3), м. 202(2) Тасарруфи прекурсорҳо (б «в» қ.3)** ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо аз синни шонздаҳсолагӣ оғоз мегардад. Чунин вазъиятро ба таври мантиқӣ ва мақсаднок арзёбӣ кардан мушкил аст, зеро хавфнокии ҷамъиятии роҳзанӣ асосан на ба он вобаста аст, ки шахси гунаҳгор кадом ашёро тасарруф мекунад ё мехоҳад тасарруф кунад, балки ба усули содир кардани ин ҷиноят - бо истифода аз зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст, вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, муқаррар намудани синну соли гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои амалан якхела ба принсипи криминализатсия, бахусус ба принсипи мутобиқати низомию ҳуқуқӣ мухолифат дорад. Дар ин робита пешниҳод мешавад, ки қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ тағйир дода шуда, ба чунин номгӯй м.194 ва м.202.2 КҶ ҶТ илова карда шаванд.

## БОБИ 3. БАНДУБАСТИ РОҲЗАНӢ ДАР НАЗАРИЯИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ, АМАЛИЯИ ТАФТИШОТӢ ВА СУДӢ

### 3.1. Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таркиби ҷиноятҳо одатан ба таркибҳои асосӣ ва бо аломатҳои вазнинкунанда ҷудо карда мешаванд.

Таркиби ҷиноят бо аломатҳои вазнинкунанда намуди таркиби асосӣ ба ҳисоб рафта, вале дар фарқият аз он дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки ба хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятӣ дар таркиби асосӣ муқарраршударо зиёд мегардонад. Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноят дар қисмҳои мустақили моддаҳои қисми махсуси КҶ мустаҳкам шудаанд [133, с. 96].

Аломатҳои вазнинкунанда дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи фарқкунии ҷавобгарӣ истифода мешаванд. Бо ёрии онҳо андозаи ҷавобгарӣ танзим гардида, ҳадди ҷазодиҳӣ муайян карда мешавад. Санксияҳои қисмҳои дахлдори моддаҳо ҳамчун меъёр барои баланд бардоштани дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдор хизмат мекунанд – барои содир кардани ҷинояти бо аломатҳои вазнинкунанда нисбат ба ҷинояти асосӣ ҷазои сахттар муқаррар мешавад.

Тибқи қ.2 м.249 КҶ ҶТ аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ ҳисоб мешаванд: «а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо» [6] содир намудани роҳзанӣ.

Ба сифати аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.249 КҶ ҶТ аввал **такроран** содир намудани роҳзанӣ номбар шудааст.

Такроран содир намудани ҷиноят ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо барои роҳзанӣ, балки нисбати дигар шаклҳои тасарруф низ хос мебошад. Мафҳуми умумии такрорӣ дар м.19 КҶ ҶТ ҳамчун «кирдоре эътироф шудааст, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст» [6]. Барои муқаррар намудани ҷой доштан ё надоштани такрорӣ муайян

намудани аломатҳои зерини он зарур мебошад: шахс бояд ду ва ё зиёда кирдори ба ҳам монандро содир намояд; ҳар яке аз кирдорҳо бояд сазовори ҷазо бошад; ҳар як аз ҷинояти содир шуда бояд таркиби алоҳидаи ҷиноятро ташкил диҳад; ҳангоми такрорӣ доғи судӣ бояд барои ҷиноят қаблан содиршуда барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад; шахс набояд барои ҷинояти қаблан содирнамудааш аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад. Аломати такроран содир намудани ҷиноят новобаста аз он татбиқ мешавад, ки гунаҳгор қаблан ҷинояти хотимаёфта ё суиқасд ба ҷиноят содир карда бошад, инчунин новобаста аз нақши ӯ дар ҷиноят ҳамчун иҷрокунанда ё шарики дигар.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ такрорӣ ҷиноятро танҳо кирдорҳое ташкил дода метавонанд, ки  дар ҳамон як модда ё қисми моддаи КҶ ҶТ муқаррар шуда бошанд, вале қ. 2 м. 19 КҶ ҶТ муқаррароти дигареро пешбинӣ месозад, ки мутобиқи он «содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи ҳамин Кодекс пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр гардида бошад» [6].

Яке аз чунин ҳолатҳо дар қ.3 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ҷой дошта мутобиқи он: «Таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 244–251, 254 ва 257 ҳамин Кодекс ҷинояте дар назар дошта шудааст, ки агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 ҳамин Кодекс пешбинишуда, содир шуда бошад» [6]. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки  аломати такрориро дар тасарруф ҳам кирдорҳои монанд (содир намудани ду роҳзанӣ) ва ҳам якхела ( масалан, қаллобӣ ва роҳзанӣ) ташкил дода метавонанд. Ғайр аз ин, ҳангоми такроран эътироф намудани роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳои дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ номбаршуда қаблан содир шудани ҷиноятҳои бандитизм, тасарруфи маводи радиоактивӣ, тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш, тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё

ҳаммонанди (аналоги) онҳо ба назар гирифта мешаванд.

Новобаста аз ҷой доштани мафҳум ва аломатҳои такрорӣ дар КҶ ҶТ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсҳои зиёд оид ба мушкилоти татбиқ намудани ин аломат, ҷудо намудани он аз шаклҳои дигари сершумории ҷиноятҳо дар амал изҳори назар мешавад.

Аз ҷумла, дар масъалаи фарқ кардани такрорӣ ва ретсидиви ҷиноят баъзе мушкилот ҷой дорад. Яке аз сабабҳои чунин ҳолат аз он иборат аст, ки қонунгузор доираи такрорӣ ҷиноятро ба монандӣ ретсидив, аз ҷумла бо доштани доғи судӣ, маҳдуд месозад. Зеро мутобиқи қ.3 м.19 КҶ ҶТ «Ҷиноят такрорӣ эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо барҳам хӯрда ё бардошта шудааст» [6]. Ҳамин тавр, дар қонун нишон дода шудани доғи судӣ то андозае сарҳади байни такрорӣ ва ретсидивро аз байн мебарад.

Барои бартараф намудани чунин ҳолат дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки аломати такрорӣ набояд бо доғи судӣ вобаста карда шавад [208, с. 13].

Дар адабиёт пешниҳодҳои гуногун барои такмил додани институти такроран содир намудани ҷиноят дар робита ба роҳзанӣ пешниҳод гардидааст. Масалан, Е.И. Майорова бар он назар аст, ки роҳзанӣ бидуни асосҳои кофӣ ба б. 3 эзоҳи м. 158 КҶ ФР ( м.244 КҶ ҶТ) ворид карда шудааст, зеро он шакли хатарноктарини тасарруф маҳсуб мегардад. Аз ин рӯй, ӯ пешниҳод менамояд, ки ин ҷиноят аз номгӯйи зикршуда хориҷ карда шавад ва м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) бо эзоҳ пурра гардад, ки мутобиқи он такроран содир намудани ҷиноят дар доираи ин модда ҳолатест, ки агар пеш аз он як ё якчанд ҷиноятҳои пешбининамудаи м.162 (Роҳзанӣ) ва 209 КҶ ФР (Бандитизм) содир шуда бошанд [203, с. 20-21].

Бо ин роҳ, муаллиф дар асл пешниҳод мекунад, ки ба ҳолати ҳуқуқие, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 мавҷуд буд, баргардем. Он вақт м.156

КҶ ҶШС Тоҷикистон ҳамчун ҳолати вазнинкунанда роҳзанӣ қаблан содир намудани чунин ҷиноят ё бандитизмро пешбинӣ мекард. Вале ҳангоми қабули КҶ ҶТ соли 1998 қонунгузор аз чунин шакли аломати вазнинкунанда бо назардошти он ки ҷудо кардани шакли махсуси такрорӣ нисбат ба роҳзанӣ зарурате надорад, даст кашид. Аз ин рӯйи пешниҳоди Е.И. Майорова қобили қабул дониста намешавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми татбиқи аломати вазнинкунандаи мавриди назар як қатор мушкилот ба миён меоянд. Аз ҷумла, аксар вақт масъалаи фарқгузорӣ ё муттаҳидсозии ду аломати вазнинкунандаи тасарруф, ки бо доғи судӣ ва такрории оддӣ алоқамананданд, ба миён меояд. Ин бо он вобаста аст, ки қонунгузор байни мафҳумҳои такрори ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят рақобатро эҷод кардааст.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё суд дар ҳолати мавҷуд будани доғи судии қаблӣ бояд талаботи м.66 КҶ ҶТ-ро дар хусуси пурзур намудани ҷазо ба инобат мегирад ё не?

Ғайр аз ин, қоидаҳои бандубаст, ки дар б. 4 м. 19 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, шахсони ҷиноятҳои монанди дар як қисми моддаи КҶ пешбинишуда ва шахсони ҷиноятҳои хелии дар қисмҳои гуногун ва моддаҳои гуногуни КҶ муқарраршуда содиркардаро дар мавқеи нобаробар қарор медиҳанд.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №3 низ тавзеҳ дода шудааст, ки «Дар ҳолатҳое ки, агар шахс якчанд тасарруфи молу мулки ғайрро дар шаклҳои гуногун содир карда бошад (масалан, дуздӣ ва ғоратгарӣ) ё якчанд дуздиҳо, қаллобиҳо, ғоратгариҳо ё роҳзаниҳо содир карда бошад, ки мувофиқан бо қисмҳои гуногуни м.м. 244, 247, 248, 249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванду барои онҳо шахс маҳкум карда нашудааст, ҳаракатҳои содиршуда маҷмуи ҷиноятҳои зикршударо ташкил медиҳад. Дар ин маврид ҷиноятҳои дуюм ва баъдан аз рӯйи вақти лаҳзаҳо содиршуда низ бо нишонаи «такроран» бандубаст карда мешаванд» [9, с. 39].

Ҳамин тариқ, шахсе, ки ду ва ё зиёда ҷинояти роҳзаниро бе аломатҳои вазнинкунанда содир кардааст, мувофиқи б. «а» қ.2 м. 249 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, зеро чунин кирдорҳо маҷмуи ҷиноятҳоро ташкил намедиҳанд ва ҷазо дар доираи як санксия таъин карда мешавад. Вале дар ҳолатҳое, ки шахс якчанд шаклҳои гуногуни тасарруфро (масалан, қаллобӣ ва роҳзанӣ) ё якчанд роҳзаниро, ки мувофиқи қисҳои гуногуни м. 249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд, содир мекунад, кирдорҳои содиршуда маҷмуи ҷиноятҳоро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, лаҳзаҳои дуюм ва минбаъдаи ҷиноятҳо инчунин бо аломати «такрорӣ» бандубаст мегарданд.

Тавре ки Т.Г. Черненко бамаврид таъкид менамояд, дар ин ҳолат «дар сатҳи қонунгузорӣ» поймолшавии равшани принсипи адолат ба назар мерасад [223, с. 22].

Қ.Ҳ. Мирзоев низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, андеша дорад, ки: «ҳам аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран содир намудани ҷиноят банду баст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ халалдор гаштани принсипи адолат ба назар мерасад. Зеро ҳамон як кирдори содир намудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ.2 м.8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки б.3. эзоҳи м.244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо банду баст карда шавад» [205, с. 104].

Ба адешаи мо, муайян намудани ҷавобгарии пурзӯр барои такроран содир намудани ҷиноят, аз ҷумла дар ҳолати роҳзанӣ бешубҳа ба он асос ёфтааст, ки шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, хавфнокии бештари ҷамъиятӣ доранд, зеро майли устувори онҳоро ба содир намудани ҷиноят нишон медиҳанд. Аммо, бо назардошти он ки асоси пурзӯр

намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо асосан ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста аст, на ба худи кирдор, мақсаднок ба назар мерасад, ки ин аломати вазнинкунанда аз м. 249 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

**Яке аз аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ содир намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мебошад, ки дар б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.**

Мутобиқи қ.3 м.39 КҶ ҶТ «Ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд» [5].

Вобаста ба таърифи зикршуда якчанд аломатҳои шакли мазкури шарикӣ дар ҷиноятро ҷудо намудан мумкин аст.

**Якум, ҷой доштани гурӯҳи шахсон.** Ба сифати аломати ҳатмии гурӯҳи шахсон ҳадди ақал ҷой доштани ду ҳамиҷрокунанда зарур мебошад. Ҳамиҷрокунандагон шахсоне ҳисоб мешаванд, ки пурра ё қисман тарафи объективии ҷиноятро иҷро карда бошанд. Бинобар ин, мутобиқи б.12 тавзеҳи Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 – уми июни соли 2004, таҳти №3: «Ҳаракатҳои шахсе, ки дар тасарруфи молу мулки ғайр бевосита иштирок накардаасту вале бо маслиҳату дастурҳояш ё бо пешакӣ ваъда додани пинҳонсозии осори ҷиноят, бартарафкунии монеаҳои бо расонидани ёрӣ ба иҷрокунандагони бевоситаи ҷиноят алоқаманд набуда, ба сохибияти каси дигар додани молу мулки тасарруфшуда ва ғайраҳо дар содиршавии ин ҷиноят ёрдам додааст, бояд дар шакли ёрдамчигӣ чун ҳамиштирокчӣ дар ҳаракати содиршуда, бо ҳавола ба қисми 5 моддаи 35 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст карда шавад» [9, с. 37].

Албатта, иштирокчиёни роҳзанӣ, ки гурӯҳӣ содир шудааст, метавонанд миёни худ тақсими нақшҳо дошта бошанд, зеро тарафи объективии ин ҷиноят хусусияти мураккаб дорад. Вале чунин тақсимот бояд дар доираи

тарафи объективӣ хусусияти «техникӣ» дошта, ба бандубасти кирдори содиршуда таъсир нарасонад [26, с. 425].

Масалан, ҳангоми содир шудани роҳзанӣ, яке аз иҷрокунандагон метавонад нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ (ҷисмонӣ ё равонӣ) истифода барад, дар ҳоле ки дигаре дар ҳамин вақт молу мулки ӯро кашида мегирад.

Ҳангоми содир шудани роҳзанӣ, ки бо воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, бино ё анборхона алоқаманд аст, яке аз ҷинояткорон метавонад барои шикастани дар ё бартараф намудани монеаҳо машғул шавад, дигаре нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ истифода барад, дар ҳоле ки шахси сеюм молу мулкро аз худ менамояд. Кирдори ҳамаи ин шахсон, ки бо нияти ҷиноятӣ, ягонагии макон ва замони содиршавии ҷиноят муттаҳид шудаанд, иҷрои бевоситаи роҳзаниро ташкил медиҳад, зеро ҳар кадоми онҳо дар татбиқи тарафи объективии ин ҷиноят саҳмгузор мебошанд [167, с. 33-34].

Ғайр аз ин, бояд дар назар дошта, ки мутобиқи б.13 Қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ №3 «гурӯҳи шахсонро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номуккалаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст, ҳуқуқан, яъне аз нуктаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гурӯҳ дохил шуда наметавонанд, гарчанде ки онҳо амалан дар тасарруфи мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам» [8, с. 38].

Дуюм, ҷой доштани маслиҳат байни аъзоёни гурӯҳ.

Маслиҳати пешакӣ барои якҷоя содир намудани ҷиноят метавонад дар ҳар марҳилаи пеш аз оғози он ба даст оварда шавад. Чунин мувофиқа метавонад хеле пеш аз содир шудани ҷиноят ё бевосита пеш аз он ба вуҷуд ояд, вале ҳатман бояд то лаҳзаи сӯиқасд ба содир кардани ҷиноят ба даст омада бошад [132, с. 233], зеро қонун бидуни муайян кардани ҳадди вақти он, танҳо ба худи факти пешакӣ маслиҳат кардан ишора намудааст.

Лаҳзаи оғози чунин маслиҳатро он вақте меҳисобанд, ки гунаҳгор

имконияти воқеии оғоз кардани ҳаракатеро дорад, ки тарафи объективии ҷиноятро ташкил медиҳад. Ин лаҳза одатан ба марҳилаи тайёрӣ ба роҳзанӣ рост меояд [186, с. 83].

Тибқи шарҳи б.10 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3: «Маслиҳат дар мавриде пешакӣ кардашуда ҳисобида мешавад, ки то саршавии тасарруф, дар давоми тайёрӣ ба он ё бевосита пеш аз сӯйиқасд доир гардида бошад. Фосилаи вақти байни маслиҳат ва саршавии тасарруфи молу мулки ғайр аҳаммият надорад» [9, с. 37].

Барои татбиқи аломати вазнинкунандаи мазкур зарур аст, ки гурӯҳи шахсон тибқи маслиҳати пешакӣ хусусияти як карата дошта бошад, яъне танҳо бо мақсади содир кардани як ҷиноят ташкил шуда бошад. Пас аз содир шудани ҷиноят чунин гурӯҳ фаъолияташро қатъ мекунад ва ҳамзамон иштироки якҷойи аъзои он низ ба анҷом мерасад.

Барои он ки роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф гардад, зарур аст, ки муҳтавои чунин маслиҳат мушаххас бошад, яъне дар маслиҳат бояд созиши гунаҳгорон оид ба содир намудани ҳуҷуми муштарак бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок мебошад, ифода ёфта бошад. Ё ин ки маслиҳат ба таври умумӣ созиши тарафҳоро дар бораи содир намудани ҷиноят фаро гирад. Дар ин ҳолат, зарур аст, ки гунаҳгорон ҳангоми маслиҳат имкон доштани истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро нисбати ҷабрдида пешбинӣ карда, сипас (дар ҷараёни содир намудани ҷиноят) ин маслиҳатро бо роҳи созиши мушаххас дар бораи истифодаи чунин тарзи тасарруфи молу мулк дақиқ намоянд.

Ҳ.Ш., аз рӯи маслиҳати пешаки, бо таклифи И.Д., бо мақсади содир намудани ҷинояти роҳзанӣ, яъне хуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварӣ, сараввал ӯ аз пеш ба тарафи ҷабрдида Ш.Ҷ. ҳуҷум карда, бо пояш ба рӯи вай зарба зада, ҳамзамон И.Д. аз пушти

ҷабрдида Ш.Д., ҳуҷум карда, бо даст ва пояш ба қисмати сари ҷабрдида зарбаҳои ҷисмонӣ задааст. Дар натиҷа ҷабрдида Ш.Д., ба саломатиаш ҷароҳати ҷисмонии миёна бардошта, ба замин афтидааст. Сипас И.Д., молу мулки ҷабрдида Ш.Д., як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг Гелекси С-3» арзишаш 500 (панҷсад) сомонӣ ва 17 (ҳабдаҳ) сомонӣ маблағи пулиро аз ҷайби вай тасарруф намуда, якҷоя аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд.

Суд шаҳрвандони мазкурро, бо б «б» қ.2 м. 249 КҶ ҶТ, гунаҳгор дониста ба ҳар кадом ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 (даҳ) сол бо нигоҳ доштан дар колонияҳоиислоҳии дорои низомаш пурзӯр таъин намудааст [232].

Дар амалия метавонанд ҳолатҳое ба миён оянд, ки ду ё зиёда нафар барои содир намудани ҷинояти дуздӣ маслиҳат намудаанд, вале дар ҷараёни иҷрои он яке аз иштирокчиён, бе ризоияти дигарон нисбат ба ҷабрдида бо мақсади тасарруфи молу мулк зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнокро истифода кардааст, ҳарчанд дар маслиҳати пешакӣ истифодаи чунин зӯроварӣ пешбинӣ нашуда буд ва онро қасди дигар аъзои гурӯҳ дар бар намегирифт.

Дар чунин ҳолатҳо роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф намешавад ва ҳаракати гунаҳгорон бояд ба таври алоҳида бандубаст карда шавад: ҳаракати шахсе, ки зӯроварӣ истифода намудааст, ҳамчун роҳзанӣ бидуни аломатҳои вазнинкунанда ва ҳаракати иштирокчиёни дигари гурӯҳ ҳамчун дуздӣ ё сӯиқасд ба дуздӣ (вобаста ба он, ки гунаҳгорон молу мулкро тасарруф карда тавонистаанд ё не), ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, бояд арзёбӣ шавад. Дар чунин ҳолатҳо ифроти (экссесс) иҷрокунандаи ҷиноят аз ҷониби яке аз иштирокчиёни гурӯҳ мавҷуд мебошад [193, с. 87].

Қонун шаклҳои мушаххаси маслиҳати пешакиро муайян накардааст ва онҳоро ба ягон шакли муайян маҳдуд намекунад. Муайян намудани муҳтавои маслиҳати пешакӣ бештар аз тарзу усулҳои ифодаи он вобаста аст.

Маслиҳати пешакӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла ба таври шифоҳӣ, хаттӣ, бо имову ишора ё амалҳои рамзӣ сурат гирад. Ҳамзамон, истифодаи якчанд шаклҳои маслиҳати пешакӣ низ имконпазир аст, масалан, омезиши гуфтугӯ бо имову ишора. Аз ин лиҳоз, шакли маслиҳати пешакӣ барои бандубасти ҳуқуқии кирдори гунаҳгорон аҳаммият надорад.

Ҳамин тавр, аломатҳои гурӯҳи шахсоне, ки роҳзаниро бо маслиҳати пешакӣ содир намудаанд, чунин мебошанд: **аломати миқдорӣ** – иштироки ду ё зиёда нафар; **маслиҳати пешакӣ** – созиши иштирокчиён оид ба содир намудани ҷиноят қабл аз оғози он; **якҷоя содир намудани ҷиноят** – амалӣ намудани тарафи объективии ҷиноят тавассути иштироки якҷояи иштирокчиёни гурӯҳ.

Дар робита бо ин бояд зикр намуд, ки байни ҳамиҷрокунандагон, ки бо маслиҳати пешакӣ амал мекунанд (ки дар амалия чунин ҳолатҳо аксар вақт рух медиҳанд) ва ҳамиҷрокунандагоне, ки бидуни маслиҳати пешакӣ амал мекунанд (қ.1 м. 39 КҶ ҶТ), фарқияти калон ҷой надорад. Вале м.249 КҶ ҶТ байни онҳо фарқияти ҷиддӣ мегузорад: агар роҳзанӣ бидуни маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, он мувофиқи қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, дар ҳоле ки агар он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, мувофиқи қ.2 моддаи мазкур бандубаст меёбад, ки ҷазои пешбиникардаи онҳо фарқи назаррас доранд.

Дар адабиёти илмӣ аллакай андеша изҳор шудааст, ки муқаррар кардани ҷазоҳои ба таври назаррас гуногун дар қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба он, ки ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ ё бе он содир шудааст, ғайримақсаднок ва беасос мебошад [196, с. 150]. Ин мушкилот пурра ба аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ дахл дорад, зеро барои ҷабрдида, ки бо гурӯҳи ҷинояткорон рӯ ба рӯ шудааст, аҳаммият надорад, ки онҳо бо маслиҳати пешакӣ амал кардаанд ё не – ӯ дар ҳар сурат онҳоро ҳамчун таҳдиди нисбатан хавфнок қабул менамояд.

Дар ин замина ба андешаи мо, ҳамчун аломати вазнинкунанда дар

**таркиби ҷинояти роҳзанӣ на танҳо содир намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, балки содир кардани он аз ҷониби ҳар гуна гурӯҳи шахсон, ҳам бе маслиҳати пешакӣ ва ҳам бо маслиҳати пешакӣ - бояд пешбинӣ карда шавад.**

Чунин муносибат ба эътирофи аломати вазнинкунандаи ҷиноят ҳамчун содир намудани он аз ҷониби ҳар гуна гурӯҳи шахсон дар баъзе моддаҳои КҶ ҶТ низ инъикос ёфтааст. Масалан, дар мавриди таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст (б «б» қ.2 м.138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (б «б» қ.2 м.139 КҶ ҶТ), муқобилият ба сардор ё маҷбур кардани ӯ ба вайрон кардани вазифаҳои хизматӣ (б «а» қ.2 м.369 КҶ ҶТ) ва ғайра. Вале хавфнокии роҳзанӣ низ дар чунин мавридҳо камтар нест ва он ҳам метавонад аз ҷониби гурӯҳи шахсон бидуни маслиҳати пешакӣ содир гардад, ки оқибатҳои он на камтар аз роҳзанӣ, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, хавфнок буда метавонанд.

Эҳтимол, маҳз ба ҳамин далел дар кодексҳои ҷиноятии бисёр давлатҳои хориҷӣ ин таркиби ҷиноят дорои чунин аломати вазнинкунанда ба монанди аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудани ин ҷиноят мебошад. Масалан чунин аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.207 КҶ Белорус, қ.2 м.207 КҶ Қирғизистон, қ.2 м.188 КҶ Молдова ва ғайра муқаррар шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки дар **б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ** ибораи "бо маслиҳати пешакӣ" хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо "содиршудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон" мустаҳкам карда шавад.

Содир намудани роҳзанӣ **бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо (б «в» қ. 2 м. 249 КҶ ҶТ) аломати дигари вазнинкунандаи таркиби ин ҷиноят ба ҳисоб меравад.**

Хавфи махсуси тасарруфи молу мулк бо роҳи даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо бо хусусиятҳои тарафи объективӣ ва субъективии фаъолияти гунаҳгор муайян мегардад. Аз тарафи объективӣ он бо

имконияти ба даст овардани молу мулки махсусан қиматнок ё миқдори зиёди он тавсиф мешавад. Аз ҷиҳати субъективӣ бошад, чунин хавф бо сатҳи баланди фаъолият ва кӯшиши гунаҳгор, ки барои расидан ба мақсад равона шудааст, ифода мегардад.

Ин аломати вазнинкунанда ҷой доштани маҷмуи се аломати зеринро талаб месозад: ҷойи муайян, ки метавонад манзил, бино ё дигар анбор бошад; ворид шудани гунаҳгор ба ҷойи номбурда бо мақсади дастрасӣ пайдо кардан ба молу мулк; тасарруфи молу мулки мазкур бо роҳи ҳуҷуми бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хатарнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд.

Мафҳуми манзил дар эзоҳи м.147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шудааст: «Дар зери мафҳуми манзил дар ҳамин ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад» [6].

Бо назардошти мафҳуми мазкур, аломатҳои зеринро, ки ба мафҳуми «манзил» хосанд, ҷудо кардан мумкин аст:

– барои истиқомати доимӣ ё муваққатии одамон пешбинӣ шудааст (хонаҳои инфиродӣ, хонаҳои бисёрошёна, ҳуҷра дар меҳмонхона, дача ва ғ.);

– метавонад шакли бинои алоҳида, сохтмон ё иншоотро дошта бошад ё қисми он бошад (балкон, айвони шишабандӣ, анборҳо ва ғ.);

– аз ҷиҳати ҳуқуқӣ метавонад дар ҳар шакли моликият қарор гирад;

– қисматҳои ғайриистиқоматӣ низ метавонанд ҷузъи он ҳисоб шаванд (ба шарте ки он манзил, масалан, хонаи инфиродӣ бошад ва қисмҳои ғайриистикоматӣ ба он дохил шаванд).

Аз ин рӯ, он ҷойҳое, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ нашудаанд, манзил ҳисобида намешаванд. Ба ин гурӯҳ анборҳои алоҳида аз биноҳои истиқоматӣ, таҳхонаҳо, оғилҳо, гаражҳо ва дигар иншооти ғайриистикоматӣ дохил мешаванд.

Мафҳуми манзил, бино ё дигар анборхона дар б.20 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 низ тавзеҳ дода шудааст: «мафҳуми манзил-биное, ки барои ба таври доимӣ ё мувакқатан зивдагонй кардани одамон пешбинй шудааст (хонаи инфиродй, утоқи алохида, ҳуҷра дар меҳмонхона, бустонсарой, боғотхона ва гайра), ҳамчунин он кисмҳои таркибии бино, ки барои истироҳат, нигоҳ доштани молу мулк ё им ки қонеъ гардонидани дигар талаботҳои одам истифода мешаванд (балкон, пешайвони оинабандишуда, анборхона ва ғайра), фаҳмида мешавад.

Биноҳое, ки барои доимӣ ё мувакқатан зиндагонй кардан пешбинӣ ва мувофиқ карда нашудаанд (масалан, таҳхона, анбор, гараж ва дигар биноҳои хоҷагӣ, ки аз сохтмонҳои манзилӣ ҷудо мебошанд), ҳамчун манзил дониста намешаванд.

Таҳти мафҳуми бино, ки доир ба он дар қонун сухан меравад, бояд иморат, иншооте, ки барои ҷойгир кардани одамон ё арзишҳои моддӣ пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад. Вай метавонад чун доимӣ ва ҳамчунин муваққатй (масалан, анбор, гараж, корпусҳои корхонаҳо, биноҳои муассисаҳо, мағозаҳо), чун статсионарӣ ва ҳамчунин ҷойивазшаванда бошад.

Дигар анборхона – ин ҷоест, ки манзил, бино набуда, махсус барои нигоҳ доштани арзишҳои молӣ пешбини шудааст, масалан, ҷойҳои муҳофизаткунандаи истгоҳҳои роҳи оҳан, платформаҳо, рефрижераторҳо, сейфҳо, контейнерҳо ва амсоли инҳо. Инчунин, ҳудуде, ки дар зери осмони кушод буда, бо девор, панҷара иҳота гардида, ё махсус ҳифз карда мешавад, дигар амборхона буда мегавонад. Агар нишонаҳои кайдшуда ҷой надошта бошавд, масалан, ангишти ба истгоҳи роҳи оҳан овардашуда тӯда-тӯда дар

китъаи кушода рехта шуда бошад, дар ин ҳолат тасарруфи ангиштро чун аз дигар анборхона тасарруфшуда банду баст кардан мумкин нест. Ҳудуди ҳифзшавандае, ки барои нигоҳ доштани арзишҳои моддӣ пешбинӣ нашудааст, дигар анборхона ҳисобида намешавад. Масалан, дохил шудан ба ҳудуди ҳифзшававдаи боғи мева ва тасарруфи себҳоро, тасарруф бо дохил шудан ба дигар анборхона эътироф намудан мумкин нест» [9, с. 39-40].

Мафҳуми «манзил» бевосита бо масъалаи дахлнопазирии он алоқаманд мебошад.Роҳзание, ки бо воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил анҷом дода мешавад, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дахлнопазирии манзил, ки аз ҷониби Конститутсияи ҶТ (м.22)  ва муҳимтарин санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948) ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) (м.м.  12 ва 17), кафолат дода шудааст, вайрон месозад.

Дар ҷинояти роҳзанӣ дахлнопазирии манзил ҳамчун объекти иловагӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дахлнопазирии манзил бо меъёри махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар моддаи 147 КҶ ҶТ  пешбинӣ шудааст, ҳифз карда мешавад. Аммо барои аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст намудани роҳзании содиршуда бо воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил тибқи м.147 КҶ ҶТ зарурат нест, зеро ин ҷиноят (вайрон кардани дахлнопазирии манзил) ҳамчун аломати сохтории ҷинояти дигар, ки дар қ. 2 м.249  КҶ ҶТ  пешбинӣ шудааст, баромад мекунад ва қонунгузор дар санксия бо ин аломати вазнинкунанда сатҳи баланди хавфи ин ҷиноятро  ба назар гирифтааст.

Ҳангоми баррасии масъалаи мавҷудияти ин аломати вазнинкунанда дар кирдори шахси гунаҳгор зарур аст, ки муайян карда шавад, бо кадом мақсад вай ба манзил, бино ё анбор ворид шудааст ва кай дар ӯ қасди тасарруфи молу мулк ба вуҷуд омадааст.

Ин ҳолат танҳо дар сурате эътироф мегардад, ки воридшавӣ маҳз бо мақсади тасарруфи арзишҳои моддӣ сурат гирифта бошад. Кирдорҳои

шахсе, ки дар аввал бе мақсади тасарруф, аз ҷумла бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ, ба ин ҷойҳо ворид шудааст ва баъдан молу мулки ғайрро тасарруф кардааст, наметавон ҳамчун ҷиноят бо воридшавӣ ба манзил, дигар бино ё анбор бандубаст карда шавад.

Агар гунаҳгор бо баҳонаи воқеӣ ё сохташуда ба манзил, бино ё анбор ворид шуда, молу мулкро тасарруф намуда бошад, кирдори ӯ бояд ҳамчун ҷинояти бо воридшавӣ содиршуда бандубаст карда шавад. Вале «агар шахс дар он ҷо қонунан ҳузур дошта, нияти ҷиноӣ надошта бошаду лекин баъдан роҳзанӣ содир карда бошад, дар ҳаракатҳои вай нишонаи зикргардида ҷой надорад» (б 21 Қарори зиркшуда).

Ҳамин тариқ, роҳзанӣ **бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо** дар ҳолате ҷой дорад, ки шахси гунаҳгор барои рафъи муқовимати ҷабрдида зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди чунин зӯровариро бо мақсади дастрасӣ ба арзишҳои моддӣ истифода мебарад.

Чунончи, шаҳрванд С. А. дар ҳолатҳои зерин даст ба содир намудани роҳзанӣ задааст. Ӯ бо мақсади роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ва таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, бо маслиҳати пешакӣ бо Ш. Ф. оиди бо мақсади ҷинояти роҳзанӣ тасарруф кардани маблағои пулӣ аз ширкати ҶДММ «Анка Трейдинг», маслиҳат намуда, нақшаи содир намудани ҷиноятро тартиб додаанд. Пасон бо мақсади амалӣ намудани нақшаи ҷиноятлоронаи худ ба назди бинои ширкати «Анка Трединг, ҳозир шуда, аз рӯи маслиҳати пешакӣ ӯ бо Ш. Ф. ба сару рӯйи худ лиқоб кашида, аз сари девори атрофи бинои мазкур ғайриқонунӣ вориди саҳни ҳавлии ширкат гардида, худи ӯ вориди посбонхона гардида, ба посбон Ш.А. ҳамла намуда, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, дасту пойи охиринро зери лату кӯб қарор дода, ба саломатии охирин ҷароҳати ҷисмонии дараҷаи «сабук» расонида дар якҷояги бо Ш.Ф. дасту пой ва

даҳони посбон Ш.А.-ро бо скочи махсуси бо худ овардаашон баста, аз посбонхона калидҳои қулфҳои дарвоза ва дарҳои утоқҳои кориро гирифтаанд. Сипас, онҳо бо роҳи интихоби калид, қулфи дари дароматгоҳи биноро кӯшода, ғайриқонунӣ вориди бино гардида, дари оҳанини даромадгоҳи утоқи хазиначӣ, ки арзишаш 502 сомонию 50 дирамро ташкил медодааст, шикаста аз хазина як адад ҷевони (сейф) оҳанин, ки арзишаш 670 сомониро ташкил медодааст, бо маблағи 52000 ҳазор сомонӣ ва 520 долари ИМА мутаносибан бо қурби асъори миллӣ 2272,4 (ду ҳазору дусаду ҳафтоду ду сомонию чил дирам) пули нақдро ошкоро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезананд. Бо ин кирдорашон шаҳрвандони мазкур ба ширкати «Анка-трединг» дар маҷмӯъ ба маблағи пулии 55444,9 (панҷоҳу панҷ ҳазору чорсаду чилу чор сомонию навад дирам) зарари оддии молумулкӣ мерасонад.

Тибқи хулосаи судӣ-тиббӣ таҳти №8616 аз санаи 22 декабри соли 2000 ҷароҳатҳои ҷисмонии бадани шаҳрванд Ш.А., дар шакли гематома, хуномусҳо, харошаҳо ва захми латхӯрдаи лунҷ аз тарафи чап бо расонидани зарари сабук ба саломатӣ мансуб мебошад.

Суд кирдори судшаванда С.А. ва Ш. Ф. бо моддаи 249 қисми 2 бандҳои «б,в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бо аломатҳои аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо пешбинӣ мекунад, банду баст намудааст [233].

Инчунин, чунин ҳолат дар ҳолатҳое низ ҷой дорад, ки гунаҳгор бо мақсади нигоҳ доштани молу мулки тасарруфшуда зӯроварии хавфнокро истифода мекунад.

Агар шахси гунаҳгор ба манзил, бино ё анбор ворид шуда бошад, ҳатто бо истифода аз зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди он,

аммо бе мақсади пешакии тасарруфи молу мулк, вале баъдан молу мулки ғайрро тасарруф карда бошад, чунин кирдорҳо аломати вазнинкунандаи мавриди баррасишавандаро ба вуҷуд намеоранд.

Бояд қайд намуд, ки ба назари мо, маҳз дар мавриди «манзил» тасарруфи молу мулк бо воридшавӣ дараҷаи бештари хавфи ҷамъиятиро дорост. Зеро маҳз ҳангоми содир намудани роҳзанӣ бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил дахлнопазирии он ки бо Конститутсияи ҶТ ва КҶ ҶТ кафолат дода шудааст, халалдор мешавад. Ҳамзамон, қонунгузор барои роҳзанӣ бо воридшавӣ– хоҳ ба манзил, хоҳ ба бино ё дигар анбор – ҷазои якхеларо пешбинӣ мекунад. Ҳол он ки воридшавӣ ба бино ё дигар анбор, бар хилофи воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, худ ба таври мустақил боиси ба вуҷуд омадин ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

**Бинобар ин, мо бар он назарем, ки аз қ.2 моддаи мазкур истилоҳҳои «бино» ва «дигар анборҳо»-ро хориҷ намудан мувофиқи** мақсад мебошад, зеро истифодаи мафҳумҳои мазкур боиси номуайянӣ мегардад. Ҳузури онҳо дар қонун имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ ба таври субъективӣ ва худсарона татбиқ гардад, ки боиси ихтилоф дар амалияи ҳуқуқӣ шуда метавонад.

**Ҳамин тариқ дар асоси таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи роҳзанӣ метавон ба хулосаҳои зерин расид:**

1. Муайян намудани ҷавобгарии пурзӯр барои такроран содир намудани ҷиноят, аз ҷумла дар ҳолати роҳзанӣ бешубҳа ба он асос ёфтааст, ки шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, хавфнокии бештари ҷамъиятӣ доранд, зеро майли устувори онҳоро ба содир намудани ҷиноят нишон медиҳанд. Аммо, бо назардошти он ки асоси пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо асосан ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста аст, на ба худи кирдор, мақсаднок ба назар мерасад, ки ин аломати вазнинкунанда аз м. 249 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

2. Аломатҳои гурӯҳи шахсоне, ки роҳзаниро бо маслиҳати пешакӣ содир намудаанд, чунин мебошанд: **аломати миқдорӣ** – иштироки ду ё зиёда нафар; **маслиҳати пешакӣ** – созиши иштирокчиён оид ба содир намудани ҷиноят қабл аз оғози он; **якҷоя содир намудани ҷиноят** – амалӣ намудани тарафи объективии ҷиноят тавассути иштироки якҷояи иштирокчиёни гурӯҳ.

3. Ба андешаи мо, ҳамчун аломати вазнинкунанда дар **таркиби ҷинояти роҳзанӣ на танҳо содир** намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, балки содир кардани он аз ҷониби ҳар гуна гурӯҳи шахсон – ҳам бе маслиҳати пешакӣ ва ҳам бо маслиҳати пешакӣ, бояд пешбинӣ карда шавад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки дар б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ ибораи "бо маслиҳати пешакӣ" хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо "содиршудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон" мустаҳкам карда шавад.

Чунин муносибат ба эътирофи аломати вазнинкунандаи ҷиноят ҳамчун содир намудани он аз ҷониби ҳар гуна гурӯҳи шахсон дар баъзе моддаҳои КҶ ҶТ низ инъикос ёфтааст. Масалан, дар мавриди таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст (б «б» қ.2 м.138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (б «б» қ.2 м.139 КҶ ҶТ), муқобилият ба сардор ё маҷбур кардани ӯ ба вайрон кардани вазифаҳои хизматӣ (б «а» қ.2 м.369 КҶ ҶТ) ва ғайра. Вале хавфнокии роҳзанӣ низ дар чунин мавридҳо камтар нест ва он ҳам метавонад аз ҷониби гурӯҳи шахсон бидуни маслиҳати пешакӣ содир гардад, ки оқибатҳои он на камтар аз роҳзанӣ, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, хавфнок буда метавонанд.

4. Ба назари мо, тасарруф бо «роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил» дараҷаи бештари хавфи ҷамъиятиро дорост. Зеро маҳз ҳангоми содир намудани роҳзанӣ бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил дахлнопазирии он ки бо Конститутсияи ҶТ ва КҶ ҶТ кафолат дода шудааст, халалдор мешавад. Ҳамзамон, қонунгузор барои роҳзанӣ бо воридшавӣ –

хоҳ ба манзил, хоҳ ба бино ё дигар анбор – ҷазои якхеларо пешбинӣ мекунад. Ҳол он ки воридшавӣ ба бино ё дигар анбор, бар хилофи воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, худ ба таври мустақил боиси ба вуҷуд омадин ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

Бинобар ин, мо бар он назарем, ки аз қ.2 моддаи мазкур истилоҳҳои «бино» ва «дигар анборҳо»-ро хориҷ намудан мувофиқи мақсад мебошад,

**3.2. Аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ**

Дар қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи роҳзаниро мустаҳкам намудааст:

«а) бо мақсади ба миқдори калон ба даст овардани молу мулк;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

в) бо истифода аз шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ;

**г**) бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ;

д) дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир шуда бошад» [5].

**1. Роҳзанӣ бо мақсади ба миқдори калон ба даст овардани молу мулк.**

Мутобиқи б. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ: «Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои ҳамин боб андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад» [6].

Андозаи тасарруфи молу мулк ҳамчун калон танҳо аз рӯйи арзиши умумии молу мулки тасарруфшуда бо ифодаи пулӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи зарари калон, нишонаҳои миқдорӣ ё иқтисодие, ба монанди вазн, ҳаҷм, миқдор, аҳаммияти хоҷагӣ ё камёбии молу мулки тасарруфшуда ба назар гирифта намешаванд.

Масалан, шаҳрвандон Л.М. И. Ф. ва Х. А. ба корҳои муфиди ҷамъияти машғул нагардида, дар ҳолати зерин даст ба содир намудани ҷиноятӣ роҳзани задаанд. Чунончи, мазкур тибқи нақшаи таҳрези кардаашон дар

якҷояги амал намуда, ба манзили истиқоматии ҷабрдида Д.Р. ки охирин дар ҳолати оҷизӣ қарор доштаст, ворид гардидаанд ва шаҳрванд Л. М. аз рӯи нақшаи мувофиқашудашон бо воситаи дастгоҳи махсус (электрошокер)-и бо худ доштааш ба тарафи ҷабрдида Д.Р. ҳуҷум намуда, як маротиба дар гардани тарафи чап ва як маротибаи дигар дар қисмати пушти бадани ҷабрдида Д.Р. задааст. Баъдан шаҳрвандон И.Ф. ва Л.М. дар якҷояги маҷбуран дасту пойи ҷабрдида Д.Р.-ро дошта дар замин хобонидаанду, судшаванда Х.А. ба воситаи матоъ дасту пой ва даҳони ҷабрдидаро баста, таҳдиди истифодаи зӯровари намуда, сипас судшавандаҳо И.Ф., Л.М., Х.А.А. дар дохили хона тақсим шуда, манзили истиқоматиро кофтуков намуда, аз дохили ҳуҷраи ҷойи хоби ҷабрдида Д.Р. – судшаванда Л.М. маблағи пулии ба миқдори умумии 40000 (чил ҳазор) сомонӣ, як баста ҷавоҳиротҳои нуқрагин бо арзиши умумии 12000 (дувоздаҳ ҳазор) сомонӣ, се адад бандовезаи тиббӣ (кулон) барои паст кардани фишори хун ва табобати дил бо арзиши умумӣ 1500 (як ҳазору панҷсад) доллари ИМА, ки тибқи маълумотномаи Бонки миллии Тоҷикистон маблағи 13515 (сенздаҳ ҳазору панҷсаду понздаҳ) сомониро ташкил медодааст ва як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг Ҷ-2», ки тибқм Хулосаи экспертизаи молшиносӣ арзиши 400-сомониро ташкил медодааст, дарёфт ва тасарруф намуда, сипас судшавандаҳо ҳамаашон якҷоя аз ҷойи ҳодиса ғайб зада, маблағҳо ва ашёҳои тасарруфкардаашонро байни худ тақсим намуда ғайб задаанд. Дар натиҷа бо ин кирдори қасдонаашон ба ҷабрдида Д.Р. ба маблағи 65915 (шасту панҷ ҳазору нуҳсаду понздаҳ) сомонӣ зарар ба миқдори калонро расонидаанд. Инчунин, дар натиҷа, тибқи хулосаи экспертизаи тиббӣ-судӣ тахтӣ, ҷароҳати ҷисмонӣ дар бадани ҷабрдида Д. Р.А. захмҳои сӯхта, харошаҳо ва хуномосҳо мансуб ба зарари сабук ба саломатӣ бардоштааст.

Суд ба  Л.М., И. Ф. ва Х. А.бо б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати 12 (дувоздаҳ) солу 6 (шаш) моҳ бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт, таъин намудааст [234].

Дар мисоли дигар шаҳрванд М. Б. дар ҳолатҳои зерин даст ба содир намудани ҷинояти қасдона задааст.

Чунончи, ӯ ба манзили истиқоматии шаҳрванд С. Г., ворид гашта, соҳибхона С.Г. ва келинаш М. Н.-ро бо селофани полиэтинелии навъи скоч дасту даҳонашро баста, ҳуҷраҳои манзили истиқоматиро кофта, аз дохили як ҳуҷраи хонаи истиқоматӣ сандуқи оҳанин (сейф)-ро дарёфт намуда, онро бо таҷҳизоти арраи оҳанбурии (болгарка) соҳибхона қулфи онро бурида, аз дохилаш пули нақд ба маблағи умумии 132000 ҳазор доллари ИМА, ҷавоҳиротҳои тиллогин аз қабили як адад гарданбанд, арзишаш 1500 доллари ИМА, ҳафт адад ангуштарин арзишашон 1400 доллари ИМА, се адад дастмона арзишашон 7000 доллари ИМА ва як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг» арзишаш 550 доллари ИМА-ро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Бо ин кирдорҳои худ номбурда ба ҷабрдида С. Г. ҷамъ ба маблағи умумии 141900 доллари ИМА зарарӣ махсусан калони молумулкӣ расонидааст.

Суд кирдори М.Б. -ро бо б «б» қ.4 м.249 КҶ ҶТ бандубаст намуда, ба ӯ бо ин модда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 15 (понздаҳ) сол бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт, намудааст [235].

Агар шахс якчанд тасарруфи алоҳидаеро анҷом диҳад, ки ҳар яке аз онҳо ҷинояти мустақил ҳисоб мешавад, дар ин ҳолат ҷамъ кардани арзиши молу мулки тасарруфшуда барои муайян намудани андозаи зарари калон иҷозат дода намешавад. Истисно танҳо ҳолати тасарруфи давомдор мебошад, ки дар он кирдорҳои алоҳида бо як қасди умумӣ фаро гирифта мешаванд.

Ба назар мерасад, ки қонунгузор ҳангоми таҳия ва баён кардани ин аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ истилоҳи «ба даст овардани молу мулк»-ро беасос истифода намудааст. Зеро, ба андешаи мо, ибораи мазкур пурра

моҳияти роҳзаниро ҳамчун яке аз **шаклҳои тасарруф пурра ошкор намесозад. Вобаста ба ин б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ мумкин аст ба тариқи зайл ифода гардад: «бо мақсади тасарруфи молу мулк ба миқдори калон».**

Агар роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шуда, арзиши умумии молу мулки тасарруфшуда ба меъёри муайяннамудаи қонун барои «миқдори калон» баробар ё бештар бошад, ҳаракати ҳар як иштирокчии ҷиноят бояд тибқи б «а» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад. Дар ин ҳолат ҳиссае, ки баъдан ҳангоми тақсим кардани молу мулки тасарруфшуда ба ҳар як иштирокчӣ мерасад, аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад, яъне аз ҳаҷми воқеан бадастовардаи ҳар як иштирокчӣ новобаста аст. Ин ҳолат ба тарзи умум баҳои ҳуқуқӣ мегирад, зеро ҳамаи онҳо ҳамиҷрокунанда дар содир намудани роҳзанӣ ба миқдори калон эътироф мешаванд [26, с. 676].

Чунончи, шаҳрвандон Ғ.П. ва Ш.А. мувофиқи маслиҳати пешакӣ бо мақсади роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварӣ барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ба А.Р. якҷоя ҳуҷум намуда, бо дастону пойҳояшон ба сару рӯйи ҷабрдида зада вайро мавриди лату кӯб қарор дода, Ш.А. бо супориши Ғ.П. аз ҷейби А.Р. як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг А-8, 2018»-ро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи тиббӣ-судӣ ҷароҳати ҷисмонӣ дар бадани шаҳрванд А. Р. дар намуди шикасти пӯшидаи шохаи буғуми ҷоғи поён аз тарафи чап бо беҷошавии устуғонпораҳо, захмҳои латхӯрда даридаи лаби боло аз тарафи чап, мансуб ба зарари «миёна» ба саломатӣ бардоштааст. Шаҳрвандони мазкур телефони мобилии тасарруфшударо ба маблағи 600 сомонӣ фурӯхта, маблағи 200 сомонӣ ба Ш. А. маблағи 400 сомонӣ ро Ғ.П. ба манфиати шахсиашон сарф намудаанд. Дар натиҷа онҳо бо ин кирдори қасдонаашон ба Ахмедов А.Р. ба маблағи 1700 сомонӣ зарари моддӣ ба миқдори калон расонидаанд.

Суд вобаста ба айбҳои эълонкардаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нисбати Ғоибов П. ва Ш. А. чунин қайд намудааст.

Тибқи талаботи банди 19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №3 «дар мавриди бо ҳолатҳои вазнинкунандаи дар якчанд қисмҳои моддаҳои 244, 247, 248 ё 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, дар ҳолати набудани маҷмуи воқеии ҷиноятҳо, ҳаракатҳои гунаҳгор бояд танҳо бо он қисми моддаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷазои нисбатан вазнинро пешбинӣ менамояд, банду баст карда шаванд. Дар ин маврид дар қисми баёнии ҳукм бояд ҳамаи нишонаҳои бандубасткунандаи ҳаракат нишон дода шаванд» [8, с. 39].

Суд ҳаминро қайд менамояд, ки аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нисбати судшавандагон Ғ. П., ва Ш. А., дар як вақт ҳам бо б. «б» қ. 2 м. 249 ва ҳам бо б. «а» қ. 3 м. 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, нисбаташон айб эълон кардааст.

Бинобар ин, суд лозим шуморид, ки бо риояи талаботи банди 19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кирдори содир намудаи судшаванда Ғ.П.-ро танҳо бо б. «а» қ. 3 м. 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо мақсади ба миқдори калон ба даст овардани молу мулкро муқаррар менамояд, банду баст намояд.

Ба Ғ. П. бо б. «а» қ. 3 м. 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 12 (дувоздаҳ) сол бо нигоҳ доштан дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт, ба Ш. А. , бо б. «а» қ. 3 м. 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 12 (дувоздаҳ) сол бо нигоҳ доштан дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт таъин карда шудааст [236].

Ҳангоми ҳал намудани масъалаи бандубасти ҳуқуқӣ бо назардошти аломати мазкур, бояд ба инобат гирифт, ки қасди гунаҳгор ҳатман ба тасарруфи молу мулк ба миқдори калон равона шуда бошад. Дар робита бо

ин дар б.27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №3 омадааст, ки: «ҳолатҳое, ки агар шахси ҳуҷуми роҳзанона содиркарда мақсади ба микдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулкро дошту вале амалан онро соҳиб нагардид ё молу мулкро соҳиб гардид, ки арзиши он аз **андозаи** нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор ё ду ҳазор маротиба зиёдтар нест, дар ин маврид ҳаракатҳои вай бояд бо б «а» қ.3 ё б»б» қ.4 м.249 КҶ ҶТ роҳзанӣ бо мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулк бандубаст карда шавад» [9, с. 42].

Дар айни замон, ин қоидаи умумӣ нисбат ба роҳзанӣ хусусияти худро дорад. Зеро роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта эътироф шуда, он аз миқдори воқеан тасарруфшудаи молу мулк вобастагӣ надорад. Аз ин рӯ, агар роҳзанӣ бо қасди тасарруфи молу мулк ба миқдори калон содир шуда, аммо ба тасарруфи воқеии молу мулк ба чунин андоза нарасида бошад ҳам, ҳаракатҳои гунаҳгор бояд ҳамчун тасарруфи молу мулк ба миқдори калон бандубаст шавад. Дар чунин ҳолатҳо миқдори воқеан тасарруфшуда аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад, асос аз самти қасди гунаҳгор вобаста аст, ки бо мақсади ба миқдори калон тасарруф намудани молу мулк равона шуда бошад [199, с. 159].

Қайд кардан зарур аст, ки ин аломати мазкур танҳо дар он ҳолат ба гунаҳгор нисбат карда мешавад, ки агар ӯ дарк мекард, ки бо мақсади тасарруф бо миқдори калон амал намуда истодааст. Агар шахс арзиши молеро, ки ба он қасд дорад, дарк карда натавонад, ҳаракати содиркардаи ӯ наметавонад тибқи б. «а» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Дар акси ҳол чунин бандубаст гунаҳгоркунии объективӣ ҳисоб мешавад, ки ин ба принсипи гунаҳгорӣ мухолифат менамояд.

**Аломати дигари вазнинкунандаи роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудани он ба ҳисоб меравад (б «б» қ.3 м.249 КҶ ҶТ).**

Мутобиқи қ.3 м.39 КҶ ҶТ: «Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне,

ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад» [6].

Ба сифати аломатҳои гурӯҳи муташаккил қонунгузор бевосита ба чунин хусусиятҳо ишора намудааст: 1) устувории гурӯҳ; 2) пешакӣ барои содир намудани ҷиноят муттаҳид шудани ду ва ё зиёда шахсон; 3) мақсад, яъне содир кардани як ё якчанд ҷиноят. Бояд зикр намуд, ки ду аломати охирон на танҳо аломатҳои тавсифдиҳандаи ин шакли шарикӣ, балки барои гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва барои иттиҳодияи ҷиноятӣ низ хос мебошад.

Маҳаки муттаҳидии гурӯҳ дар Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ аз рӯйи парвандаҳои гуногун тавзеҳ дода шудааст [9].

Масалан, дар б.25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба **хариду фурӯши одамон** ва хариду фурӯши ноболиғон» аз аз 23 декабри соли 2011 №12 **чунин тавзеҳ дода шудааст, ки:** «Гурӯҳи муташаккилро аз гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аз рӯи аломати устуворӣ ва муташаккилӣ фарқ мекунанд. Аз рӯи қоида, ба чунин гурӯҳ сатҳи баланди муташаккилӣ хос аст, он содир намудани ҷиноятро дақиқ омода намуда, ба нақша мегирад, нақшҳоро байни ҳамиштирокчиён тақсим мекунад, бо техника муҷаҳҳаз мегардонад. Ҳамин тавр, оид ба устуворӣ, муттаҳидшавии ду ва ё зиёда шахсон ба муҳлати нисбатан дароз барои содир намудани як ва ё якчанд ҷинояте, ки бо тайёрии якҷояи тулонӣ ё иҷроиши мураккабона ҳамроҳ мебошад, шаҳодат медиҳад. Муташаккилӣ дар тобеияти иштирокчиёни гурӯҳ ба нишондодҳои як ва ё якчанд шахс, қатъиян дар ноил гаштан ба амалисозии ҳадафҳои ҷинояткорона зоҳир мешавад» [9, с. 45].

Дар б.6 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид **ба мубориза бар зидди терроризм**» аз 14 июни соли 2013 №5 зикр шудааст, ки: «Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил муҳлати дароз мавҷуд будани он, борҳо содир намудани ҷиноят аз тарафи аъзои гурӯҳ, таъминоти техникӣ ва

тақсимоти нақшҳо байни аъзои гурӯҳ, муддати дуру дарози тайёрӣ ҳатто ба як ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гурӯҳ) шаҳодат медиҳанд» [9, с. 89].

Дар б.17 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут **ба дуздӣ, қаллобӣ,ғоратгарӣ ва роҳзанӣ**» аз 25 июни соли 2004 бошад шакли мазкури шарикӣ дар ҷиноят чунин маънидод карда шудааст: «Бар хилофи гурӯҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гурӯҳи муташаккил, аз ҷумла, аз рӯи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакй тартибдодашудаи фаъолияти якҷояи ҷиноятkорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзои гурӯҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷиноятkорона, тавсиф карда мешавад.

Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замонии мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гурӯҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирочиёни гурӯҳи муташаккил барои ворид шудан ба амборхона барои гирифтани пул (асъор) ё дигар сарватҳои модди) шаҳодат дода метавонанд» [9, с. 75].

Ҳамин тавр, дар Қарорҳои зикршуда бештар ба чунин аломатҳои гурӯҳи муташаккил ишора мешавад: тақсимоти нақшҳо байни аъзои гурӯҳ; доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашудаи фаъолияти якҷояи ҷиноятkорона; муддати дуру дарози тайёрӣ ба як ё якчанд ҷиноят; таъминоти техникии гурӯҳ; мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар).

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ гурӯҳи муташаккилро ба шакли мураккаби шарикӣ дар ҷиноят мансуб медонанд, ки он ҳамчун гурӯҳи ҷиноятӣ баромад мекунад ва метавонад дар шакли гурӯҳи муташаккил (қ. 3 м. 39 КҶ) ё ташкилоти ҷиноятӣ (қ. 4 м. 39 КҶ) фаъолият намояд.

Муташаккилӣ яке аз хусусиятҳои асосии чунин гурӯҳ шуморида мешавад. Ба ақидаи М.И. Бажанов, мафҳуми муташаккилӣ робитаи зичтар ва устувортари иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятиро дар назар дорад. Ҳамзамон, фарқгузорӣ байни гурӯҳи муташаккил ва гурӯҳи бо маслиҳати пешакӣ амалкунанда масъалаи воқеӣ буда, дар ҳар ҳолати мушаххас вобаста ба ҳолатҳои дар парванда муайяншуда ҳал мегардад [154, с. 15].

Олимон ба аломатҳои гуногуни гурӯҳи муташаккил ишора месозанд. Вале чунин аломатҳо асосан вобаста ба тавзеҳи аломати устувории гурӯҳ муайян карда мешавад. Масалан, А.Н. Савеков барои устувории гурӯҳ ҷой доштани маҷмуи аломатҳои зеринро зарур мешуморад:

1) давомнокии тӯлонӣ ё шиддатнокии фаъолияти ҷиноятии гурӯҳ дар муддати кӯтоҳе, ки аз миқдори зиёди ҷиноятҳо ё амалҳои ҷиноятие, ки дар маҷмуъ як ҷинояти ягона ва муттасилро ташкил медиҳанд ва аз ҷониби аъзои гурӯҳ содир мегарданд, иборат мебошад;

2) мутташаккилии иштирокчиёни гурӯҳ (муайянии сохтории гурӯҳ, мавҷудияти роҳбарӣ, низоми алоқа ва идоракунӣ);

3) ҳайати нисбатан муътадили иштирокчиёни гурӯҳ;

4) доимӣ будани шаклҳо ва усулҳои фаъолияти ҷиноятӣ [104, с. 629-630].

Ба андешаи С.Ефремов тавассути чунин аломатҳо метавон гуруӯҳи муташаккилро аз дигар шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят ва пеш аз ҳама гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ фарқ намуд. Аввал, ин миқдори ҷиноятҳое мебошад, ки гурӯҳ барои содир кардани онҳо таъсис меёбад. Гурӯҳи муташаккил, одатан, барои содир кардани якчанд ҷиноят таъсис дода мешавад, гарчанде ҳолатҳое низ имкон доранд, ки он барои содир кардани танҳо як ҷиноят таъсис ёбад, масалан, ҳолатҳои ҳуҷум ба объектҳои махсусан муҳим (бонк, анбори ҳарбӣ ва ғайра). Чунин гурӯҳ фаъолияти гуногуни муташаккилро пешбинӣ мекунад: тақсими нақшҳо байни шарикон, мавҷуд будани як ё якчанд ташкилкунандагон, иҷрои амалҳои

омодагӣ, ҷалби шумораи зиёди иштирокчиён ва таҳияи нақшаи амал. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин аломатҳо дар ин ё он таносуб ҳамчун аломатҳои аз устувории гурӯҳ шаҳодатдиҳанда номбар мешаванд. Маҳз устуворӣ гурӯҳи муташаккилро аз гурӯҳе, ки танҳо бо маслиҳати пешакӣ амал мекунад, фарқ месозад [163, с. 15].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломатҳои дигари хоси гурӯҳи муташаккил низ фарқ карда мешаванд. Масалан баён мегардад, ки фарқи он аз дигар намудҳои таҷовузҳои гурӯҳӣ - гурӯҳи шахсон ва гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ – танҳо аз рӯи се нишона муайян карда мешавад: **якум, барои гурӯҳи муташаккил хусусиятҳои иҷрои ҷиноят аз тарафи ҳар як иштирокчӣ хос мебошанд.** Дар онҳо аломатҳои устуворӣ зоҳир мегарданд; **дуюм, мувофиқи қонунгузории амалкунанда, аломати ҳатмии гурӯҳи муташаккил ҳамчун** шакли шаркӣ мавҷуд будани созиши пешакӣ байни аъзои он мебошад, ки тақсимоти возеҳи вазифаҳо ва нақшҳоро дар ҷараёни омодагӣ ва содир кардани як ё якчанд ҷиноят пешбинӣ мекунад; **сеюм, гурӯҳи муташаккил хусусиятҳои мушаххасе дорад, ки ба муносибати руҳии иштирокчиёни он нисбат ба ҷинояти содиршаванда марбутанд.** Ҳар як шарик бояд аз шомил будани худ ба гурӯҳи устувори ҷинояткорона огоҳ бошад, нақши худро пурра дарк намуда, қабул кунад ва дар иҷрои кирдорҳои мувофиқашудае, ки бо мақсади умумии ҷинояткорона муттаҳид гардидаанд, ширкат варзад [149, с. 303-307].

Ба сифати аломатҳои гурӯҳи муташаккил а) устувории он; б) сатҳи баланди муташаккилӣ; в) ғайр аз иҷрокунанда дар ҳайати гурӯҳ амал намудани дигар шарикон; г) мақсади гурӯҳ; д) қасди бевоситаи ҳама шарикон; д) вобаста ба аломати сифатӣ мавҷуд будани на камтар аз се аъзоёни гурӯҳи муташаккил номбар мешавад [202, с. 192].

Ҳамин тариқ, гурӯҳи муташаккил бо як қатор нишонаҳои миқдорӣ ва сифатӣ тавсиф меёбад. Ин мавҷудияти на камтар аз се нафар дар ҳайати он, хусусияти устувори гурӯҳ, таъсиси он барои содир намудани, одатан, якчанд

ҷиноят мебошад. Ҳар як узви гурӯҳи муташаккил дарк менамояд, ки ӯ ҳамроҳ бо шахсони дигар барои расидан ба мақсади ҷиноятие, ки барои ҳамаи иштирокчиён умумӣ мебошад, иштирок мекунад; ҳар як аъзои гурӯҳ фаро расидани оқибатҳор аз кирдорҳои якҷояи худ пешбинӣ менамояд ва хоҳиши гузоштани саҳми худро дар фаъолияти якҷоя ҷиҳати ноил шудан ба мақсади ҷиноятӣ дорад.

Ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил бо кирдорҳои мувофиқашудаи худ ҷиноят содир менамоянд. Ҳар як иштирокчӣ қисми муайяни ҳаракатҳоеро иҷро мекунад ва ҳар кадоме аз онҳо барои ҷинояти якҷоя содиршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, сарфи назар аз он, ки кадом кирдорҳои мушаххасро ӯ дар ҳайати гурӯҳи муташаккил анҷом додааст. Аммо шахсе, ки узви гурӯҳи муташаккил мебошад, барои ҷиноятҳои дигари аз ҷониби ин гурӯҳи муташаккил содиршуда, ки ӯ шахсан дар онҳо иштирок накардааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Мо бар он назарем, ки мафҳуми «гурӯҳи муташаккил»-ро бояд маҳз дар асоси аломати устуворӣ аз «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» фарқ кард.

Дар баробари ин ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, агар б.17 Қарори Пленум чунин тавзеҳот илова карда шавад: «Ҳангоми содир намудани дилхоҳ аз ин ҷиноятҳо дар **ҳайати гурӯҳи муташаккил, новобаста аз он ки иҷрокунандагон чанд нафар мебошанд** (як ё якчанд нафар), кирдорҳои ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил бояд тибқи бандҳои дахлдори моддаҳои 244, 248 ва 249 Кодекси ҷиноятии ҶТ бо аломати «гурӯҳи муташаккил» бе ишора ба қисмҳои дахлдори моддаи 36-и ҳамин Кодекс бандубаст карда шаванд» [9, с. 65].

Ҳангоми содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо назардошти устувории он, нақши ҳар як иштирокчии гурӯҳ аҳаммияти ҳуқуқии худро гум мекунад. Аз ин рӯ, новобаста аз он ки иштирокчӣ дар чунин гурӯҳ ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ ё иҷрокунанда

мебошад, кирдори онҳо мантиқан ҳамчун ҷинояти аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда бандубаст гардида, ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳ ҳамчун ҳамиҷрокунандагон эътироф мешаванд [183, с. 107].

Гурӯҳи муташаккил ҳангоми роҳзанӣ бо чунин аломатҳо тавсиф мегардад, ба монанди дуру дароз мавҷуд будан, дараҷаи балани муташаккилӣ, ҷой доштани сохтори тобеият [187, с. 86].

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, инчунин зарур буд, махсус таъкид карда шавад, ки муттаҳидшавии пешакии иштирокчиёни гурӯҳ барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят ин маслиҳати пешакии оддӣ барои содир намудани ҷинояти мушаххас ба ҳисоб намеравад. Моҳияти муттаҳидшавии пешакӣ ҳамчун аломати таркибии гурӯҳи муташаккил дар он зоҳир мегардад, ки робитаҳои байни аъзои гурӯҳи муташаккил нисбат ба гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мустаҳкамтар ва устувортаранд. Гурӯҳи муташаккил на ба таври стихиявӣ, балки ба таври банақшагирифташуда таъсис ёфта, ҷиноятҳо низ ҷузъан тарҳрезӣ мешаванд. Аъзои гурӯҳи муташаккил ҷузъиёти асосии ҷинояти ояндаро пешакӣ мувофиқа мекунанд: онҳо дар бораи макон ва замони содир намудани ҷиноят маслиҳат мекунанд, объекти мушаххаси таҷовуз ва предмети онро дақиқ муайян менамоянд, роҳҳои ақиб гаштан, маконҳои пинҳоншавии ҷиноятқорон ва ҷойҳои нигаҳдории ашёи тасарруфшударо мушаххас менамоянд, инчунин дар гурӯҳи муташаккил вазифаҳои шарикон пешакӣ муайян ва тақсим мешаванд ва ҳар як иштирокчӣ наметавонад бо ташаббуси худ аз доираи вазифаҳои ба ӯ муайянгардида берун барояд.

Қонун иштироки шахс дар гурӯҳи муташаккилро танҳо бо кирдорҳои иҷрокунанда ё ҳамиҷрокунанда маҳдуд накардааст. Аз ин рӯ, аъзои гурӯҳи муташаккил, новобаста аз нақши дар гурӯҳ иҷронамудаашон, ҳамчун ҳамиҷрокунандаи ҷинояти содиршуда (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ғайра) эътироф мегарданд, ба шарте ки содир намудани чунин ҷиноят бо қасди онҳо фаро гирифта шуда бошад.

Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки доираи ҳамиҷрокунандагон нисбати ҳар як ҷинояти алоҳидае, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, муайян карда мешавад. Мутобиқи қ.6 м.39 КҶ ҶТ: «Танҳо шахсе, ки гурӯҳи муташаккилро таъсис додааст ё онро роҳбарӣ намудааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс барои ташкил ва роҳбарии онҳо, инчунин барои тамоми ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳи муташаккил, агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дигар иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс, инчунин барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [6].

**Аломати дигари вазнинкунандаи роҳзанӣ ин бо истифода аз шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ содир шудани он ба ҳисоб меравад ( б. «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ).**

Пайдоиши офатҳои табиӣ ва фалокатҳои техногенӣ ҳамеша ба таври ногаҳонӣ ва беназорат сурат мегиранд. Онҳо амалан ба таҳқиқ тобеъ нестанд ва пешгирии онҳо ниҳоят мушкил аст. Пешгӯии ин гуна ҳодисаҳо тақрибан ғайриимкон мебошад.

Офатҳои табиӣ ва фалокатҳои техногенӣ оқибатҳои вазнини ғайричашмдошт доранд ва маъмулан хусусияти офати ҷамъиятиро мегиранд. Ин ҳолатҳо сатҳи хатари ҷамъиятии ҷиноятҳоро ба таври назаррас баланд мебардоранд, таҳқиқ, пешгӯӣ, ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии онҳоро ба таври ҷиддӣ мушкил мегардонанд.

Содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст.

Мутобиқи м.1 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 3 ноябри соли 1995 № 994 «Вазъияти фавқулодда тадбири муваққатӣ мебошад, ки он мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо муассисаҳо ва ташкилотҳоро пешбинӣ менамояд ва муваққатан ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, инчунин ҳуқуқи шахсони юридикиро маҳдуд намуда, ба зимми онҳо вазифаҳои иловагӣ мегузорад, ки тавассути ҳамин қонуни конститутсионӣ муқаррар карда мешаванд.

Вазъияти фавқулодда дар чунин мавридҳо ҷорӣ карда мешавад:

1) ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, садамаю фалокатҳо, паҳншавии касалиҳои сирояткунанда, эпизоотияҳо (муромурии ҳайвонот), ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ хатарноканд;

2) дар мавриде, ки тартиботи ҳуқуқӣ ба таври оммавӣ вайрон карда шуда, воқеан ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таҳдид мекунад;

3) ҳангоми кӯшиши ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) ҳангоми сӯиқасд ба тамомияти арзии давлат, ки ба тағйири сарҳади он таҳдид мекунад;

5) дар мавриди зарурати барқарор кардани тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ» [7].

Зери мафҳуми **офати табиӣ** падидаҳое фаҳмида мешаванд, ки бо қувваҳои табиат алоқаманд буда, ба монанди сел, заминларза, сӯхторҳо, тӯфонҳо ва ғайра ба вуҷуд меоянд.

**Офати ҷамъиятӣ** ҳолате мебошад, ки бо халалдоршавӣ ва вайроншавии ҷараёни муқаррарии ҳаёти ҷамъиятӣ, таҳдид ба амнияти аҳолӣ алоқаманд аст. Ба он мисол шуда метавонанд эпидемияҳо, садамаҳои бузурги нақлиётӣ, амалиёти ҳарбӣ, кучонидани аҳолӣ ва ғайра.

Дар чунин шароит шаҳрвандон вазифадоранд дастуру супоришҳои аз ҷониби мақомот содиршударо иҷро намоянд ва дар иҷрои корҳои зарурӣ ба мақомот мусоидат кунанд [166, с. 159].

Мақсад аз муқаррар намудани чунин аломати вазнинкунанда дар таркиби роҳзанӣ аз он иборат мебошад, ки дар чунин шароит содир шудани ҷиноят осон гардида ба пинҳон доштани он бештар мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки дар б «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҳолати мазкур танҳо бо «шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ» маҳдуд карда шудааст. Ҳол он ки дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ чунин ҳолат дар шакли «шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ»[6] мустаҳкам шудааст, ки доираи он нисбатан васеътар мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо асосноктар ба ҳисоб мерафт агар аломати мазкури вазнинкунанда дар қ.3 м.249 КҶ ҶТ дар намуди содир кардани роҳзанӣ «бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» [6] пешбинӣ карда мешуд.

**Роҳзанӣ бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (б «г» қ.3 м.249 КҶ ҶТ).**

Роҳзанӣ бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳамчун аломати вазнинкунанда дар б «г» қ.3 м.249 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст. Дар чунин ҳолат таркиби роҳзанӣ хусусияти моддӣ пайдо менамояд. Зеро қонун ба сифати оқибати ҷиноят воқеан расонидани зарари вазнин ба саломатиро муқаррар менамояд. Аломатҳои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар қ.1 м.110 КҶ ҶТ муайян шудааст.

Аломатҳои зарари вазнин ба саломатӣ ду намуд мешаванд: «барои ҳаёт хавфнок; барои ҳаёт хавфнок набуда, вобаста ба оқибат ба чунин зарар мансуб дониста шуда.

Ҷой надоштани аломати хавфноки барои ҳаёт, вазнинии оқибатҳои расонидани зарар ба саломатӣ иборааст аз: «боиси нобино, гунг, кар шудан

ё талаф додани ягон узви бадан гардидааст ё аз кор мондани ин узв, қатъ гардидани ҳомиладорӣ ё дар бадсуратии ислоҳнопазири рӯй ифода ёфтааст, инчунин расонидани зарари дигар ба саломатӣ, ки барои ҳаёт хавфнок мебошад ё боиси харобшавии зиёди саломатии марбут бо аз даст додани на камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ гардидаст ё пурра аз даст додани қобилияти меҳнатии касбӣ ё бемории рӯҳӣ, нашъамандӣ ва ё токсикомания мегардад» [222, с. 68].

Дар баробари ин, меъёрҳои тиббии муайян намудани дараҷаи зарари ба саломатии одам расонидашуда ду меъёри тавсифдиҳандаи зарари вазнин ба саломатиро муқарар месозад: 1. Зарар ба саломатие, ки барои ҳаёти одам хавфнок аст ва вобаста ба хусусияташ бевосита ба ҳаёти одам таҳдидовар аст.2. Зарар ба саломатие, ки ҳолатҳои хатарнокро ба ҳаёти одам эҷод мекунад (дар оянда – зарар ба саломатии хавфнок барои ҳаёти одам).

Роҳзание, ки бо расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида содир шудааст, бандубасти иловагиро тибқи м. 110 КҶ ҶТ талаб намекунад (ба истиснои ҳолате, ки дар натиҷаи зарари расонидашуда ҷабрдида ба ҳалокат мерасад). Ин мавқеъ ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи судӣ ба таври умум эътироф шудааст. Аз ҷумла, дар б.23 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 №3 баён шудааст, ки «Агар дар рафти ҳуҷуми роҳзанона бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, расонида шуда бошад, ҳаракати содиргардида бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо банди «г» қисми 3 моддаи 249 ва банди «в» қисми 3 моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шавад» [9, с. 92].

Бо чунин қарор розӣ нашудан имконнопазир аст, зеро таркиби ҷинояти роҳзанӣ аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдидаро дар бар намегирад. Ҳамчунин, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида мешавад, тасарруфи молу мулки ғайрро бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок фаро намегирад. Бо назардошти гуфтаҳои

боло, дар аввал чунин ба назар мерасад, ки метавон бо андешае розӣ шуд, ки одамкушии марбут бо роҳзаниро тибқи банди «и» қ.2 м.104 ва б. «г» қ. 3 м.249 КҶ ҶТбандубаст намудан лозим аст (ҳамчун одамкушии марбут ба роҳзанӣ ва роҳзание, ки бо расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида содир шудааст) [56, с. 42], [66, с. 453].

Аммо ҳолатҳои зерин дурустии чунин бандубастро зери шубҳа қарор медиҳанд. Аввал, банди «г» м.249 КҶ ҶТ дар бораи роҳзание сухан мегӯяд, ки бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шудааст.

Марг (биологӣ), ҳамчун қатъи фаъолияти ҳаётии организми инсон, ҳалокати ӯ, берун аз доираи зарари вазнин ба саломатӣ қарор мегирад (дар ҳолати дигар зарурати пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз ҳаёт маҳрум сохтани инсон вуҷуд намедошт).

Дар робита ба ин, ҷойи ҳайрат аст, ки Пленуми Суди Олии ҶТ ва муаллифоне, ки мавқеи онро ҷонибдорӣ мекунанд, дар ҳолати пайваст будани роҳзанӣ бо куштани ҷабрдида, ба категорияи «зарари вазнин ба саломатӣ», инчунин қасдан аз ҳаёт маҳрум кардани инсонро низ дохил менамоянд. Дар сурати қабули ин мантиқ, маҷбур мешавем ҳамаи ҳолатҳои одамкуширо ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст намоем – ҳам ҳамчун ҷинояти ба муқобили ҳаёт (одамкушӣ) ва ҳам ҳамчун ҷинояти муқобили саломатӣ (расонидани зарари вазнин). Ин аз он сабаб аст, ки одамкушӣ мустақиман бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ баробар карда намешавад, вале марг, ҳамчун оқибати охирини он, маҳз аз чунин зарари вазнин бармеояд.

Дувум, бояд қайд намуд, ки банди «и» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ ҷавобгарии вазнинтарро барои одамкушии бо роҳзанӣ алоқаманд пешбинӣ менамояд (ҷазо барои чунин ҷиноят маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бисту панҷ сол ё ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ мешавад). Аломати вазинкунандаи ин намуди одамкушӣ, тавре ки мебинем, содир намудани роҳзанӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ба андешаи Пленуми

Суди Олии ҶТ, қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ низ ҳисоб мешавад; барои ҷинояти дар қ.3 м. 249 КҶ ҶТ пешбинишуда, тавре маълум аст, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол муқаррар шудааст Ҳамин тавр, дар амал пешниҳод мегардад, ки ду маротиба ҳам барои роҳзанӣ ва ҳам барои одамкушӣ ҷазо дода шавад (роҳзанӣ ҳам ҳамчун ҷинояти мустақил ва ҳам ҳамчун аломати вазнинкунандаи одамкушӣ ба назар гирифта мешавад; одамкушӣ низ ҳам ҳамчун таркиби мустақил ва ҳам ҳамчун аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ арзёбӣ мегардад).

Аммо набояд фаромӯш кард, ки мутобиқи қ. 2 м.8 КҶ ҶТ« Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» [6]. Ин манъкунӣ, тавре маълум аст, як принсипи байналмилалӣ ва конститутсионии қонунгузории ҷиноятии ҶТ мебошад. Аз ин рӯ, дурусттар мебуд, ки роҳзание, ки зимни он одамкушии ҷабрдида содир шудааст, ҳамчун одамкушӣ марбут ба роҳзанӣ бандубаст карда шавад. Дар айни замон, агар бандубасти роҳзании бо одамкушӣ марбутбударо ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо роҳ диҳем, он бояд чунин бошад: м.249 КҶ ҶТ (роҳзанӣ бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси содиршавии он тибқи қ.1, қ. 2 ё қ.3 (вале дар ҳеҷ сурат тибқи б.«г» қ.3-и ҳамин модда не) бандубаст карда мешавад) ва б. «и» м. 104 КҶ ҶТ (одамкушӣ марбут ба роҳзанӣ).

Азбаски зӯроварӣ кирдори танҳо қасдона мебошад, пас ба аломати «зӯроварӣ», новобаста аз андозаи ҷазо барои он, набояд оқибатҳои аз беэҳтиётӣ рухдода дар натиҷаи истифода ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ дохил карда шаванд. Дар чунин ҳолатҳо бояд ё оқибатҳои зикршуда бо аломати гунаҳгории дугона (омехта) дар ҳолати мавҷудияти он дар таркиби вазнинкунандаи ҷинояти мазкури зӯроварона ба назар гирифта шаванд, ё бандубаст бояд дар маҷмуъ бо ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ ба муқобили шахсият содиршуда сурат гирад.

Чунин принсипи бандубаст дар ҳолатҳои аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида дар натиҷаи зӯроварии ҳангоми роҳзанӣ истифодашаванда имконпазир аст. Дар робита ба ин пешниҳод менамоем, ки барои ҳалли масъалаи баррасишаванда ба қонуни ҷиноятӣ тағйирот ворид карда шавад. Аз ҷониби мо пешниҳод мегардад, ки аломати иловагӣ ба қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ ворид карда шавад – б. «е» қ. 3 м.249 КҶ ҶТ «боиси аз беэҳтиётӣ ба марг расидани ҷабрдида гардидан». Дар айни замон амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ ин оқибатҳоро бо роҳи бандубасти маҷмуи ҷиноятҳо баҳо медиҳад. Ба ақидаи мо, оқибатҳои мазкур метавонанд танҳо бо б. «е» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ фаро гирифта шаванд, зеро санксияи қисми мазкури модда имкон медиҳад, ки принсипи адолат ва мутаносибати он ба вазнинии кирдори содиршуда риоя гардад.

**Содир намудани роҳзанӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок (б. «г» қ.3 м.249 КҶ ҶТ).**

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят» аз 12 декбари соли 2002 зикр шудааст, ки: «пешгирии ретсидиви ҷиноят дар ҳалли масоили марбут ба таҳкими қонуният ва истиқрори адолати иҷтимоӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маводҳои омӯхташуда шаҳодат медиҳанд, ки маҳз шахсони дар ҳолати ретсидив ҷиноят содирнамуда дигар шахсонро ба роҳи ҷинояткорӣ ҷалб намуда, бештар ҷиноятҳои нисбатан хавфнок содир менамоянд ва барои байни маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳӣ гузаронидани корҳои тарбиявӣ мамониат мекунанд» [9, с. 89]. Аз ин рӯ дар назари аввал мустаҳкам шудани ретсиди ҷиноят ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷазо ё аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳои алоҳида асоснок ба ҳисоб меравад.

Қонунгузор дигар рӯйхати махсуси ҷиноятҳоро, ки қаблан барои эътирофи шахс ҳамчун «ретсидивисти махсусан хавфнок» аҳаммият доштанд, истифода намекунад. Ба ҷойи он категорияҳои ҷиноятҳо тибқи м.

18 КҶ ҶТ (начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин) пешбинӣ шудаанд. Илова бар ин, мафҳуми «ретсидивисти махсусан хавфнок» низ аз Кодекс хориҷ гардида, акнун диққат ба ҳолатҳое равона мешавад, ки хавфнокии баланди ҷамъиятии кирдорро нишон медиҳанд. Дар натиҷа, қонунгузор танҳо мафҳумҳои «ретсидив», «ретсидиви хавфнок» ва «ретсидиви махсусан хавфнок»-ро муқаррар намудааст.

Мутобиқи қ.1 м.21 КҶ ҶТ «ретсидиви ҷиноят ҷинояти қасдан содирнамудаи шахсе эътироф мешавад, ки барои ҷинояти пештар қасдан содирнамудааш доғи судӣ дорад» [6].

Барои дар ҳолати ретсидив содиршуда эътироф намудани ҷиноят, қонунгузор як қатор аломатҳои ҳатмиро муқаррар намудааст. Пеш аз ҳама, ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд. Илова бар ин, барои ташаккули ретсидив зарур аст, ки шахс на камтар аз ду ҷинояти қасдона содир намуда бошад. Шарти муҳими дигари эътирофи ҷиноят дар ҳолати ретсидив мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содиршуда мебошад. Танҳо бо ҷамъ омадани ҳамаи аломатҳои мазкур, кирдор метавонад ҳамчун ретсидив арзёбӣ гардад.

Мутобиқи қ.2 м.21 КҶ ҶТ:

«Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин хавфнок дониста мешавад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан на камтар аз ду маротиба барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои дараҷаи миёна бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

в) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ба маҳрум сохтан аз озоди маҳкум шуда бошад» [6].

Дар қ.3 .21 КҶ ҶТ бошад ҳолатҳои ретсидиви ҷиноятро махсусан хавфнок эътироф намудан муқаррар шудааст:

«а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум карда шудааст, ё ин ки қаблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум шуда бошад» [6].

Дар қ. 4 м.21 КҶ ҶТ меъёри дорои аҳаммияти назаррас пешбинӣ шудааст. Тибқи ин қоида, «доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад»[6]. Ин муқаррарот ба манфиати тарбиявӣ ва иҷтимоии шахсони ноболиғ нигаронида шуда, мақсади он пешгирӣ аз шадидтар шудани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар оянда мебошад.Бинобар ҳамин лозим аст, ки ба муайян кардани ҳолати аз тарафи гунаҳгор дар кадом синну сол содир шудани ҷиноятҳо диққати махсус дода шавад.

Дар қ.4 м. 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин махсус қайд карда шудааст, ки «доғи судие, ки мувофиқи м. 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта ё барҳам дода шудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад» [6].

Ретсидиви ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун асос барои таъини ҷазои нисбатан вазнин эътироф шудааст. Ин ҳолат дар б «а» қ.1 м. 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, ретсидивро ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҳангоми таъини ҷазо пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, қонунгузор дар қ. 3 ҳамин модда маҳдудият ворид намудааст: «агар ретсидиви ҷиноят дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс ба сифати аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, онро суд такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирифта наметавонад» [6].

Намудҳои нисбатан вазнини ретсидив, ба монанди ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок дар баъзе аз моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят муқаррар гаштааст. Аз ҷумла дар таркиби роҳзанӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир намудани он ба сифати аломати вазнинкунанда дар б «д» қ.3 ва дар ҳолати рестсидиви махсусан хавфнок содир намудани он бошад дар б «а» қ.4 м.249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

**Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 вобаста ба аломати вазнинкунандаи мазкур тавзеҳ дода шудааст, ки** «ҳаракатҳои содиршударо бо нишонаи содир гардидани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки дар м.244,247,248 ва 249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, танҳо дар мавриди ҷой доштани шартҳое, ки дар м.21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, банду баст кардан мумкин аст» [9, с. 92].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибат ба ин аломати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти роҳзанӣ як хел нест.

Зеро ҳолатҳое ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят эътироф карда мешаванд, ки онҳо кирдори содиршударо тавсиф менамоянд ё ҳамзамон ҳам кирдор ва ҳам шахсияти гунаҳгорро ифода мекунанд. Аломатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳгор дахл доранд, набояд ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда баррасӣ шаванд. Дар робита ба ин, як қатор олимон пешниҳод намудаанд, ки ретседиви ҷиноят аз ҷумлаи аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят хориҷ карда шавад [224, с. 28], [200, с. 11].

Қ.Х. Мирзоев низ вобаста ба ин масъала андеша дорад, ки: «шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ.2 м.8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Аз ретсидиви ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят КҶ қариб ҳама давлатҳои собиқ шуравӣ ба монандӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, ФР ва дигарон даст кашидаанд. Бо

назардошти ин пешниҳод менамояд, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсиди хавфнок ва махсусан хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят на фақат аз м.248 КҶ ҶТ балки аз дигар ҷиноятҳо низ хориҷ карда шавад» [205, с. 130].

**Аломатҳои дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок (б «а» қ.4 м.249 КҶ) ва бо мақсади ба миқдори махсусан калон ба** даст овардани молу мулк (б «б» қ.4 м.249 КҶ ҶТ) ҳангоми таҳлили аломатҳои дар б «д» қ.3 ва б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ тавзеҳ дода шудаанд.

**Роҳзанӣ бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда содир шуда бошад (б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ).**

Бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда содир кардани роҳзанӣ ба сифати аломати вазнинкунанда дар б «в», қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар шудааст.

Мафҳуми силоҳ дар ҷинояти роҳзанӣ бо ягон хусусияти махсуси худ фарқ намекунад. Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 №3 «Дар мавриди бо б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ бандубаст кардани кирдорҳои гунаҳгор, ба судҳо лозим аст дар асоси хулосаи экспертиза муайян намоянд, ки оё олоти ҳангоми ҳуҷум истифодашуда силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда мебошад. Дар ҳолатҳои ҷой доштани асосҳо, ҳаракатҳои чунин шахс бояд ба таври иловагӣ бо м.195 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад» [9, с. 83].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти 2013, № 939 [8] силоҳро ҳамчун «васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда ва ё нишони дигар, додани ишораҳо (сигналҳо) таъин шудаанд» муайян намудааст.

Силоҳ метавонад, силоҳи оташфишон, силоҳи шикории оташфишони муштарак, ҳаводиҳанда, ишоракунанда, силоҳи пневматикӣ, газӣ, силоҳи сард бошад.

»**Силоҳи оташфишон** – силоҳе, ки барои бо гулӯлаи аз ҳисоби кулоҳаки

(заряди) борут ё кулоҳаки дигар ҳаракати самтнокгирифта ба тарзи механикӣ аз масофа ба ҳадаф зарба задан таъин шудааст» [8].

**Мафҳуми силоҳи** оташфишон ҳамаи намудҳои силоҳи ҷангӣ, хизматӣ ва ғайринизомӣ, аз он ҷумла худсоз, ки барои аз масофа бо снаряд ба ҳадаф расонидан таъин шудаасту аз ҳисоби қувваи заряди борут ва ё заряди дигар ҳаракати самтнок гирифтааст, дар бар мегирад. Ба ин гурӯҳ милтиқҳо, карабинҳо, таппончаҳо ва револверҳо, автомат ва пулемётҳо, миномётҳо, гранатамётҳо, тӯпҳо ва дигар ярокҳои оташфишон, новобаста аз қутрашон, дохил мешаванд.

**Таҳти мафҳуми силоҳи сард: «**бояд силоҳи бо тарзи саноати ё худсоз сохташудае, ки:

– барои зарба задан ба ҳадаф бо ёрии қувваи мушакҳои инсон ҳангоми бархӯрди бевосита бо объекти зарбазанӣ таъин шудаасту аз силоҳи сарди теғдор (ханҷар; кордҳои ҷангӣ, шикорие, ки силоҳ ҳисобида мешаванд; найза-кордҳо; шофҳо; шамшерҳо ва ғайра), дигар силоҳҳои бурранда, халанда поракунанда ё таъсирҳои гуногундошта (найзаҳо, табарҳои ҷангӣ ва ғайра), ҳамчунин силоҳи таъсири бо зарба-поракунанда дошта (кастетҳо, нунчакҳо, кистенҳо ва ғайра) иборат аст;

– ҳаводиҳанда буда, ки барои бо гулулаи аз ҳисоби мушакаҳои инсон (кордҳо ва табарҳои ҳаводиҳанда, найзаҳо ва ғайра) ё василаи ҳаракати самтнокгирифта аз масофа ба ҳадаф зарба задан, таъин шудааст (камонғӯлакҳо ва ғайра), фаҳмида мешавад (б.5 .Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш,ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» аз 23 нобябри 2012 №38» [9, с. 208].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе олимон мафҳуми силоҳро ҳангоми роҳзанӣ ба таври маҳдуд маънидод намуда, силоҳи газӣ ва силоҳи шикории

суфтамилро ба дигар предметҳои ҳамчун силоҳ истифодашаванда дохил мекунанд [123, с. 551]. Мафҳуми силоҳро В. Д. Иванов боз ҳам маҳдудтар маънидод карда, ба он дар роҳзанӣ танҳо силоҳи оташфишон ва сардро дохил кардааст [43, с. 122]. Аллбатта ин ба муқаррароти Қонун «Дар бораи силоҳ» ва таҷрибаи судӣ мувофиқат намекунад.

Масалан, шаҳрванд П.Р. бо мақсади роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасаруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ва таҳдиди истифодаи зӯроварӣ бо дастаи калидҳои дар дасташ буда қулфи дари манзили истиқоматии иҷорагирифтаи шаҳрванд Ч.Ж.-ро кушода, ғайриқонунӣ вориди манзили истиқоматӣ гардида, бо истифодаи тапончаи «гази»-и пневматикӣ, ки онро ҷабрдида Ч.Ж. ҳамчун тапончаи аслии ошташфишон гумонкарда буд, бо таҳдид ба пушти сараш як зарба зада, бо пояш ба шикамаш зада, ба замин хобондааст.Сипас, ӯ бо мақсади амалӣ, намудани нияти ҷинояткоронаи худ аз болои компютери дар хона буда маблағи пулии нақдро, ки 5000 (панҷ ҳазор) сомониро ташкил медод гирифта, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

Тибқи хулосаи эксперти судии тиббӣ, ҷароҳатҳои дар бадани шаҳрванди Ч. Ж. бардошташуда ба монанди харошаи болояш бо калахши қаҳваранг аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ҷароҳат аз таъсири ҷисми сахту кунд бардошта шуда, бо расонидани зарар ба саломати ҳамбастагӣнадошта мансуб дониста мешавад.

Мувофики хулосаи экспертизи судӣ-балистикӣ тапончаи пневматики тамғаи МР-654К, қутраш 4,5 мм, ки аз дасти айбдоршаванда П. Р. гирифта шудааст, истеҳсоли саноатӣ буда, барои тирпаронии варзишӣ пешбинӣ шуда, ба гурӯҳи силоҳи оташфишони ҷангӣ дохил намешавад, аз чиҳати техникӣ ба талабот ҷавобгуй аст ва барои истифода бурдан коршоям мебошад.

Суд кирдори шаҳрванд П.Р.-ро мутобиқи б. «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ бандубаст намуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати 15

(понздаҳ) сол, таъин намудааст [237].

Г. Л. Кригер дар роҳзанӣ ба силоҳ силоҳи ишоракунандаро низ дохил намуд [65, с. 358]. Чунин андеша аз ҷониби В.В. Мальцев [74, с. 49], З.А. Незнамова [120, с. 306], [135, с. 266] низ баён шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки чунин андешаҳо асоснок нестанд, зеро бо дарназардошти моҳияти таркиби роҳзанӣ ҳамчун таҷовузи зӯроварии ғаразнок ба моликият, на танҳо эътирофи ин ё он предмет ба сифати силоҳ, балки таъиноти мақсадноки он – зарба задан ба ҳадафи зинда муҳим аст. Силоҳи ишоракунанда бошад силоҳе, ки амалан барои додани ишораҳои (сигналҳои) чароғӣ, дудӣ ё овозӣ таъин шудааст (м.1 Қонун «Дар бораи силоҳ»).

Б. В. Волженкин, ба ғайр аз намудҳои дар боло номбаршуда, инчунин силоҳеро номбар кард, ки "таъсири зараррасони он ба истифодаи энергияи барқ, радиатсияи радиоактивӣ ва омилҳои биологӣ асос ёфтааст" [93, с. 409]. Азбаски чунин предметҳо ҳамчун силоҳ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи силоҳ" пешбинӣ нашудаанд, бинобар ин, ба андешаи мо, чунин предметҳоро ба сифати силоҳ ҳамчун асоси татбиқ намудани б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ ба инобат гирифтан мумкин нест.

Махсусан дар мавриди таркиби роҳзанӣ бояд ба мафҳуми силоҳи газӣ диққат дод. На ҳамаи он дар амалия ҳамчун силоҳ эътироф карда мешавад, ки ба аломати вазнинкунандаи м.249 КҶ ҶТ дохил мешавад; ин аз хосиятҳои газе, ки бо он силоҳи газӣ муҷаҳҳаз карда шудааст, вобаста аст. Азбаски роҳзанӣ дар асл, истифодаи зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатиро дар бар мегирад, силоҳи газӣ бояд ба талаботи номбаршуда ҷавобгӯ бошад.

Силоҳ бояд на танҳо ба ҳамаи аломатҳои силоҳ, ки дар қонуни дар боло зикршуда пешбинӣ гардидааст, ҷавобгӯй бошад, балки мувофиқи таъиноти бевоситаи он барои истифода, ки ба одамон ё мақсадҳои дигар зарар расонида метавонад, мувофиқ бошад.

Аз ин рӯ, ба аломатҳои силоҳ дохил намешаванд:

1) силоҳи номувофиқ, яъне силоҳе, ки аломатҳои силоҳро боягон сабаб аз даст додааст (шикаста, осеб дидааст ва ғайра);

2) макети силоҳ;

3) силоҳи бозича, ки зоҳиран ба силоҳи ҳақиқӣ монандӣ дорад;

5) силоҳи бетир.

Дар айни замон, бояд қайд кард, ки ҳар яке аз предметҳои номбаршуда метавонанд, ба сифати силоҳ барои зарба задан ба ҷабрдида истифода шаванд. Аммо дар б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ қонунгузор аломати бо истифода аз предметҳои ба сифати силоҳ истифодашавандаро муқаррар накардааст, бинобар ин вобаста ба ҳолатҳои кор чунин ҳаракатҳо танҳо аз рӯйи қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Чунончи, Т. А. ва Х. У. бо маслиҳати пешакӣ дар гурӯҳ ҷиноятро марбут ба роҳзанӣ дар ҳолатҳои зерин содир кардаанд.

Шаҳрванд Т.А. бо маслиҳати пешакӣ бо Х.У. бо мақсади роҳзанӣ ба шаҳрванд Х. Ш. ҳучум карда, охиринро таҳти лату кӯб қарор дода, бо истифода аз корди қатшаванда, таҳдиди расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ барои ҳаёт хавфнок, мансуб ба зарари сабук ба саломатӣ аз шаҳрванд Х.Ш. маблағи пулӣ ба андозаи 480 сомонӣ ва як адад телефонии мобилии тамғаи «Самсунг галакси мини С-4» арзишаш 500 сомониро ошкоро тасарруф намуда, зарари ҷиддӣ ба маблағи умумӣ 1000 сомонӣ расонидаанд.

Суд кирдори судшавандаҳо Т. А. ва Х. У.-ро аз рӯйи б «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ, яъне содир намудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бандубаст намудааст. Зеро ки мувофиқи хулосаи ташхиси криминалистӣ корди қадшавандаи истифода намудаи онҳо ба гурӯҳи силоҳи сарди халандаву буранда дохил намешавад [238].

Бо вуҷуди он ки силоҳи номувофиқ (ё бетир ва ғайра аз номгӯи дар боло овардашуда) аз хосиятҳои хавфнокии силоҳи воқеӣ маҳрум аст, набояд аз ҷониби ҷабрида дарк шудани чунин предметро ба сифати силоҳ, ки одатан нуқсони онро дарк намекунанд, ба назар нагирем. Зеро ҷабрдида бо асосҳои кофӣ чунин таҳдидро ҳамчун таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба ҳаёт ё

саломатӣ қабул мекунад.

Бинобар ин, мутобиқи б.25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 №3: «агар шахс дидаву дониста бо силоҳи корношоям ё заряддоркарданашуда ё силоҳи сунъӣ, масалан, бо макети таппонча, ханҷарбозича ва ғайра таҳдид карда бошад, ҳаракатҳои вай бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор, бояд чун роҳзанӣ дар асоси қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад» [9, с. 41-42].

Силоҳ бояд истифода карда шавад, яъне он бояд ба ҳаёт ё саломатии одамон зарар расонанд ё он бояд барои расонидани чунин зарар истифода шаванд. Танҳо силоҳро намоиш додан барои татбиқ шудани б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ асос шуда наметавонад.

Намоиши силоҳ - ин таҳдиди муайяни зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатӣ мебошад. Он аз истифодаи силоҳ фарқ мекунад, ҳамон тавре ки таҳдиди зӯроварӣ аз истифодаи зӯроварӣ фарқ мекунад [33, с. 86].

Таҳдиди зӯроварии хавфнок – ин аломати ҳатмии алтернативии (ба зӯроварӣ) қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ, яъне, яке аз ду тарзҳои эҳтимолии ҳуҷум (тарзи содиршавии кирдор) ба ҳисоб меравад. Татбиқи таҳдид ба истифодаи воқеии силоҳ бешубҳа дар муқоиса бо роҳзании оддӣ ва ҳатто зӯроварӣ ифодагари роҳзании хавфноктар аст, зеро истифодаи силоҳ ҳаракатҳои гунаҳгорро барои расонидани зарари ҷисмонӣ ба ҷабрдида ба таври назаррас баланд мебардорад. Аз ин рӯ, бо таҷрибаи судӣ оид ба бандубасти намоиши силоҳ розӣ шудан мумкин аст. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои дигар низ баён шудааст. Масалан, Г. Н. Борзенков [100, с. 201] байни истифодаи силоҳ ва намоиши он аломати баробарӣ мегузорад. А. И. Рарог [125, с. 168] ба мафҳуми истифодаи силоҳ ва дигар предметҳо ҳам истифодаи воқеии онҳоро барои расонидани зарар ба саломатӣ ва ҳам намоиши онҳоро бо таҳдиди истифодаи фаврӣ дар ҷараёни ҳуҷум дохил менамояд. З.А. Незнамова [135, с. 267] истифодаи силоҳро, аз ҷумла тавассути истифодаи предметҳо барои зӯроварии руҳӣ (намоиш додани

силоҳ) маънидод месозад.

П.С. Яни қатъиян изҳор медорад, ки ҳар гуна нишон додани силоҳи тирдор ба гунаҳгорон дар сурати таҳдиди воқеӣ, бигзор ӯ дар асл силоҳро барои расонидани зарар истифода набарад, маънои истифодаи онро ҳангоми роҳзанӣ дорад ва дар сурати набудани дигар ҳолатҳои вазнинкунанда бояд тибқи қ.2 м.162 КҶ ФР (қ. 4 м. 249 КҶ) ҷавобгарӣ татбиқ карда шавад [181, с. 34-39]. Б.В. Ятселенко дуруст қайд мекунад: барои ба ҷавобгарӣ кашидани чунин роҳзанӣ бо ҳолати вазнинкунанда танҳо як далели ошкор гардидани силоҳ дар гунаҳгор кам аст ва истифодаи ҳатмии силоҳ ҳангоми ҳуҷум (тир паррондан, захмӣ кардан бо корд ва ғайра) зарур аст [125, с. 393] .

Дар илм баъзан зери мафҳуми истифодаи силоҳ ё предмет истифодаи онҳо барои нобуд кардани шахс ё таҳдиди чунин истифодаи онҳо фаҳмида мешавад [72, с. 120], [161, с. 29]. Масалан, В.В. Векленко ва Е. Зайсева менависанд: «... ҳаракатҳои шахсро аз рӯйи аломати "бо истифода аз силоҳ ё предмете, ки ба сифати силоҳ истифода мешавад" дар ҳолатҳои ҳам истифодаи бевосита ё кӯшиши истифодаи онҳо барои расонидани зарари ҷисмонӣ ва ҳам таҳдиди истифодаи онҳо, вақте ки ин таҳдид воқеан аз ҷониби ҷабрдида қабул карда мешавад, бандубаст кардан лозим аст. Дар ин ҳолат, силоҳ ё предмете, ки ба сифати силоҳ истифода мешавад, бояд барои зарар расонидан аз рӯйи хусусиятҳои худ ба таври объективӣ мувофиқ бошанд» [161, с. 29].

Аммо, таҳдиди истифодаи силоҳ – ин таҳдиди зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатӣ аст, на ин ки истифодаи силоҳ. Таҳдиди истифодаи зӯроварии хавфнок дар қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, агар ба фаҳмиши истифодаи силоҳ, инчунин таҳдиди истифодаи он дохил карда шавад (ҳатто истилоҳоти истифода ва таҳдиди истифода нишон медиҳад, ки ин нодуруст аст, гарчанде ки он, аз ҷониби В. В. Векленко ва Е. Зайсева, инкор намудааст), ҷудо намудани чунин таҳдид аз намоиши силоҳ

ғайриимкон мегардад.

Дар асл, инро тарафдорони фаҳмиши васеи истифодаи силоҳ ё предмете, ки ба сифати он истифода мешаванд, эътироф мекунанд: "таҳдиди истифодаи силоҳ намоиши оддии он нест, гарчанде ки гузоштани сарҳад байни намоиши оддӣ ва таҳдид душвор аст" [128, с. 574].

Таҳлили мафҳуми "истифодаи силоҳ" - ро ба анҷом расонида, ба назар чунин мерасад, ки тафсири дурусти ин аломат, ки Г. М. Байзакова додааст, ба мувофиқтар ба назар мерасад: "Таҳти истифодаи силоҳ бояд истифодаи қасдонаи хосиятҳои зарба задани он ба ҳадафи зинда фаҳмидан лозим аст, вақте ки силоҳ ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасонад ё кӯшиши чунин зарар расонидан сурат мегирад. Намоиши силоҳро бояд ҳамчун таҳдид арзебӣ кард, ки ҳамчун аломати ҳатмии таркиби асосии ҷинояти зӯроварӣ, аммо на таркиби вазнинкунандаи он пешбинӣ шудааст» [185, с. 9].

Аломати вазнинкунандаи дар б « в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррашуда, инчунин истифодаи лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои таркандаро пешбинӣ месозад. Ба мафҳуми лавозимоти ҷангӣ мутобиқ м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи силоҳ» аз 19 марти 2013: «таҷҳизоти аслиҳа, ки барои зарба задан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳое таъин гардидаанд, ки барои зарба задан ба он мадад мерасонанд ва дорои кулоҳаки тарканда, ҳаводиҳанда, тарфгарӣ (пиротехникӣ), зада баровардан ва ё кулоҳаки якҷояи онҳо мебошанд. Ба лавозимоти ҷангӣ патронҳои силоҳҳои оташфишон ва газӣ низ дохил мешаванд» [8]. Ба категорияи лавозимоти ҷангӣ: «б.4 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи судӣ доир ба баррасии  парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш,ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» аз 23 нобябри 2012 №38 тири тӯп ва минаҳо, зарядҳои таркандаи ҳарбӣ-муҳандисӣ  ва минаҳо,

гранатаҳои зиддитанкии дастӣ ва реактивӣ, ракетаҳои ҷангӣ, бомбаҳои авиатсионӣ ва ғайраҳо, новобаста аз он ки воситаҳои тарканда доранд ё не ва барои зарба задан ба ҳадаф таъин шудаанд, ҳамчунин ҳамаи намудҳои патронҳо барои силоҳҳои оташфишони гуногун, новобаста аз қутрашон, ки дар завод сохта шудаанд ё худсоз мебошанд, ба истисной патронҳое, ки қисмҳои ба ҳадаф зарбазаниро надошта бошанд (снаряди-тир, картеч, сочма ва ғайра) ва барои ба ҳадаф зарба задан таъин нашуда бошанд» [9, с. 207], мансуб медонад.

**Таҳти мафҳуми моддаҳои тарканда** таркибҳои химиявӣ ё омехтагиҳои механикии моддаҳо, ки ба мубодилаи тези химиявии худпаҳншаванда-таркиш мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад. Ба инҳо мансубанд: тротил, аммонитҳо, пластитҳо, борути дуднок ва бедуд, сӯзишвории сахт барои ракета ва ғайра.

Ҳамин тавр, мафҳуми силоҳ мутобиқан ба б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ истифодаи васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда таъин шудааст, дар бар мегирад.

Истифодаи силоҳ бояд истифодаи қасдонаи хосиятҳои зарба задани он ба ҳадафи зинда фаҳмида шавад, вақте ки силоҳ ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасонад ё кӯшиши чунин зарар расонидан сурат мегирад. Намоиши силоҳро бояд ҳамчун таҳдид арзёбӣ карда ҳаракатҳои гунаҳгор вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор вобаста ба қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст гардад.

**Ҳамин тариқ аломатҳои вазнинкунандаи роҳзаниро баррасӣ намуда мо ба хулосаҳои зерин омадем:**

1. Ба назар мерасад, ки қонунгузор ҳангоми таҳия ва баён кардани аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ (б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ) истилоҳи «ба даст овардани молу мулк»-ро беасос истифода намудааст. Зеро, ба андешаи мо, ибораи мазкур пурра моҳияти роҳзаниро ҳамчун яке аз **шаклҳои тасарруф пурра ошкор намесозад. Вобаста ба ин б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ мумкин аст ба тариқи зайл ифода гардад: «бо мақсади тасарруфи молу мулк ба миқдори**

**калон».**

2. Мо бар он назарем, ки мафҳуми «гурӯҳи муташаккил»-ро бояд маҳз дар асоси аломати устуворӣ аз «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» фарқ кард.

Дар баробари ин ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, агар б.17 Қарори Пленум чунин тавзеҳот илова карда шавад: «Ҳангоми содир намудани дилхоҳ аз ин ҷиноятҳо дар ҳайати гурӯҳи муташаккил, новобаста аз он ки иҷрокунандагон чанд нафар мебошанд (як ё якчанд нафар), кирдорҳои ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил бояд тибқи бандҳои дахлдори моддаҳои 244, 248 ва 249 Кодекси ҷиноятии ҶТ бо аломати «гурӯҳи муташаккил» бе ишора ба қисмҳои дахлдори моддаи 36-и ҳамин Кодекс бандубаст карда шаванд».

3. Қонун иштироки шахс дар гурӯҳи муташаккилро танҳо бо кирдорҳои иҷрокунанда ё ҳамиҷрокунанда маҳдуд накардааст. Аз ин рӯ, аъзои гурӯҳи муташаккил, новобаста аз нақши дар гурӯҳ иҷронамудаашон, ҳамчун ҳамиҷрокунандаи ҷинояти содиршуда (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ғайра) эътироф мегарданд, ба шарте ки содир намудани чунин ҷиноят бо қасди онҳо фаро гирифта шуда бошад.

4. Дар б «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҳолати мазкур танҳо бо «шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ» маҳдуд карда шудааст. Ҳол он ки дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ чунин ҳолат дар шакли «шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» [6] мустаҳкам шудааст, ки доираи он нисбатан васеътар мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо, асоснoктар ба ҳисоб мерафт агар аломати мазкури вазнинкунанда дар қ.3 м.249 КҶ ҶТ дар намуди содир кардани роҳзанӣ «бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» [6] пешбинӣ карда мешуд.

5. Пешниҳод мегардад, ки аломати иловагӣ ба қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ ворид

карда шавад - б. «е» қ. 3 м.249 КҶ ҶТ «боиси аз беэҳтиётӣ ба марг расидани ҷабрдида гардидан». Дар айни замон амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ин оқибатҳоро бо роҳи бандубасти маҷмуи ҷиноятҳо баҳо медиҳад. Ба ақидаи мо, оқибатҳои мазкур метавонанд танҳо бо б. «е» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ фаро гирифта шаванд, зеро санксияи қисми мазкури модда имкон медиҳад, ки принсипи адолат ва мутаносибати он ба вазнинии кирдори содиршуда риоя гардад.

6. Ҳолатҳое ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят эътироф карда мешаванд, ки онҳо кирдори содиршударо тавсиф менамоянд ё ҳамзамон ҳам кирдор ва ҳам шахсияти гунаҳгорро ифода мекунанд. Аломатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳгор дахл доранд, набояд ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда баррасӣ шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳодҳо оид ба он ки ретседиви ҷиноят аз ҷумлаи аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят хориҷ карда шавад, асоснок шуморида мешавад.

### 3.3. Ҷудо намудани роҳзанӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд

Роҳзанӣ дар м.249 КҶ ҶТ чунин муайян шудааст: «роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» [6].

Вале дар КҶ ҶТ як қатор таркиби ҷиноятҳое ҷой доранд, ки вобаста ба аломатҳои таркиби худ бо роҳзанӣ наздики доранд ва ин барои бандубасти дуруст ва асосноки ҷиноят зарурати аз ҳам ҷудо намудани чунин таркибҳоро талаб месозад.

Яке аз чунин таркибҳо ин таркиби ҷинояти тамаъҷӯӣ ба ҳисоб меравад. Зеро таркиби роҳзанӣ бо таркиби тамаъҷӯӣ як қатор аломатҳои умумӣ дорад. Роҳзанӣ дар КҶ ҶТ ҳамчун: «ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ; тамаъҷӯӣ ҳамчун талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ё содир намудани дигар кирдори дорои

хусусияти молу мулкӣ бо таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ ё наздикони ӯ ё бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молумулки ғайр» [6] (қ.1 м. 250 КҶ ҶТ) муайян шудааст.

Дар умум ин ҷиноятҳо аз ҳамдигар вобаста ба доираи зиёди аломатҳо фарқ мекунанд. Масалан, вобаста ба предмет – предмети роҳзанӣ мумкин аст танҳо молу мулки ғайр бошад, дар тамаъҷӯӣ бошад инчунин ҳуқуқ ба молу мулк ва ҳаракатҳои хусусияти молу мулкӣ дошта; кирдор ҳангоми роҳзанӣ аз ҳуҷуми бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он алоқамандбударо дар бар мегирад, кирдор дар тамаъҷӯйи бошад аз талаби додани молу мулк иборат мебошад, ки бо таҳдид тақвият дода мешавад. Дар роҳзанӣ таҳдид аз истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, дар тамаъҷӯӣ таҳдид аз истифоди дилхоҳ зӯроварӣ ва дигар намудҳои таҳдид иборат аст.

Зарурати аз ҳам ҷудо намудани роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар тасарруф намудани молу мулки ғайр ҳангоми тамаъҷӯӣ бо истифодаи зӯроварӣ ( б «б» қ.2 м.250 КҶ ҶТ) ё бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (б «б» қ.3 м.250 КҶ ҶТ) содир шуда бошад.

Дар робита ба ин, барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ масъалаи аз ҳама мушкил фарқ кардани тамаъҷӯии молу мулк бо истифодаи зӯроварӣ содиршуда ва роҳзанӣ мебошад, ки аломати он низ, инчунин аз тасарруфи молу мулк бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он иборат мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ борҳо кӯшишҳои ҳалли масъалаи ҷудо кардани роҳзанӣ аз тамаъҷӯӣ ба харҷ дода шудаанд. Ҳамин тавр, С.В. Познишев чунин мешуморид, ки аз тасарруфи зӯроварӣ тамаъҷӯӣ бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми роҳзанӣ мазмуни таҳдид «бадӣ аст, ки дар сурати

иҷро нашудани талабот ба амал меояд, ҳангоми тамаъҷӯӣ восита метавонад, таҳдиди бадӣ низ бошад, ки танҳо дар оянда ба амал меояд» [91, с. 230].

Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятии шуравӣ гуфта мешуд, ки фарқияти асосии роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ аз хусусияти таҳдиди аз ҷониби гунаҳгор истифодашаванда иборат аст. Ҳангоми роҳзанӣ таҳдид воқеӣ ва мавҷуд аст; ҷинояткор ният дорад, ки онро фавран иҷро кунад, агар ҷабрдида молу мулкро дар вақти ҳуҷум ба ӯ надиҳад. Дар вақти роҳзанӣ байни таҳдид ва лаҳзаи ба даст овардани молу мулк (агар он воқеан мавҷуд бошад) ягон фарқияти назарраси вақт вуҷуд надорад. Ҳангоми тамаъҷӯӣ таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба оянда нигаронида шудааст, гунаҳгор ният дорад, ки онро дар оянда ва ба шарте амалӣ кунад, агар талаби ӯ иҷро нашавад [28, с. 204-205], [52, с. 225], [121, с. 165].

Дар адабиёти муосир омили ҷудо кардани роҳзанӣ аз тамаъҷӯии молу мулки ғайр хусусиятҳои на танҳо таҳдидро, балки зӯроварӣ, ки дар таркиби роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ аз рӯи мақсад, мазмун, самт ва лаҳзаи амалишавӣ фарқият дорад, ба назар мегиранд. А.Н. Лопашенко, масалан, баён медорад, ки таҳдид дар роҳзанӣ мумкин аст фавран амалӣ шавад; таҳдид дар роҳзанӣ бошад танҳо пас аз гузаштани ягон вақт, дар оянда [73, с. 40-41].

З. А. Незнамова қайд мекунад, ки ҳангоми роҳзанӣ зӯроварӣ усули ба даст овардани молу мулк баромад мекунад ва ҳангоми тамаъҷӯӣ барои тарсонидан хизмат мекунад; дар роҳзанӣ талаби додани молу мулк ва истифодаи зӯроварӣ ба замони ҳозира равона карда шудааст. Дар роҳзанӣ зӯроварӣ бо лаҳзаи гирифтани молу мулк мувофиқат мекунад; ҳангоми тамаъҷӯӣ, он одатан ба оянда нигаронида шудааст [119, с. 236].

А. И. Рарог чунин мешуморад, ки ҳангоми роҳзанӣ таҳдиди истифодаи зӯроварӣ воситаи бевосита ба даст овардани молу мулк хизмат мекунад; ҳангоми тамаъҷӯӣ вай талаби ғайриқонунии додани молу мулкро тақвият медиҳад; ҳангоми роҳзанӣ моликият ҳамзамон бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ сурат мегирад ё дарҳол пас аз он, ва ҳангоми тамаъҷӯӣ ният ба

гирифтани молу мулк дар оянда аз дасти ҷабрдида равона карда шудааст [65, с. 373]. Г.Л. Кригер, Г.Н. Борзенков низ чунин муҳокимаронӣ намудаанд. Масалан, Г.Н. Борзенков қайд менамояд, ки ҳангоми тамаъҷӯӣ зӯроварии ҷисмонӣ ин танҳо як шакли ифодаи зӯроварии равонӣ аст ва барои тақвияти таҳдидҳо барои истифодаи зӯроварии шадидтар дар сурати иҷро накардани талаботҳои тамаъҷӯӣ хизмат мекунад [68, с. 495]. С.А. Ступина аломатҳои асосӣ ва иловагии фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯиро номбар мекунад: асосӣ - лаҳзаи ба охир расидани таҷовузи ҷиноятӣ, мақсад истифодаи зӯроварӣ, самти таҳдиди зӯроварӣ, иловагӣ – мавҷудияти алтернатива дар рафтори ҷабрдида, тарзи гузариши молу мулк [219, с. 15].

А.В. Башков нишон медиҳад, ки агар ҳангоми роҳзанӣ таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ҳамчун воситаи бартараф кардани муқовимат ва тасарруфи молу мулк ё воситаи нигоҳ доштани он дар лаҳзаи татбиқи зӯроварии равонӣ бевосита хизмат кунад, дар таркиби тамаъҷӯӣ таҳдид аксар вақт ба оянда нигаронида шудааст. Ба ақидаи ин муаллиф, дар таркиби роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ низ таъиноти гуногун дорад. Дар таркиби роҳзанӣ он воситаи ба даст овардани молу мулк мебошад, дар тамаъҷӯӣ он таҳдидро тақвият медиҳад. Гирифтани молу мулк ҳангоми роҳзанӣ дар як вақт бо содир кардани ҳаракатҳои зӯроварӣ ё дарҳол пас аз содир кардани онҳо, дар ҳоле ки ҳангоми тамаъҷӯӣ қасди гунаҳгор мақсади ба даст овардани молу мулки зарурӣ дар оянда мебошад [188, с. 22].

Зӯроварӣ дар тамаъҷӯйи ҳамчун ба сифатти таҳдид хизмат намуда, самараи онро тақвият медиҳад [223, с. 162].

Аз баррасии хулосаҳои додашуда оид ба масъалаи таҳлилшаванда дида мешавад, ки қариб ҳамаи муаллифон ба сифати аломатҳои ҷудокунандаи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ ба чунин аломатҳо ба монанди таъинот, лаҳзаи истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ аз ҷониби шахси гунаҳгор диққат додаанд. Бо ин равиш ба фарқ кардани роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ дар маҷмӯъ

метавон розӣ шуд. Аммо бояд зикр намуд, ки танҳо хусусиятҳои зӯроварӣ ва таҳдид дар амалия ҳама вақт барои аниқ аз ҳам ҷудо намудани роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ ба таври возеҳ имкон намедиҳад.

Чунки ҳам дар тамаъҷӯӣ ва ҳам дар роҳзанӣ зӯроварӣ ин тарзи ба даст овардани молу мулки ғайр мебошад. Моҳиятан тамаъҷӯӣ ин маҷбуркунии ҷабрдида тавассути таҳдидҳо ба анҷом додани амалҳое мебошад, ки барои гунаҳгор ё шахси дигар фоидаи молу мулкӣ меоварад [39, с. 121-122]. Дар навбати худ, дар таркиби роҳзанӣ таҳдид бешубҳа, ҷабрдидаро метарсонад. Тавре ки Г. Н. Борзенков дуруст қайд кардааст, мақсади таҳдид ҳангоми роҳзанӣ – «иродаи ҷабрдидаро фалаҷ кардан, ӯро барои супоридани молу мулк маҷбур кардан ё барои ситонидан монеъа нашудан» [66, с. 450], ба ҳисоб меравад. Ҳам дар роҳзанӣ ва ҳам дар тамаъҷӯӣ таҳдид воқеӣ ва мавҷуд аст.

Инчунин, ба таври истисно наметавон гуфт, ки дар таркиби тамаъҷӯӣ таҳдид танҳо ба замони оянда нигаронида шудааст, яъне хусусияти оянда истифода шуданро дорад. Сохтори қонунгузории ҷиноят нишон медиҳад, ки он ба шакли маҷбуркунӣ тавассути таҳдид асос ёфтааст ва дар баъзе ҳолатҳо бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ҳамроҳ мегардад. Дар ин замина, таҳдид ҳамчун унсури таркиби таъмаҷӯӣ, илова бар хусусияти маҷбуркунанда, дорои аломати «хусусияти воқеӣ» низ мебошад, яъне хавфи воқеӣ ва амалӣ барои ҷабрдида вуҷуд дорад.Ҳамчунин, он ки ҳангоми тамаъҷӯӣ ҷинояткор молу мулкро аз дасти ҷабрдида «мегирад», аломати фарққунанда ба ҳисоб намеравад.

Дар асоси гуфтаҳо маълум мешавад, ки фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи самти қасд барои ба даст овардани молу мулки ғайр, ки аломати асосии инъикосгари фарқияти ҷиддии ин ҷиноятҳо мебошад, анҷом дода мешавад. Таркиби роҳзанӣ қасди ба даст овардани молу мулкро дар ҳоли ҳозир. (дар лаҳзаи истифодаи зӯроварӣ - ҷисмонӣ ё рӯҳӣ), ё фавран пас аз татбиқи он дар назар дорад. Ҳангоми тамаъҷӯӣ қасд барои ба даст

овардани молу мулки талабшаванда ба оянда равона карда шудааст (на дар лаҳзаи истифода таҳдидҳо, балки пас аз вақти муайян). Ин фарқияти асосии роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ аз мазмуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бармеояд, ки ҷавобгариро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунад.

Ба роҳзанӣ КҶ ҶТ ҳуҷум бо мақсади тасарруф, яъне ҳуҷум бо мақсади гирифтан ва ба фоидаи худ ё дигар шахсон табдил додани молу мулки ғайрро, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ дохил менамояд; моҳияти тамаъҷӯӣ аз талаби ғайриқонунӣ иборат аст, ки бо тарсондан, таҳдиди расонидани зарар (молумулкӣ, ҷисмонӣ ва дигар), ки бо ёрии он гунаҳгор шахсро ба қонеъ намудани ин талабот маҷбур мекунад. Сохтори таркиби тамаъҷӯӣ, тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ҳаракатҳои зерини гунаҳгор ва ҷабрдидаро пешбинӣ мекунад: талаби бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ё истифодаи зӯроварӣ алоқаманд; натиҷаи талаб дар шакли маҷбур кардани ҷабрдида ба додани молу мулк; аз тарафи ҷабрдида ба гунаҳгор додани молу мулки талабшаванда [39, с. 121-122].

Аломати дуюми ҷудокунандаи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ бояд «дараҷаи озодии» рафтори ҷабрдидаро эътироф кард. Ҳангоми роҳзанӣ ин «озодӣ» қариб ки вуҷуд надорад, ҷабрдида пурра зери таъсири ҷинояткор аст; ҳангоми тамаъҷӯӣ бошад, иконияти озодона амал намудани ҷабрдида пас аз талаби ғайриқонунӣ васеътар мебошад.

Аломати сеюми фарқгузорандаи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ таъиноти истифодаи зӯроварӣ ба ҷабрдида бояд эътироф карда шавад. Ҳангоми роҳзанӣ зӯроварӣ (ҷисмонӣ, равонӣ), барои фавран гирифтани молу мулки ғайр ё нигоҳ доштани он, дар давоми ҳуҷум ё бевосита пас аз он дар ҷойи содир шудани ҷиноят истифода мешавад. Дар тамаъҷӯӣ зӯроварии руҳӣ (аксар вақт бо зӯроварии ҷисмонӣ тақвият дода мешавад) мақсади маҷбур кардани ҷабрдидаро ба содир кардани амалҳое дорад, ки на дар лаҳзаи

истифодаи таҳдид, балки дар оянда ба ҷинояткор фоидаи молумулкӣ меоранд.

Аломатҳои муайяншудаи фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, албатта, бояд дар маҷмуъ ба назар гирифта шаванд; танҳо дар ин ҳолат бандубасти дурусти кирдор имконпазир аст.

Вобаста ба ин дар б.7 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №3 тавзеҳ дода шудааст, ки: «Дар вақти муайян намудани фаркияти байни тамаъҷӯӣ (м. 250 КҶ ҶТ) ва ғоратгарӣ ё роҳзанӣ ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми тамаъҷӯйи таҳдиди зӯроварӣ барои дар оянда гирифтани молу мулк равона карда шудааст, на ин ки ба лаҳзаи истифодаи таҳдид» [8, с. 36].

Ҷинояти дигаре, ки бо он роҳзанӣ наздикӣ дорад, ин **ғоратгарӣ** ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ эътироф шудааст, ки аз ғоратгарии зӯроварона роҳзанӣ бо хусусияти зӯроварӣ фарқ мекунад – дар таркиби ғоратгарӣ «зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ пешбинӣ шудааст; барои роҳзанӣ зӯроварие хос мебошад, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошад, ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ» [5].

Таркиби ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ ва роҳзанӣ вобаста ба лаҳзаи ҳуқуқии ба охир расидан низ фарқ мекунанд. Мутобиқи б.8 Қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ: «ғоратгарӣ дар мавриде тамомшуда ҳисобида мешаванд, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад»; роҳзанӣ «аз лаҳзаи ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо тахдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, тамомшуда ҳисобида мешавад» [8, с. 36]. Роҳзанӣ ва ғоратгарӣ бо тарзи гирифтани молу мулк низ фарқ мекунанд -ҳангоми роҳзанӣ гирифтани

молу мулк метавонад ҳам пинҳонӣ ва ҳам ошкоро бошад; ҳангоми ғоратгарӣ танҳо ошкоро [26, с. 480], [65, с. 360-361]. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки маҳз хусусияти зӯроварӣ аҳаммияти аввалиндарача, аломати муҳими ҷудокунанда дорад. Дигар аломат – лаҳзаи ба охир расидани ҷиноят, дар асл барои ҷудо кардани роҳзанӣ ва ғоратгарӣ дуюмдарача мебошанд.

Ҳангоми ҷудо кардани роҳзанӣ ва ғоратгарӣ бо роҳи зӯроварӣ баъзан дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Дар ҳолатҳои ба сифати роҳзанӣ бандубаст намудани кирдор, баъзан ба назар гирифа намешавад, ки барои гирифтани молу мулк кадом намуд зӯроварӣ истифода шудааст ва чунин ҳаракатҳо оё барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфи воқеиро ба вуҷуд овардaнд ё не.

Роҳзанӣ аз «**ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил** бидуни мақсади тасарруф, ки бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» [5] фарқ мекунад ( б. «в» қ. 3 м. 252 КҶ ҶТ). Фарқияти асосӣ дар ин аст: аломати асосии таркиби роҳзанӣ мақсади тасарруфи молу мулки ғайр мебошад; ҳангоми **ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бошад чунин аломат ҷой надорад, яъне ҷинояти мазкур бидуни мақсади тасарруф содир мешавад.**

Дар б.27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» аз 18 декабри соли 2009 №28 муқаррар шудааст, ки: «Ба судҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи тасарруфи воситаи нақлиёт бояд муайян намоянд, ки кадом далелҳои дар мурофиаи судӣ мавриди таҳқиқ қарор додашуда қасди шахсеро, ки рабудани воситаи нақлиёти зикргардидаро содир кардааст, барои ба фоидаи худи ӯ ё шахси дигар даровардани онро тасдиқ мекунанд. Агар суд муайян намояд, ки ҳаракатҳои ғайриқонунии

номбаршудаи шахс танҳо барои дар воситаи нақлиёти рабудашуда сафар кардан ё бо дигар мақсадҳо бе қасди ғаразнок содир карда шудааст, кирдори содирнамуда ҳангоми ҷой доштани асосҳо бояд ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф тибқи қисми дахлдори моддаи 252-и КҶ баҳо дода шавад» [8, с. 145].

Роҳзанӣ ба роҳзании обӣ монандӣ дорад (м. 183 КҶ ҶТ). Роҳзании обӣ ба ҷиноятҳои хусусияти байналмилалӣ дахл дорад; объекти он муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки амнияти ҷамъиятиро таъмин мекунанд. Роҳзании обӣ дар КҶ ҶТ ҳамчун «ҳуҷум ба киштии обӣ бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр, ки бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст»[5], муайян карда шудааст. Аз роҳзанӣ роҳзании обӣ бо хусусияти зӯроварӣ фарқ мекунад: таркиби роҳзании обӣ истифодаи ҳар гуна зӯроварии ҷисмониро дар назар дорад (дар шакли маҳдуд кардани озодӣ, латукӯб, азобу уқубат, расонидани зарари сабук, миёна, зарари вазнин ба саломатӣ). Таҳдид дар таркиби роҳзании обӣ аз ҷумла таҳдиди куштор, расонидани зарари сабук, миёна ва зарари вазнин ба саломатии ҷабрдидаро дар бар мегирад. Аз роҳзанӣ роҳзании обӣ аз рӯйи ҷои содир намудани ҷиноят низ фарқ мекунад. Тавре ки маълум аст, Конвенсияи Женева дар бораи баҳри кушод соли 1958, Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи баҳрӣ аз тасаввуроти роҳзании обӣ ҳамчун ҷинояти хусусияти байналмилалӣ бармеоянд, ки дар баҳри кушод ё дар доираи ҳудуди ягон давлат содир карда мешавад [48, с. 183], [67, с. 291]. Аз ин рӯ, ҳуҷум ба киштии баҳрӣ ё дарёӣ новобаста аз мансубияти он, бо мақсади ба даст овардани ин киштӣ ё молу мулки дар он мавҷудбуда, ки дар баҳри кушод содир шудаст, роҳзании обиро ташкил медиҳад. Агар ҳуҷум ба киштии баҳрӣ ё дарёӣ бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр дар обҳои дохилӣ ё ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад, пас он бояд мувофиқи м. 249 КҶ ҶТ ҳамчун роҳзанӣ бандубаст карда шавад.

Бо С.М. Кочои, ки фарқияти роҳзаниро аз роҳзании обӣ дар объекти ҳуҷум мебинад, розӣ шудан номумкин аст; ба ақидаи ӯ, киштии баҳрӣ ё дарёӣ танҳо ҳангоми роҳзании обӣ метавонад мавриди ҳуҷум қарор гирад. С.М. Кочои ба назар нагирифтааст, ки ҳангоми муайян кардани аломатҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ бояд тафсири он дар конвенсияҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин маврид В.С. Комиссаров дуруст қайд менамояд, ки «дар диспозитсияи м.227 КҶ ФР (м.183 КҶ ҶТ) муқаррар нашудани аломати ҷойи ҷойгиршавии киштӣ норасоии қонун ба ҳисоб меравад, чунки киштӣ бояд ҳатман берун аз ҳудуди сарҳади давлати дилхоҳ қарор дошта бошад. Дар акси ҳол масъалаи ҳалношавандаи рақобати байни роҳзании обӣ ва роҳзанӣ ба миён меояд» [67, с. 291].

Яке аз масъалаҳои мушкил ин фарқ намудани **роҳзанӣ аз таркиби бандитизм ба ҳисоб меравад**. Баъзан дар илм ин мушкилотро «нодида мегиранд» ва чунин зикр мекунанд: «Роҳзании гурӯҳии мусаллаҳро бояд аз бандитизм фарқ кард. Бандитизм бо аломати устувории гурӯҳи мусаллаҳ ва мақсади махсуси ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилотҳо хос мебошад. Дар ин ҳолат, одатан, мақсад гузошта мешавад, ки шумораи номаълуми чунин ҳуҷумҳо анҷом дода шаванд. Вале роҳзанӣ одатан як маротиба содир шуда, баъд аз он гурӯҳ пароканда мешавад» [125, с. 169].

К.Ҳ. Солиев низ ба умумият ва монандӣ доштани ҷиноятҳои номбурда ишора намуда чунин аломатҳои фарқкунандаи онҳоро пешниҳод намудааст: «объекти ҷиноят – агар муносибатҳои молу мулкӣ ба сифати объекти асосии роҳзанӣ маҳсуб ёбад, пас объекти бандитизмро амнияти ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Муносибатҳои молумулкӣ дар бандитизм ба сифати объекти иловагӣ баромад мекунанд.

Дигар фарқияти ҷиноятҳои номбурда дар таркиби онҳо аз рӯйи сохти (конструксияи) тарафи объективӣ зоҳир мегардад. Таркиби ҷинояти бандитизм кӯтоҳкардашуда буда, барои роҳбарони даста ва ташкилочиён аз лаҳзаи ташкил намудани гурӯҳ ва барои аъзоёни даста бошад аз лаҳзаи аъзо

шудан ба гурӯҳ хотимаёфта ҳисобида мешавад. Таркиби роҳзанӣ бошад расмӣ буда, аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта эътироф карда мешавад.

Дигар фарқияти ҷиноятҳои номбурда дар субъекти онҳо ифода меёбад. Агар субъекти роҳзанӣ шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 14 -сола расида бошад, пас субъекти бандитизм шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 16 расида маҳсуб меёбад» [145, с. 102].

Албатта чунин аломати фарқкунанда дуруст аст. Аммо дар сурате, ки гурӯҳи шахсон тибқи маслиҳати пешакӣ амал мекунанд. Вале агар роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо истифодаи силоҳ ва бо ҳамаи аломатҳои банда содир шавад, кадом аломатҳо бояд ба инобат гирифта шаванд? Ин савол то ҳол беҷавоб мемонад.

Дар ин ҳолат, бояд масъалаи ҷой доштани кадом ҷиноят ҳал карда шавад – роҳзанӣ ё бандитизм. Тавре ки маълум аст, бандитизм м. 186 КҶ ҶТ - ин «ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста) мебошад» [6].

Андешаҳои дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баёншавандаро вобаста ба ин масъала метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд.

Гурӯҳи аввали олимон дорои чунин мавқеъ мебошанд, ки агар гурӯҳи мусаллаҳ ва устувори шахсон ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифода аз зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошад, ё бо таҳдиди истифодаи он содир кунад, чунин ҳаракатҳои гунаҳгор дар маҷмуъ бояд тибқи моддаи 186 КҶ бандубаст карда шаванд (бандубасти иловагӣ тибқи моддаи 249 КҶ ҶТ дар ин ҳолат талаб карда намешавад, зеро бандитизм ҳамчун ҷинояти хавфноктар роҳзаниро фурӯ мебарад) [41, с. 43], [152, с. 17-20].

Масалан, ба андешаи В.М. Вюнов «истилоҳи «иштирок дар ҳамлаҳои анҷоммедодаи гурӯҳи ҷиноятии мусаллаҳ» ҷиноятҳои зӯровариро дар бар мегирад (ба истисноИ куштор), ки аз ҷониби гурӯҳи устувори мусаллаҳ анҷом дода шуда, кирдори содиршударо ба бандитизм табдил медиҳад. Ин

ҷиноятҳо унсурҳои таркибии бандитизм буда, зарурати бандубасти иловагиро тибқи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ талаб намесозанд» [192, с. 186-187].

В. С. Комиссаров низ баён медорад, ки тавсияи бандубаст оид ба маҷмуи ҷиноятҳои роҳзании мусаллаҳона, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, ба аз даст додани мазмуни бандитизм, аз даст додани мустақилияти сифатҳои объективӣ ва субъективии он оварда мерасонад. Дар ҳақиқат, агар эътироф карда шавад, ки ҳуҷуми роҳзании аз ҷониби гурӯҳи мусаллаҳи устувор содиршуда яке аз шаклҳои бандитизм нест, балки ҷинояти мустақил, пас пурсида мешавад, ки дар ин маврид иштирок дар даста, иштирок дар ҳуҷумҳои аз ҷониби даста мусаллаҳ содиршударо чӣ ташкил медиҳад?

Ба чунин хулоса Е. Благов низ омада, қайд месозад, ки: «Қонунгузор м.209 КҶ ФР (м.186 КҶ ҶТ)-ро ба боби 21 дохил кард. Пас, объекти асосии бандитизм муносибатҳо дар самти амнияти ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд. Тибқи қонун гурӯҳ бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилотҳо таъсис дода мешавад. Бо ин роҳ бандитизм як қатор объектҳои иловагӣ низ доро мебошад. Онҳо метавонанд муносибати дахлнопазирии ҳаёт ва саломатии инсон, моликият ва озодии ҷинсӣ ва ғайра бошанд. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки моддаҳои Қисми махсус, ки таркиби бандитизм ва кирдорҳои аз ҷониби дастаи мусаллаҳ ҳангоми ҳуҷум содиршавандаро пешбинӣ мекунад бо ҳамдигар дар аз рӯйи объекти ҷиноят рақобат мекунанд. Аён аст, ки ин рақобати ҷуз ва том (объект бандитизм нисбат ба объектҳои дар рафти ҳуҷум ҷой дошта васеътар мебошад). Дар натиҷа, метавон ба чунин хулосае омад, ки дар сурати рақобат кардани таркиби бандитизм бо дигар ҷиноятҳо, кирдор бояд тибқи м.209 КҶ ФР (м. 186 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад» [158, с. 12].

Олимони гурӯҳи дуюм ба хулоса меоянд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят аз тарафи аъзоёни банда бояд кирдор аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳои

м.209 КҶ ФР (м.186 КҶ ҶТ) ва моддаҳои дахлдори КҶ ФР (КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад. Зеро бандитизм ҳамчун таркиби ҷинояти хотимаёфта фаро расидани оқибатҳои муайянро дар бар намегирад [179, с. 9-10].

Вобаста ба ин А.А. Арзуманян баён медорад, ки «рақобати меъёрҳо байни роҳзании мусаллаҳона, ки аз тарафи гурӯҳи муташаккил содир мешавад ва бандитизм ҷой надорад, чунки инҳо таркибҳои мустақили ҷиноятҳо буда, роҳзании мусаллаҳонаи гурӯҳи муташаккил ин ҳуҷум намудан бо истифода аз силоҳ ё предметҳои ба сифати силоҳ истифода шаванда мебошад. Дар бандитизм бошад аломатҳои таркиби ҷиноят дигар ҳастанд: «ташкили гурӯҳи мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум намудан ба шаҳрвандон ё ташкилот, инчунин роҳбарӣ намудан ба он ё иштирок дар чунин гуруҳ. Бинобар ин иштирок дар чунин гурӯҳ ва ҳуҷумҳои анҷоммедодаи он бо мақсади тасарруф намудани молу мулк бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бояд ҳамчун бандитизм ва роҳзании аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда бандубаст гардад» [184, с. 114].

Дар он ҳолате, ки агар роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи устувор ва мусаллаҳи банда эътирофшаванда анҷом дода шавад, кирдорҳои гунаҳгорон маҷмӯи идеалии ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд, ки дар м.м.162 ва 209 КҶ ФР (м.249 ва м.186 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд [135, с. 171].

Каме мавқеи дигарро дар ин масъала Н.А. Лопашенко ишғол намуда, чунин андеша дорад, ки аломатҳои гурӯҳи муташаккил ва мусаллаҳӣ аломатҳои ҳатмии банда ба ҳисоб мераванд. Агар бандубаст мутобиқи б «а» қ.4 м.162 КҶ ( б «б» қ.3 м.249 КҶ ҶТ) ва м.209 КҶ (м.186 КҶ ҶТ) анҷом дода шавад, дар ин ҳолат дубора ба назар гирифтани чунин аломатҳо ба назар мерасад, ки ин бевосита ба принсипи адолат мухолифат менамояд. Бинобар ин, бандубасти аз ҳама дуруст дар ин маврид бояд бандубасти роҳзании мусаллаҳона, ки аз ҷониби банда содир шудааст, аз рӯйи қ.1 м.162 КҶ ( ё дигар қисмҳои он бо назардошти аломатҳои вазнинкунанда, ба ғайр аз

истифодаи силоҳ ва гурӯҳи муташаккил) ва м. 209 КҶ ФР анҷом дода шавад [73, с. 40-41].

Қарорҳои Пленуми Судии Олии ҶТ ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 ва «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 – уми июни соли 2004 аз бевосита ҳал намудани ин масъала канораҷӯйи намудаанд.

Дар б.13 Қарори Пленуми Судии Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 танҳо тавзеҳ дода шудааст, ки: «моддаи 186 КҶ ҶТ ҳамчун аломати ҳатмии бандитизм ягон гуна мақсади мушаххаси ҳуҷумҳои содирнамудаи гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устуворро пешбинӣ накардааст. Ин натанҳо бевосита аз худ кардани молу мулк, мабалағи пулӣ ё дигар арзишҳои қиматбаҳои шаҳрвандон ё ташкилот, балки куштор, таҷовуз ба номус, тамаъҷӯӣ, несту нобуд кардани молу мулки ғайр ва ҳоказоро низ дар бар мегирад (б10); м.186 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, иштирок дар дастаи мусаллаҳи устувор ё дар ҳуҷумҳои анҷоммедодаи он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои оқибатҳои эҳтимолии ҳаракатҳои ҷинояткоронаи гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, ки бинобар ин бандубасти иловагии оқибатҳои ҷинояткоронаи ҳуҷумҳое, ки таркиби мустақилро ташкил мекунанд, талаб менамоянд» [9, с. 205].

Ба андешаи мо, м.186 КҶ ҶТ ҷавобгариро нисбати худи факти ташкил намудани гурӯҳи мусаллаҳи устувор, роҳбарӣ ба он ё иштирок дар он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои содир намудани дигар ҷиноятҳо пешбинӣ намесозад. Бинобар ин, аз тарафи иштирокчиёни банда содир шудани ҷиноятҳои мушаххас бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Вобаста ба ин пешниҳод месозем, ки ба Қарори Пленуми Судии Олии ҶТ « Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 тавзеҳот бо чунин мазмун ворид карда шавад: «Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки дар м.186 КҶ ҶТ мафҳуми бандитизм ҷой доштани ягон хел мақсади ҳуҷуми аз ҷониби банда анҷомдодашавандаро ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ин ҷиноят муқаррар намесозад. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо судҳо бояд муқаррароти м.20 КҶ ҶТ -ро ба роҳбарӣ гиранд, ки мутобиқи он «ҳангоми содир намудани маҷмӯи ҷиноят шахс барои ҳар ҷинояти содирнамудааш дар асоси модда ё қисми дахлдори ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад» [6].

**Ҳамин тавр дар асоси таҳлили фарқияти роҳзанӣ аз дигар ҷиноятҳои ба он монанд метавон ба хулосаҳои зерин омад:**

1. Фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи самти қасд барои ба даст овардани молу мулки ғайр, ки аломати асосии инъикосгари фарқияти ҷиддии ин ҷиноятҳо мебошад, анҷом дода мешавад. Таркиби роҳзанӣ қасди ба даст овардани молу мулкро дар ҳоли ҳозир (дар лаҳзаи истифодаи зӯроварӣ - ҷисмонӣ ё рӯҳӣ), ё фавран пас аз татбиқи он дар назар дорад. Ҳангоми тамаъҷӯӣ қасд барои ба даст овардани молу мулки талабшаванда ба оянда равона карда шудааст (на дар лаҳзаи истифода таҳдидҳо, балки пас аз вақти муайян). Ин фарқияти асосии роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ аз мазмуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бармеояд, ки ҷавобгариро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунад.

2. Аз ғоратгарии зӯроварона роҳзанӣ бо хусусияти зӯроварӣ фарқ мекунад – дар таркиби ғоратгарӣ зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ пешбинӣ шудааст; барои роҳзанӣ зӯроварие хос мебошад, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошад, ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ. Таркиби ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ ва роҳзанӣ вобаста ба лаҳзаи ҳуқуқии ба охир расидан низ фарқ мекунанд – ғоратгарӣ «дар мавриде тамомшуда ҳисобида мешаванд, ки агар молу мулк

гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад»; роҳзанӣ «аз лаҳзаи ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо тахдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, тамомшуда ҳисобида мешавад» [9, с. 36].

3. Моддаи 186 КҶ ҶТ ҷавобгариро нисбати худи факти ташкил намудани гурӯҳи мусаллаҳи устувор, роҳбарӣ ба он ё иштирок дар он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои содир намудани дигар ҷиноятҳо пешбинӣ намесозад. Бинобар ин, аз тарафи иштирокчиёни банда содир шудани ҷиноятҳои мушаххас бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Вобаста ба ин пешниҳод месозем, ки ба Қарори Пленуми Судии Олии ҶТ « Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 , №15 тавзеҳот бо чунин мазмун ворид карда шавад: «Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки дар м.186 КҶ ҶТ мафҳуми бандитизм ҷой доштани ягон хел мақсади ҳуҷуми аз ҷониби банда анҷомдодашавандаро ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ин ҷиноят муқаррар намесозад. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо судҳо бояд муқаррароти м.20 КҶ ҶТ -ро ба роҳбарӣ гиранд, ки мутобиқи он ҳангоми содир намудани маҷмӯи ҷиноят шахс барои ҳар ҷинояти содирнамудааш дар асоси модда ё қисми дахлдори ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад».

# ХУЛОСА

Дар диссертатсия масъалаи мушаххаси илмӣ оид ба таҳқиқи хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва бандубасти он мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи ҷамъбаст ва таҳлили масъалаҳои мазкур хулосаҳои зерин ба даст оварда шудаанд.

**Хулосаи таҳқиқоти танзими ҳуқуқии ҷиноятии роҳзанӣ, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ чунин ҷиноятҳо, ба монанди дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, дар аксари ҳолатҳо бидуни муайян кардани таркиби ҷудогонаи онҳо танҳо дар декретҳо ва қарорҳои ҳукумат зикр мешуданд. Таърифи роҳзанӣ бори аввал дар Дастурамали муфаттишони халқӣ, ки соли 1920 қабул шуда буд, дода шудааст.

Тибқи ин дастурамал, роҳзанӣ – ин тасарруфи моликият мебошад, ки воситаи расидан ба он ё содир намудани одамкушӣ ё расонидани ҷароҳат ё дигар осеби ҷисмонӣ, ё таҳдид бо ин ё он оқибатҳои барои ҳаёт ё саломатӣ вазнин баромад намудааст. Ин муқаррарот роҳзаниро ҳамчун тасарруфе, ки бо зӯроварии хавфнок ё таҳдиди куштор содир мегардад, ба таври қатъӣ муаррифӣ кард.

2. Дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми роҳзанӣ ва таркиби он бори аввал дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 муқаррар шуд, ки мутобиқи он: «Роҳзанӣ – ин ошкоро бо мақсади тасарруфи молу мулк, ҳуҷум намудани шахси алоҳида ба шахси дигар ҳисоб мешавад, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ, таҳдиди марг ё маъюб кардан алоқаманд мебошад» [5-М].

3. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 роҳзанӣ чунин муайян мегардид: роҳзанӣ, яъне ошкоро бо мақсади тасарруф намудани молу мулк ҳуҷум намудан якҷоя бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок (м.202 КҶ). Дар фарқият аз м.231 КҶ ҶШС Ӯзбекистон КҶ соли 1935 таҳдиди истифодаи зӯровариро дар таркиби роҳзанӣ пешбинӣ наменамуд. Ғайр аз ин, дар м. 202 КҶ ҶШС Тоҷикистон дигар ишорае ба «ҳамлаи шахси алоҳида» нишон дода

намешуд, ки ин махдудияти содир кардани ҷинояти мазкурро танҳо аз ҷониби шахси алоҳида аз байн мебурд. Зеро дар қонунгузориҳои қаблӣ ба роҳзанӣ ҳамлаи шахси алоҳида бо мақсади тасарруфи моликият эътироф мешуд ва агар он аз тарафи гурӯҳи шахсон анҷом дода мешуд, ҳамчун бандитизм баҳогузорӣ мегардид.

4. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 фарқияти ҷавобгариро барои ҷиноятҳои молумулкӣ вобаста ба шакли моликият – сотсиалистӣ (давлатӣ ё коллективӣ) ё шахсӣ ба таври қатъӣ муқаррар кард. Дар робита ба ин, дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ду боби алоҳида ҷудо карда шуданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ба муқобили моликият пешбинӣ мекарданд: Боби II – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ» ва Боби V – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон».

5. Таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба роҳзаниро метавон ба чор давра чудо намуд; давари аввал аз соли 1917 – 1922, давраи дуюм 1922–1935, даври сеюм 1935–1961, давраи чорум 1961–1998 **[5-М].**

6. Ҷудо намудани таркиби роҳзанӣ реша дар анъанаи ҳуқуқии давраи шуравӣ дорад. Ин ҳолат аз он вобаста аст, ки дар қонунгузории бисёр кишварҳои ҷаҳон миёни ҷиноятҳои монанд, аз қабили ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ, сарҳади возеҳ ва устувор мавҷуд нест. Дар натиҷа, чунин норавшании мафҳумӣ дар амалия ба мушкилоти ҷиддӣ оварда мерасонад, хусусан ҳангоми муайян намудани дараҷа ва хусусияти зӯроварие, ки дар ҷараёни содир кардани ҷиноят истифода шудааст.

7. Оғоз намудани боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз таркиби роҳзанӣ асосноктар ба назар мерасад, зеро ин ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси КҶ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон бештар мувофиқ мебошад.

8. Роҳзанӣ, пеш аз ҳама, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи моликият таҷовуз мекунад. Чунин муносибатҳо байни соҳиби молу мулк ё соҳиби қонунии он ва шахсони сеюм ба вуҷуд меоянд. Онҳо ба татбиқи ҳуқуқи моликият, инчунин

ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории молу мулк дахл доранд. Ба сифати объекти асосии иловагӣ ҳангоми роҳзанӣ неъматҳои шахсият – ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсият баромад менамоянд [1–М]..

9. Ҷойгир намудани таркиби роҳзанӣ дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили моликият асоснок мебошад, зеро гунаҳгор ҳангоми таҷовуз пеш аз ҳама мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайрро дошта, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ танҳо воситаи ноил шудан ба чунин мақсад ба ҳисоб меравbooked [6-М].

10. Ба сифати предмети роҳзанӣ танҳо он молу мулке баромад карда метавонанд, ки хусусиятҳои муайяни ҷисмонӣ дошта бошанд, ки ин ба андоза ва вазни онҳо тааллуқ дорад, ин молу мулке буда метавонад, ки онро гунаҳгор ҳамроҳ бурдан ё интиқол дода метавонад, яъне он бояд молу мулки манқул бошад.

11. Дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ буд, агар мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад.

12. Таҳдиди зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст, дар калимаҳо, ишораҳо, намоиши силоҳ ё дигар предметҳо ифода меёбад, ки метавонад дар ҷабрдида тарси воқеӣ аз истифодаи воқеии онҳо ба вуҷуд орад. Таҳдид метавонад тавассути сухан, имову ишора ё ҳаракатҳои гуногун татбиқ шавад [4-М].

13. Роҳзанӣ дорои таркиби расмӣ мебошад. Истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок гарчанде аломати ҳатмии таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо он аломати оқибат набуда, балки усули содир намудани кирдор ҳангоми роҳзанӣ мебошад. Бинобар ин, ҳамчун таркиби моддӣ шинохтани роҳзанӣ беасос шуморида мешавад.

14. Таркиби асосии роҳзанӣ фаро расидани ягон оқибатро дар бар намегирад. Оқибат берун аз тарафи объективии кирдор қарор дорад ва муқаррар намудани муносибати руҳии субъект нисбати он талаб карда намешавад. Бинобар ин, қасди шахс ҳангоми роҳзанӣ танҳо бо дарк намудани хусусиятҳои кирдор маҳдуд

мегардад, яъне гунаҳгор дар содир намудани роҳзанӣ дарк менамояд, ки зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯровариро амалӣ намуда истодааст ва мехоҳад чунин ҳаракатҳоро ба сифати воситаи ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё шахси дигар истифода барад. Ҷой доштани танҳо қасди бевосита ҳангоми содиршавии роҳзанӣ аз ҷумла бо ҳатмӣ будани мақсади ғаразнок асоснок мегардад.

15. Қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз 14-солагӣ, бешак, дуруст ба назар гирифтааст, ки маҳз дар ҳамин синну сол давраи ба ном гузариш дар ҳаёти инсон ба анҷом мерасад, ки бо камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс алоқаманд буда, шахсияти наврас ташаккул меёбад. Маҳз бо расидан ба синни 14-солагӣ рушди иҷтимоии ноболиғ ба он дараҷае мерасад, ки ӯ қобилияти дарк намудани на танҳо мазмун ва хавфнокии ҷамъиятии баъзе ҷиноятҳо, балки моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро низ пайдо мекунад.

16. Фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи самти қасд барои ба даст овардани молу мулки ғайр, ки аломати асосии инъикосгари фарқияти ҷиддии ин ҷиноятҳо мебошад, анҷом дода мешавад. Таркиби роҳзанӣ қасди ба даст овардани молу мулкро дар ҳоли ҳозир (дар лаҳзаи истифодаи зӯроварӣ – ҷисмонӣ ё рӯҳӣ), ё фавран пас аз татбиқи он дар назар дорад. Ҳангоми тамаъҷӯӣ қасд барои ба даст овардани молу мулки талабшаванда ба оянда равона карда шудааст (на дар лаҳзаи истифода таҳдидҳо, балки пас аз вақти муайян). Ин фарқияти асосии роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ аз мазмуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бармеояд, ки ҷавобгариро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунад [3-М].

17. Ҳолатҳое ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят эътироф карда мешаванд, ки онҳо кирдори содиршударо тавсиф менамоянд ё ҳамзамон ҳам кирдор ва ҳам шахсияти гунаҳгорро ифода мекунанд. Аломатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳгор дахл доранд, набояд ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда баррасӣ шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, ки ретсидиви ҷиноят аз ҷумлаи аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят хориҷ карда шавад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятҳои пасошуравӣ пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.249 КҶ ҶТ ибораи «таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ» бо ибораи «таҳдиди **бевосита** истифода шудани чунин зӯроварӣ»иваз карда шавад; пас аз ибораи «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок» ибораи «нисбати **шахси зери ҳуҷум қарордошта» илова карда шавад.**

2. Пешниҳод мешавад, ки дар б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ ибораи "бо маслиҳати пешакӣ" хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо "содиршудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон" мустаҳкам карда шавад. **Зеро хавфнокии оқибатҳои роҳзанӣ, ки** аз ҷониби гурӯҳи шахсон бидуни маслиҳати пешакӣ содир мешавад, аз оқибатҳои роҳзанӣ, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, камтар нест.

3. Муайян намудани ҷавобгарии пурзӯр барои такроран содир намудани ҷиноят, аз ҷумла дар ҳолати роҳзанӣ бешубҳа ба он асос ёфтааст, ки шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, хавфнокии бештари ҷамъиятӣ доранд, зеро майли устувори онҳоро ба содир намудани ҷиноят нишон медиҳанд. Аммо, бо назардошти он ки асоси пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо асосан ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста аст, на ба худи кирдор, мақсаднок ба назар мерасад, ки ин аломати вазнинкунанда аз м. 249 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

4.Пешниҳод мегардад, ки аломати иловагӣ ба қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ ворид карда шавад – б. «е» қ. 3 м.249 КҶ ҶТ «боиси аз беэҳтиётӣ ба марг расидани ҷабрдида гардидан». Дар айни замон амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ин оқибатҳоро бо роҳи бандубасти маҷмӯи ҷиноятҳо баҳо медиҳад. Ба ақидаи мо, оқибатҳои мазкур метавонанд танҳо бо б. «е» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ фаро гирифта шаванд, зеро санксияи қисми мазкури модда имкон медиҳад, ки

принсипи адолат ва мутаносибати он ба вазнинии кирдори содиршуда риоя гардад [2-М].

5. Дар б «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҳолати мазкур танҳо бо «шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ» маҳдуд карда шудааст. Ҳол он ки дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ чунин ҳолат дар шакли «шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» мустаҳкам шудааст, ки доираи он нисбатан васеътар мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо, асосноктар ба ҳисоб мерафт агар аломати мазкури вазнинкунанда дар қ.3 м.249 КҶ ҶТ дар намуди содир кардани роҳзанӣ «бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» пешбинӣ карда мешуд.

6. Ба назар мерасад, ки қонунгузор ҳангоми таҳия ва баён кардани ин аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ истилоҳи «ба даст овардани молу мулк»-ро беасос истифода намудааст. Зеро ба андешаи мо ибораи мазкур пурра моҳияти роҳзаниро ҳамчун яке аз **шаклҳои тасарруф пурра ошкор намесозад. Вобаста ба ин б «а» қ.3 м.249 КҶ ҶТ мумкин аст ба тариқи зайл ифода гардад: «бо мақсади тасарруфи молу мулк ба миқдори калон».**

7. Ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо истифодаи силоҳ, балки предметҳои дигари ба сифати силоҳ истифодашаванда низ дар б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

8. Нисбати дигар ҷиноятҳое, ки мумкин аст бо роҳзанӣ алоқаманд бошанд, масалан **м. 194. Тасарруфи маводи радиоактивӣ (б «б» қ.3), м. 202(2) Тасарруфи прекурсорҳо (б «в» қ.3)** ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо аз синни шонздаҳсолагӣ оғоз мегардад. Чунин вазъиятро ба таври мантиқӣ ва мақсаднок арзёбӣ кардан мушкил аст, зеро хавфнокии ҷамъиятии роҳзанӣ асосан на ба он вобаста аст, ки шахси гунаҳгор кадом ашёро тасарруф мекунад ё мехоҳад тасарруф кунад, балки ба усули содир кардани ин ҷиноят – бо истифода аз зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок

аст, вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, муқаррар намудани синну соли гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои амалан якхела ба принсипи криминализатсия, бахусус ба принсипи мутобиқати низомию ҳуқуқӣ мухолифат дорад. Дар ин робита пешниҳод мешавад, ки қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ тағйир дода шуда, ба чунин номгӯй м.194 ва м.202.2 КҶ ҶТ илова карда шаванд.

9. Пешниҳод мешавад, ки дар қонуни ҷиноятӣ таърифи ангезаи ғаразнок чунин муқаррар карда шавад: "Таҳти мафҳуми бо ангезаи ғаразнокӣ бояд хоҳиши ошкори гунаҳгор барои ба даст овардани фоидаи молумулкӣ ва дигар намуди фоидаи шахсӣ фаҳмида шавад».

10. Баррасии устуворӣ ба сифати аломати фарқкунандаи «гурӯҳи муташаккил» аз «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» асоснок ба назар мерасад. Вобаста ба ин устувории гуруҳ бо як қатор аломатҳо муайян мегардад:

1) давомнокӣ ё шиддати фаъолияти ҷиноятӣ, ки дар содир намудани якчанд ҷиноят ё кирдорҳое, ки як ҷинояти ягонаи давомдорро ташкил медиҳанд, ифода меёбад;

2) мутташаккилии иштирокчиёни гурӯҳ (муайянии сохтории гурӯҳ, мавҷудияти роҳбарӣ, низоми алоқа ва идоракунӣ);

3) ҳайати нисбатан муътадили иштирокчиёни гурӯҳ;

4) доимӣ будани шаклҳо ва усулҳои фаъолияти ҷиноятӣ.

11. Моддаи 186 КҶ ҶТ ҷавобгариро нисбати худи факти ташкил намудани гурӯҳи мусаллаҳи устувор, роҳбарӣ ба он ё иштирок дар он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои содир намудани дигар ҷиноятҳо пешбинӣ намесозад. Бинобар ин, аз тарафи иштирокчиёни банда содир шудани ҷиноятҳои мушаххас бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

## НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137.

[2]. Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Матбааи якуми Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот, 1982. – №3 (812). – 119 с.

[3]. Ведимостҳои Совети Олии ҶТ [Матн]. – Душанбе: Матбааи якуми Комитети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот, 1992. – №24 (1033). – м. 345. – 154 с.

[4]. Ведомости Верховного Совета СССР [Текст]. – 1947. – №19. – 471 с.

[5]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // mmk.tj /content/кодекси-мадании-Ҷумҳурии-Тоҷикистон (санаи муроҷиат: 11.09.2025).

[6]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //mmk .tj/c onte nt/код екси-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат: (12.06.2025).

[7]. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 3 ноябри соли 1995 № 994 [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // mmk.tj / content / қонуни-конститутсионии- ҷумҳурии- тоҷик истон-дар-бораи-низоми-ҳуқуқии-вазъияти-фавқулодда (санаи мурочиат: 26.08.2025)

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти 2013, № 939 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //www.mmk.tj /content/ қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-силоҳ (санаи мурочиат 28.01.2024).

[9]. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 449 с.

[10]. Модельный Уголовный Кодекс. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств (с изменениями от 16 ноября 2006 г.) / Принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: //docs.c ntd.ru/docu ment/901781490 (дата обращения: 24.09.2023).

[11]. Нормативное постановление Верховного Суда Республики Казахстан от 11 июля 2003 года N 8. О судебной практике по делам о хищениях // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // adilet.zan.kz /rus/docs/ P03000008S (дата обращения: 24.09.2023).

[12]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи муроҷиат: 24.09.2025)

[13]. Уголовный закон Латвии Закон, принятый Сеймом 17 июня 1998 года и обнародованный Президентом государства 8 июля 1998 года (С изменениями, внесёнными по состоянию на 12 декабря 2024 года) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // docs.yan dex.ru/docs/ view?tm =1756986200&tld=ru&lang=ru&name=Ugolovnij-Zakon-Latvii-2025.pdf&text (дата обращения: 07.09.2025).

[14]. Уголовный кодекс Армении от 5 мая 2021 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // hrlib.kz/document/ 176585 (дата обращение: 19.03.2025).

[15]. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/ Document/? doc_id=36675065 (дата обращения: 02.08.2025).

[16]. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.01.2025 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz /Document/? doc_id =0414984&doc_id2=30414984# activate_doc=2&pos = 55; - 105.

19999694824219&pos2 =1899; - 90.19999694824219 (дата обращение: 19.01.2025).

[17]. Уголовный Кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online. zakon.k z/ Document/?doc_id =31575252 (дата обращения: 01.09.2025).

[18]. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 06.06.2024 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.za kon.kz /Document/?doc_id =303949 23&doc_id2 (дата обращения: 01.09.2025). =30394923#pos= 274; -105.19999694824219&pos2=2471; -82.19999694824219 (дата обращения: 01.09.2025).

[19]. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.02.2025 г.) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: online. zako n.kz/ Document/?doc_id=30421110 &doc_ id2=30421110#activate_d oc=2&pos=232; -106 .19999694824219&pos2=1992;-92.19999694824219 (дата обращения: 01.09.2025).

[20]. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.01.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //onlin e.zakon.kz /Document/?do c_id=30397073&doc_id2 =30397073#activate_doc=2&pos=69;-97&pos2=1605;-69 (дата обращения: 01.09.2025).

[21]. Уголовный кодекс Узбекской ССР. 1926 г. [Текст] // Собрание Узаконений УзССР. – №11 – 12. – Ст. 54.

[22]. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года № 2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.01.2025 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online. zakon. kz/Doc ument/ ?doc_id=30418109&doc_id2=3041 8109#activate_doc=2& pos=36;-84.19999694824219&pos2=1766;-102.19999694824219 (дата обращения: 01.09.2025).

[23]. Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии = The Criminal Code of The Federal Republic of Germany: The Criminal Code of The

Federal Republic of Germany: В ред. от 13 нояб. 1998 г. по состоянию на 15 мая 2003 г. / Науч. редактирование и вступ. ст. Д.А. Шестакова; Предисл. Г.Г. Йешека; Пер. с нем. Н. С. Рачковой. - СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003 (Акад. тип. Наука РАН). – 522 с.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[24]. Безверхов, А.Г. Имущественные преступления [Текст] / А.Г. Безверхов. – Самара, 2002. – 395 с.

[25]. Богданчиков, С.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты преступлений против собственности [Текст] / С.В. Богданчиков. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2017. – 240 с.

[26]. Бойцов, А.И. Преступления против собственности [Текст] / А.И. Бойцов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 773 с.

[27]. Владимиров, В.А. Квалификация похищений личного имущества [Текст] / В.А. Владимиров. – Москва : Юрид. лит., 1974. – 208 с.

[28]. Владимиров, В.А., Ляпунов Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность [Текст] / В.А. Владимиров, Ю.И. Ляпунов. – Москва: Юрид. лит., 1986. – 221 с.

[29]. Волженкин, Б.В. Вопросы квалификации краж, грабежей и разбоев, совершенных с целью завладения личным имуществом граждан [Текст] / Б.В. Волженкин. – Ленинград: Ин-т усоверш. следств. работников, 1981. – 35 с.

[30]. Волженкин, Б.В. Уголовная ответственность юридических лиц [Текст] / Б.В. Волженкин. – СПб., 1998. – 37 с.

[31]. Гаухман, Л.Д. Борьба с насильственными посягательствами [Текст] /Л.Д. Гаухман. – М.: Юридическая литература, 1969. – 120 с.

[32]. Гаухман, Л.Д., Максимов С.В. Ответственность за преступления против собственности. 2-е изд., испр [Текст] / Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов. – М.: 2001. – 310 с.

[33]. Гребенкин, Ф.Б. Психическое насилие в преступлениях против собственности (сравнительно-правовой анализ) [Текст]: монография / Ф.Б.

Гребенкин; Фил. НОУ ВПО "Санкт-Петербургский ин-т внешнеэкономических связей, экономики и права" в г. Кирове. ИВЭСЭП. – Киров : [СПбИВЭСЭП], 2008. – 188 с.

[34]. Григорьев, В.А. Соучастие в преступлении по уголовному праву Российской Федерации [Текст]: учебное пособие / В.А.Григорьев. – М-во внутр. дел Рос. Федерации, Уфимская высш. шк. - Уфа: УВШ МВД РФ, 1995. – 75 с.

[35]. Дагель, П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление [Текст] / П.С. Дагель, Д.П. Котов. – Воронеж : Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – 243 с.

[36]. Дурманов, Н.Д. Стадии совершения преступления по советскому уголовному праву [Текст] / Н.Д. Дурманов. – Москва: Госюриздат, 1955. – 212 с.

[37]. Дуюнов, В.К., Хлебушкин А.Г. Квалификация преступлений: законодательство, теория, судебная практика [Текст]: монография / В.К. Дуюнов, А.Г. Хлебушкин. – М.: Инфра-М, РИОР, 2015. – 384 с.

[38]. Егоров, В. С. Понятие состава преступления в уголовном праве [Текст]: учеб. пособ. / В.С.Егоров. – М.: Моск. психолого-социальный ин-т; Воронеж: Изд-во НПО «МОДЭК», 2001. – 80 с.

[39]. Елисеев, С.А. Преступления против собственности [Текст]: курс лекций / С.А. Елисеев; Национальный исследовательский Томский государственный университет, Юридический институт. – Томск : Изд. Дом Томского гос. ун-та, 2018. – 191 с.

[40]. Жижиленко, А.А. Имущественные преступления [Текст] / А.А. Жижиленко, проф. Ленинградского ун-та. – Ленинград: Наука и школа, 1925. – 226 с.

[41]. Загородников, Н.И. Уголовная ответственность за государственные преступления [Текст] / Н.И. Загородников. – М., 1959. – 53 с.

[42]. Зелинский, А.Ф. Криминальная мотивация хищений и иной корыстной преступной деятельности [Текст] / А.Ф. Зелинский. – Киев, 1990. – 70 с.

[43]. Иванов, В.Д. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: Учеб. для высш. юрид. учеб. заведений / В.Д. Иванов. – Москва: Изд. торговый дом Кнорус (КР); Ростов н/Д: Феникс, 2002. – 510 с.

[44]. Иванов, Н.Г. Уголовное право России: Общ. и Особ. Части [Текст]: Учебник / Н.Г. Иванов. – Москва: Экзамен, 2003. – 766 с.

[45]. Иванов, Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата [Текст] / Н.Г. Иванов. – М., 2016. – 490 с.

[46]. Исаев, М.М. Имущественные преступления [Текст] / М.М. Исаев. – Москва: Юридическое издательство НКЮ СССР, 1938. – 88 с.

[47]. Исаев, М.М. Преступления против личной собственности [Текст] / М.М. Исаев. – М., 1939. – 40 с.

[48]. Карпец, И.И. Преступления международного характера [Текст] / И.И. Карпец. – М., 1979. – 262 с.

[49]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / отв. ред. В.М. Лебедев. 14-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2014. – 1359 с.

[50]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под общ. ред. В.М. Лебедева. М., 2004. – 880 с.

[51]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: в 2 х т. [Текст] / Под ред. О.Ф. Шишова. – М., 1998. – Т. 2. – 957 с.

[52]. Комментарий к Уголовному кодексу РСФСР [Текст] / Г.З. Анашкин, Х.М. Ахметшин, С.В. Бородин и др. отв. ред. Ю.Д. Северин. - 2-е изд., доп. и перераб. – Москва: Юридическая литература, 1984. – 528 с.

[53]. Комментарий к Уголовному кодексу РФ. Особенная часть. [Текст] / Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М. ИНФА. 1996. – 584 с.

[54]. Коржанский, Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны [Текст] / Н.И. Коржанский. – М.: Изд-во Акад. МВД СССР, 1980. – 248 с.

[55]. Корнеева, А.В. Теоретические вопросы квалификации преступлений [Текст] / под ред. А.И. Рарога. – Москва: ТК Велби: Проспект, 2006. – 159 с.

[56]. Кочои, С.М. Преступления против собственности: Коммент. гл. 21 УК РФ [Текст] / С.М. Кочои. – Москва: Проспект, 2001. – 97 с.

[57]. Кочои, С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности [Текст] / С.М. Кочои. – М., 2000. – 286 с.

[58]. Кочои, С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части [Текст]: учебник / С. М. Кочои. – Москва: Контракт : Волтерс Клувер, 2010. – 575 с.

[59]. Кригер, Г.А. Квалификация хищений социалистического имущества [Текст] / Г.А. Кригер. – Москва: Юридическая литература, 1974. – 336 с.

[60]. Кригер, Г.Л. Ответственность за разбой [Текст] / Г.А. Кригер. – М., 1968. – 103 с.

[61]. Крылова, Н.Е. Уголовное право зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии) [Текст]: учеб. пособ. / Н.Е. Крылова, А.В. Серебренникова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М. : Зерцало, 1998. – 187 с.

[62]. Крылова, Н.Е. Уголовное право Франции [Текст]: учебное пособие для вузов / Н.Е. Крылова. – Москва:Юрайт, 2020. – 272 с.

[63]. Кудрявцев, В.Н. Генезис преступления. Опыт криминологического моделирования [Текст] / В.Н. Кудрявцев. – М.,1998. – 214 с.

[64]. Куринов, Б.А. Научные основы квалификации преступлений: учебное пособие для студ. юрид. институтов [Текст] / Б.А. Куринов. – М.: МГУ, 1976. – 182 с.

[65]. Курс российского уголовного права. Особенная часть [Текст] / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 2002. – 1038 с.

[66]. Курс советского уголовного права. Часть особенная. Т. 3 [Текст] / Отв. ред.: Н.А.Беляев, М.Д. Шаргородский. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1973. – 836 с.

[67]. Курс уголовного права в пяти томах. Том 4. Особенная часть [Текст] / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комисарова. М.: Зерцало, 2002. – 662 с.

[68]. Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3 [Текст] / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комисарова. – М.: Зерцало, 2002. – 468 с.

[69]. Курс уголовного права: Учение о преступлении. Общая часть [Текст]: учебник. Т. 1 / Г.Н. Борзенков, В.С. Комиссаров, Н.Е. Крылова, Н.Ф. Кузнецова, и др.; Под ред.: Н.Ф. Кузнецов, И.М. Тяжкова – М.: Зерцало, 1999. – 592 с.

[70]. Лазарев, А.М. Субъект преступления [Текст]: учеб. пособ. / А.М. Лазарев. – М. : ВЮЗИ, 1981. – 63 с.

[71]. Лопашенко, Н.А. Посягательства на собственность [Текст] / Н.А. Лопашенко. – Москва : Норма, 2012. – 527 с.

[72]. Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности [Текст] / Н.А. Лопашенко. – М., 2004. – 182 с.

[73]. Лопашено, Н.А. Преступления против собственности (Кн.4): авторский курс [Текст]: монография в 4 книгах / Н.А. Лопашенко. – М.: Юрлитинформ, 2019. – 294 с.

[74]. Мальцев, В.В. Ответственность за преступления против собственности [Текст] / В.В. Мальцев. – Волгоград, 1999. – 152 с.

[75]. Матышевский П.С. Ответственность за преступления против социалистической собственности [Текст] / П.С. Матышевский. – Киев: Вища школа: Изд-во при Киев. ун-те, 1983. – 175 с

[76]. Миненок, М.Г., Миненок Д.М. Корысть: криминологические и уголовно-правовые проблемы [Текст] / М.Г. Миненок, Д.М. Миненок. – СПб., 2001. – 366 с.

[77]. Михайлов, М.П. Уголовная ответственность за кражу личного имущества и разбой (по советскому праву) [Текст] / М.П. Михайлов. – М.: Госюриздат, 1958. – 155 с.

[78]. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М.М. Муллаев. – Сталинабад: Изд–во Таджик. гос. Ун-та, 1960. – 159 с.

[79]. Нагаева, Т.И. Нападение как категория уголовного права [Текст] / Т.И. Нагаева. – М.: Компания Спутник, 2007. – 168 с.

[80]. Наумов, А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: Комментарий судебной практики и доктринальное толкование [Текст] / Под ред. Г.М. Резника. – М., 2005. – 926 с.

[81]. Наумов, А.В. Российское уголовное право [Текст]: Общая часть. Курс лекций: В 3-х т. Т. 1 / А.В. Наумов. - 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – 736 с.

[82]. Никифоров, Б.С. Борьба с мошенническими посягательствами на социалистическую и личную собственность по советскому уголовному праву [Текст] / Б.С. Никифоров. – М: Изд-во АН СССР, 1952. – 150 с.

[83]. Никифоров, Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / Б.С. Никифоров. – М.,1960. – 229 с.

[84]. Никифоров, Б.С. Решетников Ф.М. Современное американское уголовное право [Текст] / Б.С. Никифоров, Ф.М. Решетников. – М. : Наука, 1990. – 253 с.

[85]. Никифоров, Б.С. Уголовно-правовая охрана личной собственности в СССР [Текст] / Б.С. Никифоров. – Москва: Изд-во АН СССР, 1954. – 158 с.

[86]. Новое уголовное право России. Особенная часть: Учеб. пособие / Моск. гос. ун-т им. М. В. Ломоносова; [Борзенко Г.Н. и др.]; Под ред. Н.Ф. Кузнецовой. – Москва : Зерцало : ТОО "ТЕИС", 1996. – 391 с.

[87]. Павлов, В.Г. Субъект преступления и уголовная ответственность [Текст]: монография / В.Г. Павлов. – СПб.: Лань [и др.], 2000. – 188 с.

[88]. Пинаев, А.А. Уголовно-правовая борьба с хищениями [Текст] / А.А. Пинаев. – Харьков: Вища шк. Изд-во при Харькове. ун-те, 1975. - 189 с.

[89]. Пионтковский, А.А. Советское уголовное право. Т.2. Особенная часть [Текст] / А.А. Пионтковский. – М-Л., 1928. – 428 с.

[90]. Пионтковский, А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права Особенная часть. Т.1 [Текст] / А.А. Пионтковский, В.Д. Меньшагин. – М., 1955. – 800 с.

[91]. Познышев, С.В. Особенная часть русского уголовного права [Текст] / С.В. Познышев. – М., 1905. – 408 с.

[92]. Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – 818 с.

[93]. Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под общ. ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. – М., 2001. – 859 с.

[94]. Прозументов, Л.М. Групповая преступность несовершеннолетних и основные направления ее предупреждения [Текст] / Л.М. Прозументов. – Томск, 2001. – 280 с.

[95]. Рарог, А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам [Текст] / А.И. Рарог. – СПб., 2003. – 279 с.

[96]. Решетников, Ф.М. Буржуазное уголовное право - орудие защиты частной собственности [Текст] / Ф.М. Решетников. – Москва : Юрид. лит., 1982. – 216 с.

[97]. Российская юридическая энциклопедия [Текст] / Абова Т.Е. и др. Гл. ред. А.Я. Сухарев. – Москва: ИНФРА-М, 1999. – 1110 с.

[98]. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – 704 с.

[99]. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М.: Проспект, 2010. – 688 с.

[100]. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М., 2003. – 448 с.

[101]. Российское уголовное право: Курс лекций [Текст] / Т.А. Бушуева, Ю.В. Голик, А.И. Долгова и др. Науч. ред. А.И. Коробеев. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та. Т. 1. - 1999. – 602 с.

[102]. Рубинштейн, С.Л. Бытие и сознание [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – М., 1957. – 328 с.

[103]. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – М., 1946. – 704 с.

[104]. Савенков, А.Н. Уголовное право Российской Федерации: проблемный курс для магистрантов и аспирантов: в 3 т. Т. 2. Книга 1 [Текст] / А.Н. Савенков. – М, 2023. – 724 с.

[105]. Сафаров, А.И., Саидов, Ш.Н., Қудратов, Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – 270 с

[106]. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – 464 с.

[107]. Севрюков, А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты [Текст] / А.П. Севрюков. – Москва: Экзамен, 2004. – 350 с.

[108]. Семыкин, М.В. Создание террористической группы или террористической организации: уголовно-правовое исследование [Текст] / Семикин М.В.; под общ. ред. проф. В.П. Емельянова. – Х.: Изд-во Нац. ун-та внутр. дел, 2003. – 145 с.

[109]. Сердюк, Л.В. Насилие: криминологическое и уголовно-правовое исследование [Текст] / под ред. проф. С.П. Щербы. – М.: ООО Издательство «Юрлитинформ», 2002. – 380 с.

[110]. Серебренникова, А.В. Уголовное право Германии: учебное пособие для вузов [Текст] / А.В. Серебренникова. – Москва: Юрайт, 2020. – 258 с.

[111]. Симонов, В.И., Шумихин В.Г. Преступное насилие: понятие, характеристика и квалификация насильственных посягательств на собственность [Текст] / В.И. Симонов, В.Г. Шумихин. – М., 1993. – 119 с.

[112]. Советское уголовное право. Особенная часть [Текст]: [Учеб. пособие для юрид. ин-тов и фак. гос. ун-тов] / [Отв. ред. Б.С. Утевский]. – Москва: Госюриздат, 1958. – 455 с.

[113]. Советское уголовное право. Части общая и особенная [Текст]: Допущено УУЗ НКЮ СССР в качестве учебника для юрид. школ / Всес. ин-т юрид. наук НКЮ СССР. Кафедра угол. права 1-го Ленингр. юрид. ин-та. – Москва: Юриздат, 1940. – 224 с.

[114]. Солиев, К.Х., Рахимов Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики. Теория и практика уголовного права [Текст] / К.Х. Солиев, Р.Х. Рахимов. – Душанбе, 2001. – 275 с.

[115]. Старко, О.В. Бытовые насильственные преступления (причинность, групповая профилактика, наказание) [Текст] / О.В. Старков. – Рязань: Изд-во РВШ МВД РФ, 1992. – 162 с.

[116]. Тишкевич, И.С. Приготовление и покушение по советскому уголовному праву (понятие и наказуемость) [Текст] / И.С. Тишкевич. – Москва: Госюриздат, 1958. – 260 с.

[117]. Трайнин, А.Н. Общие учение о составе преступления [Текст] / А.Н. Трайнин. – М., 1957. – 363 с.

[118]. Уголовное законодательство зарубежных стран: сб. законодательных материалов [Текст] / под. ред. И.Д. Козочкина. – М., 1998. – 346 с.

[119]. Уголовное право [Текст]: Особенная часть: Учеб. для вузов / [Т.И. Ваулина, П.А. Волостнов, М.И. Ковалев и др.]. – Москва: ИНФРА-М: Норма, 1997. – 755 с.

[120]. Уголовное право [Текст]: Особенная часть: учеб. для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – 960 с.

[121]. Уголовное право [Текст]: Часть особенная: [Учебник для юрид. фак. и ин-тов] / Высш. школа М-ва охраны обществ. порядка СССР. – Москва: Юрид. лит., 1968. – 582 с.

[122]. Уголовное право России [Текст]: практический курс: учебно-практическое пособие: учебник для студентов вузов, обучающихся по

специальности "Юриспруденция" / [Адельханян Р.А. [и др.]; под науч. ред. А.В. Наумова. - 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Волтерс Клувер, 2004. – 713 с.

[123]. Уголовное право России. Общая и Особенная части: Учеб. для студентов вузов, обучающихся по специальности "Юриспруденция" [Текст] / [Д.И. Аминов, Л.И. Беляева, В.Б. Боровиков и др.]; Под ред. В.П. Ревина. – Москва: Юрид. лит., 2000. – 813 с.

[124]. Уголовное право России. Общая и Особенная части: учебник для вузов [Текст] / под общ.ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова. – М., 2007. – 911 с.

[125]. Уголовное право России. Особенная часть [Текст] / под ред. А.И. Рарога. – М.: Эксмо, 2009. – 703 с.

[126]. Уголовное право России. Особенная часть. Второй полутом: Учебник для вузов [Текст] / Под ред. Г.Н. Борзенкова и В.С. Комиссарова. – М, 2005. – 588 с.

[127]. Уголовное право России. Особенная часть: учебник для студентов вузов [Текст] / под ред. Л. В. Иногамовой-Хегай, А.И. Рарога., А.И. Чучаева. – М., 2008. – 800 с.

[128]. Уголовное право России. Части Общая и Особенная [Текст] / под ред. А.В. Бриллиантова. – М.: Проспект, 2010. – 1232 с.

[129]. Уголовное право России. Части Общая и Особенная [Текст] / под ред. А.И. Рарога. 6е изд. М.: ТК «Велби»; Проспект, 2008. – 704 с.

[130]. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть [Текст] / под ред. А.И. Марцева. – Омск, 2000. – 686 с.

[131]. Уголовное право Украины. Общая и Особенная части [Текст]: учеб. / под ред. Е.Л. Стрельцова. – Х. : ООО «Одиссей», 2002. – 960 с.

[132]. Уголовное право Украины. Общая часть: учеб. / М.И. Бажанов, Ю.И. Баулин, В.И. Борисов и др.; под ред. проф. М.И. Бажанова, В.В. Сташиса, В.Я. Тация. – 2-е изд., перераб. и доп. – К.: Юринком Интер, 2004. – 672 с.

[133]. Уголовное право. Общая часть [Текст]: учебник для бакалавров / [Мицкевич А. Ф. и др.]; отв. ред. А.Н. Тарбагаев; [Сибирский федеральный ун-т, Юридический ин-т]. - Изд. 2-е, перераб. и доп. – Москва: Проспект, 2016. – 448 с.

[134]. Уголовное право. Общая часть Учебник [Текст] / Н.И. Ветров, Р.Л. Габдрахманов, В.И. Динека и др.; Отв. ред. Н.И. Ветров, Ю.И. Ляпунов. – М.: Новый юрист, КноРус, 1997. – 584 с

[135]. Уголовное право. Особенная часть [Текст] / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2008. – 1008 с.

[136]. Уголовное право. Особенная часть [Текст] / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – 960 с.

[137]. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: Учебник / Н.Н. Афанасьев, канд. юрид. наук, доц., Н. И. Ветров, засл. деят. науки, д-р юрид. наук, проф., Р.Л. Габдрахманов, канд. юрид. наук и др.; Отв. редакторы: Доктора юрид. наук, профессора Н.И. Ветров, засл. деят. науки РФ, Ю.И. Ляпунов. – Москва: Новый Юрист, 1998. – 766 с.

[138]. Уголовный кодекс [Текст]: С изменениями на 1 августа 1941 г.: Офиц. текст с прил. постатейно-систематизированных материалов / Нар. ком. юстиции РСФСР. – Москва: Юрид. изд-во, 1941. – 207 с.

[139]. Устинова, Т.Д. Уголовная ответственность за бандитизм (По новому УК РФ) / Т.Д. Устинова. – М.: Бизнес-школа "Интел-Синтез", 1997. – 187 с.

[140]. Учебно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под общ. ред. А.Э. Жалинского. – М, 2006. – 1086 с.

[141]. Философский словарь [Текст] / А.В. Адо [и др.]; под ред. И.Т. Фролова. – Москва: Политиздат, 1986. – 588 с.

[142]. Хилюта, В.В. Хищение: понятие, признаки, проблемы квалификации [Текст]: монография / В.В. Хилюта. – Гродно: ГрГУ, 2011. – 335 с.

[143]. Хулапова, Л.Г. Ответственность за разбой по законодательству ТССР [Текст] / Л.Г. Хулапова. – Ашхабад, 1985. – 122 с.

[144]. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Ҳ.С. Салимов ва н.и.ҳ., дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. - 427 с.

[145]. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ: дар 3 ҷилд. Ҷилди 1 [Матн] / Зери таҳрири д.и.ҳ., Р.Ҳ.Раҳимзода. – Душанбе, 2023. – 424 с.

[146]. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 550 с

[147]. Шарапов, Р.Д. Физическое насилие в уголовном праве [Текст] / Р.Д. Шарапов. – СПб., 2001. – 296 с.

[148]. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокирзода, З.Х., Зиёбоева,М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ(Қисми умумӣ). Нашри 5- ум, такмилдодашуда [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020. – 223 с

[149]. Энциклопедия уголовного права: Соучастие в преступлении. Т. 6 [Текст] / С.С. Аветисян, Е.А. Галактионов, Р.Р. Галиакбаров, Л.Д. Ермакова, и др. – Пб.: Изд. профессора Малинина, 2007. – 564 с.

[150]. Birzer M. Introduction to Criminal Investigation [Tekst] / M. Birzer, C. Roberson. – Boca Raton: CRC Press, 2012. – 145 с.

### III. Мақолаҳо ва маърузаҳо:

[151]. Агапов, П. Уголовно-правовая характеристика нападения при бандитизме [Текст] / П. Агапов // Уголовное право. – М.: АНО "Юридические программы", 2005. – № 2. – С. 4-7.

[152]. Андреева, А., Овчинникова Г. Квалификация бандитизма [Текст] / А. Андреева, Г. Овчинникова // Законность. – 1996. – № 4. – С. 17-20.

[153]. Ахраменко К.В. Физическое насилие как способ совершения преступления. Актуальные вопросы современного права. Пути

теоретического и практического решения проблем [Текст] / К.В. Ахраменко // Сборник статей Международной научно – практической конференции 16 октября 2017 г. Уфа, 2017. – С.14.

[154]. Бажанов, М.И. Понятие организованной преступной группы и преступной организации [Текст] / М. И. Бажанов // Сборник научных трудов Харьковского Центра изучения организованной преступности. – Х., 2000. — Вып. Первый – С. 15-25.

[155]. Базаров, Р.А. Уголовно-правовой анализ объективных признаков разбоя: Юриспруденция [Текст] / Р.А. Базаров // Вестник ВЭГУ: Юриспруденция. Научный журнал. – Уфа: Изд-во Восточного ун-та, 2006. – № 27/28. – С. 72-79.

[156]. Бахриддинзода, С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан [Текст] / С.Э. Бахриддинзода // Правовая жизнь. – 2017. – №2(18). – С. 98-102.

[157]. Белокуров, О.В. Международное и национальное уголовное законодательство: проблемы юридической техники [Текст] / О.В.Белокуров // Материалы III Международной научно-практической конференции, состоявшейся на юридическом факультете МГУ им. М.В. Ломоносова, 29-30 мая 2003 г. / Редкол.: Г.Н. Борзенко, В.С. Комиссаров, Н.Е. Крылова, Н.Ф. Кузнецова, И.М. Тяжкова. – М.: ЛексЭст, 2004. – 456 с.

[158]. Благов, Е. Квалификация преступлений при конкуренции части и целого [Текст] / Е. Благов // Уголовное право. – 2003. – № 1. – С. 12-15.

[159]. Болотский, Б.С. Об уголовно-правовой оценке разбоя в советском праве: Вопросы уголовного и исправительно-трудового права, уголовного процесса и криминалистики [Текст] / Б.С. Болотский // Ученые записки: Вопросы уголовного и исправительно-трудового права, уголовного процесса и криминалистики. Ученые записки Саратовского юридического института. – Саратов, 1969, Вып. 16. – С. 104-110.

[160]. Борзенков, Г.Н. Особенности квалификации хищения при трансформации способа и стечении нескольких способов в одном преступлении [Текст] / Г.Н. Борзенков // Уголовное право: стратегия

развития в XXI веке. Материалы международной научно-практической конференции, 29 - 30 января 2004 г. – М.: Изд-во МГЮА, 2004. – С. 309-316.

[161]. Векленко, В., Зайцева Е. Спорные вопросы квалификации преступлений, совершенных с применением оружия или предметов, используемых в качестве оружия [Текст] / В. Векленко, Е. Зайцева // Уголовное право. – 2009. – № 2. – С. 23-29.

[162]. Гравина, А.А., Яни П.С. Правовая характеристика нападения как элемента объективной стороны разбоя [Текст] / А.А. Гравина, П.С. Яни // Советская юстиция. – 1981. – № 7. – С. 19-20.

[163]. Ефремов, С. Организованность в преступности и уровне организованной преступности [Текст] / С. Ефремов // Право Украины. – 2003. – № 1. – С. 15-16.

[164]. Иванов, Н. Умысел в уголовном праве России [Текст] / Н. Иванов // Российская юстиция. – М.: Юрид. лит., 1995. – № 12. – С. 16-18.

[165]. Кочои, С. Разбой (некоторые вопросы квалификации) [Текст] / С. Кочои // Уголовное право. – М.: Интел-Синтез, 2000. – № 2. – С. 28-30.

[166]. Кузнецов, А.П. Обстоятельства, отягчающие наказание [Текст] / А.П. Кузнецов // Пенитенциарная наука Т. 13. – 2019. – № 2. – С. 153-161.

[167]. Лопашенко, Н.А. Новое постановление Пленума Верховного Суда РФ по хищениям [Текст] / Н.А. Лопашенко // Законность. – 2003. – № 3. – С.33-34.

[168]. Марцев, А.И., Векленко В.В. Совершенствование уголовного законодательства об ответственности за разбой [Текст] / А.И. Марцев, В.В. Векленко // Российский юридический журнал. – 1994. – № 2. – С. 34-35.

[169]. Никифоров, Б.С. Обязательна ли корыстная цель при хищении [Текст] / Б.С. Никифоров // Советское государство и право. – 1949. – № 10. – С. 22-27.

[170]. Пантюхина, И.Г., Бражник С.Д. Анализ соответствия признаков разбоя форме хищения [Текст] / И.Г. Пантюхина, С.Д. Бражник // Юридическая наука. – 2014. – № 4. – С. 75-78.

[171]. Рузевич, О.Р., Андрюхин С.В. Преступления против собственности: проблема определения объекта [Текст] / О.Р. Рузевич, С.В. Андрюхин // Вестник Владимировского юридического института. – 2013. – №2 (27). – С. 116-119.

[172]. Симонов, В.И. К вопросу о физическом насилии как одном из элементов основного состава преступления [Текст] / В.И. Симонов // Вестник Пермского университета Выпуск 2. – 2001. – С. 234.

[173]. Симонов, В.И. Характеристика физического насилия как уголовно - правового понятия [Текст] / В.И. Симонов // Гаранти конституционных прав личности при осуществлении правосудия: межвуз.сб.науч.тр. ПГУ. – Пермь, 1980. -С. 23-30.

[174]. Упоров, И.В. Признаки нападения в составе разбоя как насильственного преступления против собственности [Текст] / И.В. Упоров // Сборник статей II Международной научно-практической конференции. Под общей редакцией Г.Ю. Гуляева. – 2017. – С. 250-253.

[175]. Успенский, А.О. недостатках определений некоторых форм хищения в новом УК [Текст] / А.О Успенский // Законность. – 1997. – №.2. – С. 33-36.

[176]. Халиков, Ш.Л. Причины и условия преступлений в сфере финансово-кредитных отношений [Текст] / Ш.Л. Халиков // Маводи конференсияи чумхуриявии илмӣ - назариявии хайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба чашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Хдмадонӣ», «Соли оила» ва Дадсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳайёт» солҳои 2005 - 2015. – Душанбе, 2015. – С. 559-560.

[177]. Чечель, Г.И., Алиев М.К. Разбой: некоторые вопросы объективной стороны [Текст] / Г.И. Чечель, М.К. Алиев // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. – 2006. – № 4. – С. 79-81.

[178]. Шарипов, Т.Ш. Концептуальные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности [Текст] / Шарипов Т.Ш. // Материалы республиканской научнотеоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников

ТНУ, посвященной 20-й годовщине Дня национального единства и «Году молодёжи». - Душанбе, 2017. - С. 557-559.

[179]. Шмаров, И., Мельникова Ю., Устинова Т. Ответственность за бандитизм: проблемы квалификации [Текст] / И. Шмаров, Ю. Мельникова, Т. Устинова // Законность 1994. – № 5. – С. 9-10.

[180]. Шумихин, В.Г. Квалификация преступлений, совершаемых способом насилия [Текст] / В.Г. Шумихин // Шестой Пермский конгресс ученых-юристов (г. Пермь, 16–17 октября 2015 г.): Избранные материалы / В.В. Акинфиева, А.А. Ананьева, С.И. Афанасьева [и др.]; Отв. ред. В.Г. Голубцов, О.А. Кузнецова. М.: Статут, 2016. – С. 425-442.

[181]. Яни, П.С. Вопросы квалификации разбоя [Текст] / П.С. Яни // Законность. – 2015. – № 10. – С. 45-50.

**IV. Диссертатсия ва авторефератҳо:**

[182]. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2014. – 413 с.

[183]. Алиев, М.К. Разбой: уголовно-правовые и криминологические аспекты: по материалам судебной практики Карачаево-Черкесской Республики и Ставропольского края [Текст]: дис ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Алиев Мурат Кямалович. – Ставрополь, 2008. – 221 с.

[184]. Арзуманян, А.А. Разбой как самостоятельный вид посягательства на собственность (уголовно-правовая и криминологическая характеристика) [Текст]: дис ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Арзуманян Андрей Арсентьевич. – Ростов-на-Дону, 2004. – 175 с.

[185]. Байзакова, Г.М. Применение оружия как квалифицирующий признак насильственных преступлений [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Байзакова Гульсум Муратовна. – Челябинск, 2007. – 30 с.

[186]. Барсукова, И.Г. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика разбоя [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Барсукова Ирина Геннадьевна. – Моск. ун-т МВД РФ. - Москва, 2005. – 25 с.

[187]. Барченков, Д.В. Разбой (Уголовно-правовые и криминологические аспекты) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Барченков Денис Валерьевич. – Рязань, 2002. – 187 с.

[188]. Башков, А.В. Уголовно-правовые аспекты вымогательства [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Башков Антон Викторович. – Екатеринбург, 2001. – 25 с.

[189]. Буркина, О.А. Уголовная ответственность за посягательства на собственность с применением насилия [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Буркина Ольга Александровна. – Омск, 2008. – 23 с.

[190]. Векленко, В.В. Квалификация хищений чужого имущества [Текст]: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Векленко Василий Владимирович. – Екатеринбург, 2001. – 46 с.

[191]. Волошин, П.В. Насильственные хищения чужого имущества: Сравнительный анализ по законодательству Республики Казахстан и Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Волошин Петр Валерьевич. – Челябинск, 2005. – 26 с.

[192]. Вьюнов, В.М. Разбой: уголовно-правовая характеристика [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вьюнов Вячеслав Михайлович. – Томск, 2003. – 213 с.

[193]. Галимов, И.Х. Разбой: уголовно-правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Галимов Ильшат Ханисович. – Уфа,2004. – 279 с.

[194]. Гребенкин, Ф.Б. Уголовно-правовое значение психического насилия в преступлениях против собственности [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Гребёнкин Фёдор Борисович. – Москва, 2004. – 26 с.

[195]. Дубченко, С.В. Уголовно-правовая характеристика корыстно-насильственных преступлений [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Дубченко Светлана Викторовна. – Тюмень, 2009. – 21 с.

[196]. Дьячкин, О.П. Уголовно-правовая охрана объектов электроэнергетики и связи [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Дьячкин Александр Петрович. – Днепропетровск, 2009. – 345 с.

[197]. Елисеев, С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России: Историко-теоретическое исследование: дис ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Елисеев Сергей Александрович. – Томск, 1999. – 337 с.

[198]. Ивахненко, А.М. Квалификация бандитизма, разбоя, вымогательства: проблемы соотношения составов [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ивахненко Алла Михайловна. – М., 1996. – 227 с.

[199]. Казанков, В.Ю. Разбой как форма хищения чужого имущества (уголовно-правовой аспект) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Казанков Владимир Юрьевич. – Ростов – на – Дону. – 198 с.

[200]. Кочои, С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России [Текст]: автореф. дис... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Кочои Самвел Мамадович. – М., 1999. – 33 с.

[201]. Кудратов, Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства (по материалам Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Кудратов Некруз Абдунабиевич. – М., 2012. – 28 с.

[202]. Куфелкина, И.Ю. Формы соучастия в преступлении: проблемы теории и законодательной регламентации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 5.1.4. / Куфёлкина Ирина Юрьевна. – Казань, 2024. – 252 с.

[203]. Майорова, Е.И. Неоднократность преступлений по уголовному праву [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Майорова Елена Ивановна. – М., 1999. – 25 с.

[204]. Малькова, И.Ю. Грабеж: вопросы квалификации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Малькова Ирина Юрьевна. – Саратов, 2009. – 30 с.

[205]. Мирзоев, Қ.Х. Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ва муқовимат бо он [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Мирзоев Қобилҷон Холмуродович. – Душанбе, 2020. – 229 с.

[206]. Михеев, Р.П. Проблемы вменяемости, вины и уголовной ответственности (теория и практика) [Текст]: автореф. дис... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Михеев Рудольф Иванович. – М., 1995. – 70 с.

[207]. Нагаева, Т.И. Уголовно-правовая оценка нападения [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Нагаева Татьяна Ивановна. – М., 2005. – 176 с.

[208]. Петухов, Р.Б. Множественность преступлений по Уголовному кодексу РФ [Текст]: автореф. … дис. канд. юрид. наук: 12.00.08 / Петухов Руслан Борисович. – М. 1999. – 17 с.

[209]. Раджабов, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Раджабов Комрон Давлатович. – Душанбе, 2018. – 175 с.

[210]. Рахимзода, Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ) [Текст]: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.09 / Рахимзода Рамазон Хамро. – Душанбе, 2018. – 72 с.

[211]. Рахимзода, Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ) [Текст]: дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.09 / Рахимзода Рамазон Хамро. – Душанбе, 2018. - 581 с.

[212]. Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед. – Душанбе, 2020 – 182 с.

[213]. Савкин, Д.Е. Хищение в формах присвоения и растраты: уголовно–правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Савкин Дмитрий Евгеньевич. – Уфа, 2006. – 210 с.

[214]. Саидзода, Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории чиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: / 12.00.08 / Саидзода Шоҳин Нуриддин. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[215]. Сарсембаева, С.Т. Разбой: уголовно-правовые и криминологические проблемы [Текст]: дис. …учен. степен. док. философии (PhD): 6D030100 / Сарсембаева Самал Тлековна. – Астана, 2014. – 180 с.

[216]. Сафарзода, А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Сафарзода Анвар Ислом. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[217]. Севрюков, А.П. Криминологическая и уголовно-правовая характеристика грабежей и разбоев, совершаемых с незаконным проникновением в жилище, и их предупреждение [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Севрюков Александр Павлович. – М., 2000. – 198 с.

[218]. Степанов, М.В. Уголовно-правовая политика противодействия преступлениям против собственности (теоретико-прикладной анализ) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Степанов Максим Вячеславович. – Новгород Н., 2005. – 30 с.

[219]. Ступина, С.А. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ступина Светлана Александровна. – Иркутск. 2002. – 22 с.

[220]. Токарчук, Р.Е. Насилие как составообразующий признак хищений: вопросы уголовной ответственности [Текст]: автореф. дис. ... кандидата юридических наук: 12.00.08 / Токарчук Роман Евгеньевич. – Омск, 2008. – 23 с.

[221]. Фролов, М.В. Имущество как предмет хищения: единство и дифференциация гражданско-правового и уголовно-правового моментов

понятия [Текст]: автореф. дис... канд. юрид наук: 12.00.08 / Фролов Максим Викторович. – Екатеринбург. 2002. – 29 с.

[222]. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистоан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоикович. – Душанбе,2017. – 178 с.

[223]. Челябова, З.М. Насилие в посягательствах на собственность: понятие, виды, проблемы законодательной регламентации, квалификации и наказания [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Челябова Залина Магомедзагировна. – Саратов, 2020. – 253 с.

[224]. Черненко, Т.Г. Множественность преступлений по российскому уголовному праву [Текст]: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Черненко Тамара Геннадьевна. – Томск. 2001. – 38 с.

[225]. Шарипов, Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шарипов Рустамджон Исмоилхонович. – Москва, 2012. – 21 с.

[226]. Юнусов, А.Х. Квалификация разбойных нападений по действующему уголовному законодательству [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Юнусов Али Хабибович. – Л., 1991. – 16 с.

**V. Махзани электронӣ**

[227]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 01.05.2024).

[228]. Нишасти матбуотии Вазири корҳои дохилӣ оид ба фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www.vkd.tj/index.php/ tj / 2020–01–18–07–50–

18 / khabar–o–bojgon/33433–nishasti–matbuot–oid–ba–fa–oliyati–khizmatii–kormandoni–militsiya–dar–soli–2021 (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[229]. Crisafi, M. Il reato di rapina // Guide di diritto penale [Risorsa elettronica]. Modo di accesso: https://www.studiocataldi.it (data del caso: 27.10.2023)

[230]. Theft Act 1968 [Electronic resource]: Act of the Parliament of the United Kingdom, 26th July 1968. Access mode: http://www.legislation.gov.uk (date of request: 27.10.2024).

[231]. Stokeling, V. United States [Electronic resource]: Opinion of the Court, № 17-5554, January 15, 2019. Access mode: https://www.supremecourt gov (date of request: 27.10.2022).

**VI.Таҷрибаи судӣ:**

[232]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1- 345/19 // Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[233]. Парвандаи №1-104/19 // Бойгонии Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

[234]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1-479/20// Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[235]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1-234/15// Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[236]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1-123/18 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[237]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1- 421/17 // Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

[238]. Парвандаи ҷиноятӣ №1-104/17 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Мирализода, Н.А. Баъзе аз масоили муайян намудани объекти ҷиноят ҳангоми содиршавии роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2024. – №1 (53). – С. – 208-215; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Мирализода, Н.А. Масъалаҳои муайян намудани аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №1 (33). – С. 250-260; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Мирализода, Н.А. Мавқеи роҳзанӣ дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №2 (34). – С. 238-246; ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Мирализода, Н.А. Содир кардани роҳзанӣ бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда [Матн] / Н.А. Мирализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №3. – С. 240-244; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Мирализода, Н.А. Ҷавобгарӣ барои содиршавии роҳзанӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Мирализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 675-681.

**[6-М].** Мирализода, Н.А. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии зӯроварӣ ҳангоми роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 282-292.